# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

## Қуввати стратегия

ГЭРИ КИСИ

# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

## Қуввати стратегия

**ГЭРИ КИСИ**

***Your Financial Revolution, The Power of Strategy, Tajik***
Copyright © 2022 by Gary Keesee

Originally published in English
Copyright © 2019 by Gary Keesee
ISBN: 978-1-945930-14-0

Gary Keesee Ministries,
P.O. Box 779, New Albany,
OH 43054, USA
GaryKeesee.com

This book is a FREE GIFT from Gary Keesee Ministries and is

NOT FOR SALE

***Инқилоби молиявии ту. Қуввати стратегия, бо забони тоҷикӣ***
© 2022, Гэри Киси

Саравввал бо забони англисӣ нашр гардидааст.
© 2019, Гэри Киси
ISBN: 978-1-945930-14-0

Хидматгузории Гэри Киси,
Қуттии мактубҳо 779, Ню Албани,
Оҳайо 43054, ИМА

GaryKeesee.com

Ин китоб аз Хидматгузории Гэри Киси тӯҳфа аст ва ФУРӮХТА НАМЕШАВАД.

Дар қисми сеюми силсилаи “Инқилоби молиявии ту” Гэри Киси яке аз муҳимтарин ҷиҳатҳои муваффақияти худ ва АЗ ҲАМА МУҲИМТАРИН асрори Подшоҳии Худоро, яъне қуввати стратегияро ошкор мекунад! Ҳар касе, ки ба куҷо тӯр андохтанро медонад, моҳӣ дошта метавонад. Худо ҷавобҳоеро, ки ба шумо лозиманд, дорад, аммо шумо бояд бифаҳмед, ки чӣ тавр ин ҷавобҳоро шунида ва дар ҳаёти худ истифода бурда метавонед. Ин китоб маҳз дар бораи ҳамин аст.

# БАХШОИШ

*Ман ин китобро ба ҳамсари худ Дренда бахшидан мехоҳам, зеро маҳз дастгирии ӯ, шавқу рағбати ӯ ба корҳои Худо ва муҳаббати ӯ ба оилаи худ ва ба ман дар тӯли ин солҳо ба ман илҳом бахшидаанд. Мо якҷоя исбот кардем, ки орзуҳо воқеан амалӣ мешаванд!*

– Гэри Киси

# МУНДАРИЧА


**Муқаддима** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7

**БОБИ 1.** Ту аз мо чӣ мехоҳӣ? . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 21

**БОБИ 2.** Подшоҳӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 37

**БОБИ 3.** Ҳайратзадагон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 47

**БОБИ 4.** Асосӣ: бе ин аз хона набароед . . . . . . . . . . . . . . 65

**БОБИ 5.** Шаҳодатҳои библиявӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 83

**БОБИ 6.** Оё ҳама бо забонҳои ғайр дуо мекунанд? . . . . . . . . . 93

**БОБИ 7.** Сандуқ бо ганҷҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 105

**БОБИ 8.** Ҳолати душвор барои пешравӣ . . . . . . . . . . . . . . 125

**БОБИ 9.** Садои орому сокит . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 137

**БОБИ 10.** Рӯъёҳо ва хобҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 151

**БОБИ 11.** Рӯҳулқудс ҳамчун сардори ман садо медиҳад . . . 165

**БОБИ 12.** Чӣ тавр дуо карда, бо Рӯҳулқудс таъмид
ёфтан мумкин аст . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 181

**Эзоҳот** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 183

# МУҚАДДИМА

*“Инқилоби молиявии ту. Қуввати стратегия”* – ин сеюмин китоб аз силсилаи “Инқилоби молиявӣ” мебошад. Онҳо ҳамагӣ панҷто хоҳанд буд, ва ҳамаи онҳо версияи васеи анҷуманеро, ки ман дар Албание̂ соли 2005 гузаронида будам, дар бар мегиранд. Маҳз дар ҳамин анҷуман роҳи зиндагии ман ба таври амиқ дигар шуд. Агар шумо аллакай ин воқеаро шунида бошед, муқаддимаро гузошта, аз боби аввал шурӯъ карда метавонед. Вале агар нашунида бошед, ба ман иҷозат диҳед, ки дар бораи ҷилои кабудранг ба шумо нақл кунам. “Ҷилои кабудранг? – мепурсед шумо. – Ин чӣ аст?”. Саволи шумо фаҳмо аст. Вақте ки ман онро дидам, он гоҳ ман ҳам намедонистам, ки он чӣ аст, вале қуввати Худо чунон пурзӯр буд, ки ман фаҳмидам: ин бояд аз ҷониби Ӯ бошад. Иҷозат диҳед, ки ин воқеаро ба шумо нақл кунам.

Ману ҳамсарам ҳаёти худро бо қарзҳо сар кардем ва дар тӯли нӯҳ сол қарздор будем. На танҳо қарздор будем, балки аз сабаби пул ва мушкилиҳое, ки ба он вобаста буданд, аз тарс ва озурдагии хастакунанда азоб мекашидем. Гарчанде мо ҳеҷ гоҳ ният надоштем, ки аз ҷиҳати молиявӣ ҳаёти худро хароб кунем, маҳз ҳамин корро иҷро мекардем. Мо аз корти оддии қарзии истгоҳи сӯзишворӣ сар кардем, сипас як корти Visa, баъд аз он даҳ корти Visa. Вақте ки мо аз рӯи корт пардохт карда наметавонистем, аз ширкатҳои молиявӣ бо фоизҳои зиёд, яъне аз бисту ҳашт то сию се фоиз қарз мегирифтем, то ки пардохтҳои худро сарҷамъ кунем. Вале боз пас аз муддате кортҳоро истифода мебурдем, ва қарзҳо зиёдтар мешуданд! Дар натиҷа мо даҳ корти қарзӣ бо ҳадди пурраи хароҷот, се қарз аз ташкилотҳои молиявӣ, гарав ба миқдори даҳҳо ҳазор доллар ба

фоидаи хадамоти андозсупорӣ, ва ҳамчунин бисёр қарзҳои хурд доштем. Мо даҳҳо ҳазор доллар ба духтури дандон, ба козургарии кимиёвӣ, ба волидайн қарздор будем, барои сарфу хароҷоти ду нақлиёти автомобилиамон ва иҷорапулии хона қарзҳо доштем... Ва бо ин рӯйхат тамом намешавад. Мо он вақтҳо дар хонаи иҷоравӣ зиндагӣ мекардем, ва маро ошуфтагӣ бо маънои пуррааш мехӯрд. Ман ба изтироб афтода будам, ва бароям антидепрессантҳо таъин карданд, вале фоида надоданд.

Ҳар он чизе, ки мо доштем, хароб шуда буд. Мошинҳои мо бештар аз 200 000 мил масофаро тай карда буданд. Дар як хонаи хурд ва кӯҳнаи деҳқоние, ки дар соли 1856 сохта шуда буд, зиндагӣ мекардем, ва барои 300 доллар иҷорапулии он, ки ҳар моҳ бояд месупоридем, душворӣ мекашидем. Бисёр тирезаҳои кӯҳна шикаста шуда буданд, ва, азбаски барои таъмир пул надоштем, мо ҳамту ба ҷойҳои кафидагӣ скотч мечаспондем. Вале ин ҳам кифоя набуд. Аз роғҳои он токи ангур сабзида ба хона ворид мешуд. Ҳамсари ман навдаҳои онро қайчӣ зада кӯтоҳ мекард, гӯё он яке аз қисмҳои ороишии хона бошад. Қолини хобгоҳи бачаҳоямонро аз партовгоҳи сари роҳ пайдо карда будем. Бистарҳои онҳоро аз хонаи пиронсолон дар байни чизҳое, ки барои партофтан ғун карда шуда буданд, гирифта будем. Ҳар як ашёи мебели хона аз ягон фурӯшгоҳи чизҳои кӯҳна ё тӯдаи партовҳо ёфт шуда буданд.

Вақте ҳар субҳ, бо фикри он ки чӣ тавр ба оилаам хӯрок ёбам, бедор мешавед, аз зиндагӣ лаззат бурдан ғайриимкон аст. Тарс маро ба танг меовард, шодмонӣ ва умед бошанд аз шиддати мубориза барои ҳаёт гум мешуданд. Ман ва Дренда ҳамагӣ нӯҳ соли дароз ҳамин тавр зиндагӣ кардем! Нӯҳ соли тӯлонӣ! Як моҳ, ё бадтаринаш як солро ба худ тасаввур кардан мумкин аст, вале нӯҳ солро-чӣ? Пас аз нӯҳ соли чунин ошуфтаҳолӣ одам аз ҷиҳати эмотсионалӣ хаста шуда, сабру қарорашро гум мекунад.

Дар давоми ҳамаи ин нӯҳ сол мо масеҳӣ будем ва ба калисои калон равуо доштем, ва дар он ҷо таълим дода мешуд, ки камбағалӣ барои халқи Худо мутобиқи иродаи Ӯ нест. Мо бисёр вақт ушру

ионатҳо медодем, вале аз рӯи ҳаёти молиявии мо ҳолат ба он монанд набуд, ки чунин таълимот ва амру фармонҳои Каломи Худо рост бошанд. Ман дар омӯзиши Аҳди Қадим маълумотнок будам, ва ҳамчунин зиёда аз як сол дар мактаби библиявӣ таҳсил карда будам. Ман мефаҳмидам, ки чизе нодуруст аст, вале умедворӣ доштам, ки бо мурури вақт ҳама чиз хуб хоҳад шуд. Вале дар давоми нӯҳ соли тӯлонӣ ин рӯй надод. Коллекторҳо қариб ҳар рӯз занг мезаданд, ва ману Дренда ҳама гуна умеди худро гум карда будем.

Ғайр аз ин, маро мушкилоти саломатӣ азоб медод; духтурҳо мегуфтанд, ки дар ман ҳама гуна нишонаҳои саршавии диабет мавҷуд мебошанд. Пул набуд, ҳамаи кортҳои қарзӣ бекор карда шуда буданд, дар хона хӯрок набуд. Тарс маро то ба дараҷае азоб медод, ки ман аслан аз баромадан ба кӯча метарсидам. Ҳамсарам аллакай фикран ба тартиб додани нақша сар карда буд, ки чӣ тавр ӯ бо бачаҳо ба хонаи волидайнаш баргашта кӯч мекунад, зеро ӯ гумон мекард, ки аз шавҳар маҳрум мемонад.

Ба ман пайваста адвокат занг мезад, ва ман, чуноне ки сидқан умед мекардам, доимо ваъда медодам, ки ҳисобҳоро пардохт мекунам, вале чун ҳамеша пул надоштам. Ва боре вақти саҳар ҳангоми гуфтугӯ косаи сабри ӯ лабрез шуд. “Ё шумо дар давоми се рӯз пулро дарёфт мекунед, ё барои ситонидани пуле, ки ба мизоҷи ман тааллуқ дорад, шуморо ба суд медиҳам”. Дар ин лаҳза ман фаҳмидам, ки баҳонаҷӯӣ ба охир расид. Ман пул надоштам, ва ҳатто худи хешу ақрабои ман ба мо дигар қарз намедоданд. Рӯҳафтода шуда, ба хобгоҳи худ дар хонаи хурди деҳқонӣ баромадам, ва ба кат афтода, ба Худо фарёд задам. Мутааҷҷибона, Ӯ зуд ба ман ҷавоб дод, рост ба қалби ман гап зад. Аввалан, Ӯ ба таври оддӣ оятеро аз Навиштаҷот, ки онро пештар дар Нома ба Филиппиён 4:19 борҳо шунида ва хонда будам, ёдрас кард.

*“Ва Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард”.*

“Албатта, ман ин ояти Навиштаҷотро медонам, – гуфтам ман ба Худованд ва давом додам: – Вале дар ҳаёти ман ин рӯй намедиҳад. Ҳамаи эҳтиёҷоти ман пур намешаванд”. Худованд ба ман ҷавоб дод: “Ман ба нохушиҳои ту ягон хел дахл надорам. Ту ба онҳо гирифтор шудаӣ, чунки то ҳол нафаҳмидӣ, ки Подшоҳии Ман чӣ тавр амал мекунад”. Ӯ ба ман боз баъзе чизҳоро гуфт, вале ман асли масъаларо фаҳмидам: қарзҳо дар ҳаёти ман мутобиқи иродаи Ӯ набуданд. Гарчанде чизе, ки ман аз Худо шунидам, маро ба ларза овард, бояд иқрор шавам, ки дар зери мафҳуми Подшоҳӣ чиро дар назар доштани Ӯ ба ман маълум набуд. Ман маълумоти илоҳиётшиносӣ доштам, ва ман гумон мекардам, ки Китоби Муқаддасро хеле хуб медонам, вале, зоҳиран, ман иштибоҳ мекардам. Аввалин коре, ки ман баъд аз шунидани ин суханон анҷом додам, ин буд, ки Дрендаро ёфта, барои он ки ман ҳамаро ба ин ҳолат оварда расонидам, дар наздаш тавба кардам. Сипас мо ҳар ду ба Худо дуо карда, аз Ӯ хоҳиш кардем, ки чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Худро ба мо таълим диҳад. Мо ҳамчунин тавба намудем, ки ба қарзҳо такя мекардем, ва қарор додем, ки дигар қарзҳоро ба ҳайси тарзу усули ҳаёт қабул нахоҳем кард. Вале дар асл, новобаста ба маълумоти библиявии ман, дар он лаҳза Подшоҳии Худо барои ман муаммо буд. Ягона зикри калимаи “Подшоҳӣ”дар Аҳди Ҷадид, ки ба ёдам омад, ин дуои “Падари мо” буд.

> *“Малакути Ту биёяд; иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд” (Мат. 6:10).*

Мо ҳақиқатан ҳам намефаҳмидем, ки Худо ба мо чӣ гуфтан мехоҳад, вале чун мо ба ҷустуҷӯи Худованд шурӯъ кардем, Ӯ ба таълим додани мо сар кард. Пеш аз ҳама фаҳмидан лозим буд, ки Подшоҳӣ чӣ аст ва чаро Худо ин истилоҳро ба кор бурд. Ӯ ба мо чӣ гуфтан мехост? Баъзе таҳқиқотҳоро гузаронида, ман фаҳмидам, ки Подшоҳӣ – ин на танҳо як тӯдаи одамон. Ин одамони зиёде мебошанд, ки дар зери юрисдиксияи ҳукумат ва подшоҳ зиндагӣ мекунанд. Аслан,

калимаи "подшоҳӣ" қудрати подшоҳро мефаҳмонад. Ҳокимияти подшоҳ ё қудрат ва қонунҳои вай ҳар як шаҳрвандро дар қаламрави ӯ тавассути ҳукумати ӯ фаро мегирад. Инак, ин ҷо барои ман фикри асосӣ ошкор шуд: Подшоҳии Худо – ин ҳокимият.

Ва ҳокимият қонунҳои худро дорад!

Оё мутаваҷҷеҳ шудед, ки ман, ҳамчун аксари масеҳиён, имкониятҳои Худоро ғалат шарҳ дода, дар бораи Ӯ тасаввуроти нодуруст доштам. Ман гумон мекардам, ки азбаски Ӯ Худост, ҳар чизе, ки бихоҳад ва ҳар вақте, ки бихоҳад, карда метавонад. Ман медонам, ки китобро то ин ҷо хонда, шумо мегӯед, ки ман хато мекунам, аммо иҷозат диҳед, ки идома диҳам. Азбаски ман боварӣ доштам, ки Худо дар вақти дилхоҳ ҳар кореро, ки Ӯ мехоҳад, иҷро карда метавонад, ман дуои беҷавобро ҳамчун дархосте тасаввур мекардам, ки Ӯ рад кардааст. Ин номуайянӣ нисбат ба дуо маро маҷбур мекард, то танҳо умедвор бошам, ки Ӯ ҷавоб медиҳад. Аз ин рӯ, қисми зиёди дуоҳои ман аз он иборат буд, ки бо зорию илтиҷо раҳму шафқати Ӯро талаб кунам, бо умеди он ки барои ҷалб кардани диққати Худо ҳолати ман ба таври кофӣ ҷиддӣ садо медиҳад. Аммо вақте Худо ба ман таълим дод, ки тамоми Подшоҳии Ӯ – ин ҳокимиятест бо қонунҳое, ки мо метавонем омӯзем ва истифода барем, ман хурсанд шудам. Ман дарк кардам, ки ба Масеҳ имон оварда, ман ворис ва шаҳрванди Подшоҳии бузурги Ӯ гардидам.

> *"Пас, шумо акнун на ғайр ҳастед ва на бегона, балки ҳамватани муқаддасонед ва аҳли хонаи Худо" (Эфс. 2:19).*

Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр ин ҷои Навиштаҷотро хондам ва фикр кардам: "Ман дар Подшоҳии Ӯ ҳуқуқҳои қонунӣ дорам! Наход ҳамааш то ин андоза осон бошад? Ҳамчун шаҳрванди Иёлоти Муттаҳида, ман набояд дар бораи он чизҳое, ки аллакай ба ман тааллуқ доранд, зорию тавалло кунам. Ба ман лозим нест, ки дар ҳаяҷону изтироб бошам, то исбот кунам, ки ман шаҳрванд ҳастам. Ман дар ин ҷо таваллуд шудаам. Вақте ки ман аз олами боло

дар Подшоҳии Худо таваллуд шудам, ман шаҳрванди Подшоҳии Ӯ гардидам. Ин чунин маъно дорад, ки ман аз ҳар гуна ҳуқуқу афзалиятҳое, ки дар қонунҳои Подшоҳии Ӯ навишта шудаанд, ба таври қонунӣ баҳраманд буда метавонам". Вақте ки Худо инро ба ман ошкор кард, дунёи ман комилан дигар шуд. Зеро ман ва Дренда, ҳамчун аксари масеҳиён, Подшоҳӣ ва қонунҳои онро дарк намекардем.

Дар асл аксари масеҳиён, давраҳои душворро аз сар гузаронида, бисёр вақт чунин мегӯянд: "Худо иҷозат медиҳад, ба Худо маълумтар аст, ҳама чиз дар зери назорати Худост, ё Худо соҳибихтиёр аст". Чунин гуфтаҳо аз имоне шаҳодат медиҳанд, ки Худо ба ҷавоб додан қодир аст, вале намехоҳад ё қарор додааст, ки дар ин кор ширкат накунад. Ин гуна тасаввурот дар бораи Худо – натиҷаи надонистани табиати Ӯ ё нафаҳмидани он, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад.

Иҷозат диҳед, то дар бораи он чизе, ки дар бораш ман сухан меронам, мисол биёрам. Агар шумо дар бонк миллиард доллар медоштед, шумо гуфта метавонистед: "Ман миллиард доллар дорам". Аммо дар асл шумо ҳангоми сухангронӣ дар киса миллиард доллар надоред. Ба ҷои ин дар ким-кадом муассиса миллиард доллар доред, ва шумо бояд ким-кадом раванди қонуниро пайгирӣ кунед, то аз ин муассиса пули худро ба даст оред. Подшоҳии Худо низ ҳамин гуна аст. Ҳамчун шаҳрвандон ва аъзои хонаи Худо, мо ҳақиқатан меросхӯрони ҳамаи он чизҳое ҳастем, ки дар Худо вуҷуд доранд. Аммо қонунҳо ва ҷараёнҳое мавҷуд мебошанд, ки тавассути онҳо мо он чизҳоеро, ки тибқи қонун ба мо тааллуқ доранд, соҳиб мешавем.

Азбаски аксар одамон Подшоҳии Худоро, дар баробари ҷараёнҳо ва қонунҳое, ки он тавассуташон амал мекунад, намефаҳманд, вақте чизе на ба он тавре ки дар Каломи Худо навишта шудааст, рӯй медиҳад, одамон тахмин мекунанд, ки ин айби Худо аст, на айби онҳо.

Ана ман чиро ошкор кардам. Фарз кардем, ки шумо аз Эмпайр-

стейт-билдинг худро партофтан хостед. Шумо на парашут доред, на ягон асбоб, вале шумо боварӣ доред, ки агар бо шиддат дастафшонӣ кунед, пас бехавф ба поён фаромада метавонед. Ба фикрам, шумо медонед, ки ин кирдори ахмақона бо чӣ меанҷомад. Сабаби он ки шумо натиҷаро медонед, аз он иборат аст, ки шумо қонуни ҷозибаи умумиҷаҳониро мефаҳмед. Чун медонед, ки қонун воқеӣ аст, рӯихотири касеро надорад ва ҳар дафъа якхела амал мекунад, шумо аз натиҷа дилпур ҳастед. Айни ҳамон тавр, сиққонакро пахш карда, шумо интизор мешавед, ки чароғ равшан мешавад, чунки қонунҳои нерӯи барқро медонед. Вақте ки ман дар ҳавопаймо парвоз мекунам, интизор мешавам, ки он ба осмон парвоз мекунад, чунки қонуни нерӯи болобарандаро медонам. Интизорӣ аз ҳавопаймо ва чароғи электрикӣ ҳар дафъа натиҷа меорад, чунки амали онҳо дар қонунҳое асос меёбанд, ки омӯхтан ва баъд такроран барои гирифтани натиҷаҳои шабеҳ ва иҷрои айни ҳамон вазифаҳо истифода бурдан мумкин аст. Барои Подшоҳии Худо ҳамин дараҷа дилпурӣ лозим аст.

> *Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад. Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.*
>
> – 1 Юҳанно 5:14, 15

Дилпурии мо дар ҳамин аст. Агар мо мувофиқи иродаи Худо чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад, ва агар мо донем, ки Ӯ моро мешунавад, пас он чиро, ки аз Ӯ талаб кардаем, меёбем. Мефаҳмед, ман аз натиҷа дилпур буда метавонам, чунки маҳз Подшоҳ қонунро барқарор кардааст. Ӯ ҳамчунин дастгирӣ кардани қонуни Худро ба нақша мегирад. Вақте ки дар Навиштаи Муқаддас гуфта мешавад, ки Ӯ моро мешунавад, ин маънои онро надорад, ки Ӯ суханони моро ба таври акустикӣ қабул мекунад, балки аниқтараш ба он монанд аст, ки судя парвандаро гӯш мекунад, то ки қарор қабул кунад. Судя на аз рӯи ҳиссиёти худ доварӣ мекунад, балки барои риояи қонун ба

нафъи шаҳрвандон. Ман аллакай пеш аз саршавии муҳокимаи судӣ медонам, ки он бо чӣ меанҷомад.

Вақте ки ман ва Дренда ба кор бурдани қонунҳои Подшоҳии Худоро сар кардем, шоҳиди рӯй додани корҳои аҷоиб гардидем. Мо дар давоми дуюним сол пурра аз қарзҳои худ халос шудем. Мо роҳеро аз зарурияти тақсим кардани “Happy Meal” дар байни се фарзандонамон то харидани мошинҳо бо пули нақд ва сохтмони хонаи орзукардаи худ дар 55 акр (22 гектар) замине, ки мо аллакай пардохт кардем, гузаштем. Мо ширкатҳоеро таъсис додем, ки бо гузашти солҳо то ҳол дар як сол садҳо ҳазор доллар фоидаи соф меоранд. Сипас мо дар шаҳри худ калисо барпо кардем, то ба одамон он чизҳоеро, ки дар бораи Подшоҳии Худо фаҳмидем, нақл кунем. Ва фаҳмидем, ки бисёр одамон он чизҳоеро, ки мо медонем, донистан мехоҳанд, ва бо ҳаёти хубе, ки Подшоҳии Худо пешниҳод мекунад, зиндагӣ кардан мехоҳанд. Ба туфайли Хушхабар оиди Подшоҳии Худо аз ҳамон вақт инҷониб шумораи аъзои калисо то якчанд ҳазор нафар меафзоянд.

Сарфи назар аз нақлҳои қариб ҳаррӯза оиди Подшоҳии Худо ман ба таври санҷиш ба гурӯҳи одамоне, ки ҳеҷ гоҳ дар ин бора нашунидаанд, муроҷиат кардан мехостам. Ман медонистам, ки барои дидани дигаргуниҳо дар ҳаёти одам дар робита бо фаҳмиши ӯ роҷеъ ба Подшоҳии Худо ба ман беш аз як сеанс лозим аст, то ба ӯ фаҳмиши асосии Подшоҳиро расонида тавонам. Консепсияе, ки, ба назари ман, бояд кор кунад, аз усули таълиму тарбияе, ки ман дар калисои методистӣ гирифтаам, ба вуҷуд омадааст. Вақте ки ман ҷавон будам, дар мо шабнишиниҳои якҳафтаинаи бедоршавӣ баргузор мешуданд. Бинобар ин ман дар бораи гузаронидани ҳафтаи бедоршавии молиявӣ, агар чунин ифода кардан мумкин бошад, орзу мекардам. Ман ба худ тасаввур мекардам, ки он шомгоҳон панҷ маротиба дар як ҳафта баргузор хоҳад шуд. Ман ҳеҷ гоҳ пеш аз ин дар бораи Подшоҳии Худо бо ин шакл таълим надода будам ва ба андеша афтодам, ки ман инро умуман ташкил карда метавонам ё не. Дар айни замон, барои ман аҷиб буд, ки пайиҳам ин панҷ машғулият

ба шунавандагон чӣ гуна таъсир расонида метавонанд. Ман дар бораи гузаронидани чунин ҷаласа дуогӯиро шурӯъ кардам ва аз Худо дархост намудам, ки ба ман чунин фурсатро фароҳам орад. Дархости ман аз он иборат буд, ки дар бораи Подшоҳӣ ба гурӯҳи одамоне нақл кунам, ки бори аввал роҷеъ ба ин мешунаванд.

Рӯзе ман як дӯстамро вохӯрдам, ки дар Албаниё башоратдиҳанда буд. Сӯҳбати мо ба бисёр ҷанбаҳои калисо ва хидматгузорӣ дахл дошт, ва дар охир мусоҳибаи мо то он ҷо тӯл кашид, ки Худо ба ман ошкор мекард. Ларри тирамоҳи ҳамон сол дар Албаниё анҷумани солонаи умумимиллии башоратдиҳандагии худро доир мекард ва ӯ маро ба ҳайси суханвар ба он ҷо таклиф кард. Ман ба ӯ хоҳиши худро дар бораи гузаронидани панҷ машғулият баён накардам, аммо вақте ӯ гуфт, ки ман се машғулият гузаронида метавонам, хеле хурсанд шудам. Ӯ гуфт, ки ман бояд на танҳо роҳкирои худ, балки ҳамчунин роҳкирои шубонҳои бисёрро, ки ташриф овардан мехоҳанд, пардохт кунам, чунки Албаниё дар он давра кишвари хеле камбағал буд. Ман розӣ шудам ва ба нақша гирифтам, ки тирамоҳи соли 2005 ба Албаниё сафар мекунам.

Ниҳоят фурсати сафар фаро расид, ва ман хеле аз он дар ҳаяҷон будам, ки дар бораи Подшоҳии Худо ба одамоне, ки ҳоло акнун ба омӯхтани имони масеҳӣ шурӯъ карда буданд, таълим дода метавонам. Вақте ки ман ба Албаниё омадам, Ларри маро дар фурудгоҳ пешвоз гирифт ва гуфт, ки яке аз суханварони ӯ баромади худро лағв кард, ва акнун ба ман лозим аст, ки на се, балки панҷ машғулият гузаронам. Ман медонистам, ки инро ҳеҷ кас ғайр аз Рӯҳулқудс ташкил накардааст! Ман барои се машғулият қайдҳо доштам, вале зуд дуо карда, боз барои ду машғулият қайдҳо иншо кардам. Ман андаке хавотир будам, ки одамон чӣ гуна муносибат мекунанд. Зеро онҳо дар камбағалии шадид зиндагӣ мекарданд, ва кишвар дар ботлоқи фасод дармонда буд.

Дар машғулияти аввал ман мушоҳида кардам, ки онҳо каме дудила буданд, вале ба он ҳадде ки таълим доданро дар бораи чизҳое, ки Худо ба ман омӯзонидааст, идома додам ва дар айни

замон воқеаҳоеро нақл кардам, ки таълими маро тасдиқ мекарданд, одамон беш аз беш хурсанд мешуданд ва рӯҳбаландӣ пайдо мекарданд. Дар машғулияти чорум онҳо механдиданд ва чунон хушҳол буданд, ки ҳатто баъзеҳо фарёд мезаданд. Мутааҷҷибона, ман ҳис кардам, ки Худованд ба ман гуфт, ки дар машғулияти панҷум хайрот ҷамъоварӣ кунам. Ман аз он сабаб "мутааҷҷибона" гуфта истодаам, ки худи ман пул додаам, то бисёре аз ин одамон ба ин ҷо омада тавонанд, ва медонистам, ки онҳо аз маблағ хеле танқисӣ мекашиданд ё тамоман пул надоштанд. Вале, андешаронӣ карда, ман фаҳмидам, ки одамон бояд мутобиқи он чизҳое, ки мешунаванд, амал кунанд. Ба ҳар ҳол, ман каме хавотир шудам, ки инро ба Ларри бигӯям, аммо ӯ дарҳол идеяи хайротро ҷонибдорӣ кард. Албатта, ман на барои худам хайрот ҷамъоварӣ мекардам; он бояд дар Албаниё барои манфиати калисоҳои албанӣ истифода карда мешуд.

Машғулияти охирин фаро расид, ва ман баъзе қонуниятҳоеро, ки дар бораашон таълим медодам, шарҳ дода, дар бораи ба кор андохтани имон таълим додам. Дар охири ҷаласа, вақте ки ман хайрот ҷамъоварӣ мекардам, муҳит тамоман дигар шуд. Вақте ки тадҳини Худованд толорро пур кард, одамон ба фарёд задану рақсидан шурӯъ карданд. Чор нафаре буданд, ки дар назди сабадҳо меистоданд, ва онҳо базӯр дар пои худ рост меистоданд. Вақте ки одамон ҳадяҳои худро меоварданд, онҳо аз ҳузури қавии Худо гиря мекарданд ва меларзиданд. Ман боре ҳам чунин ҳолатро вонахӯрда будам, махсусан дар вақти ҷамъоварии хайрот!

Вақте ки мо бо Ларри ҷамъомадро ба охир расонида, ба берун баромадем, дар бораи он сӯҳбат кардем, ки аз тадҳини пурқувват ва посухи мардум то чӣ андоза ба ҳайрат афтодем. Вақте ки мо ба хонаи Ларри омадем, ӯ хост, ки пулҳоро аз нав ҳисоб кунад, чунки пештар ҳеҷ гоҳ дар ҷамъомади ӯ аз хайрот ду халтаи пур аз пул ҷамъоварӣ нашуда буд. Ба гуфтаи ӯ, вақте ки ӯ дар бораи ҷамъоварии хайрот эълон мекард, одатан чоряк халта пул ҷамъоварӣ карда мешуд. Вақте ки Ларри дар меҳмонхона маблағҳоро ба рӯи миз холӣ кард, ногаҳон ҳуҷраро ҷилои кабудранг фаро гирифт, ва ба мо тадҳине нозил шуд,

ки қаблан ҳеҷ гоҳ ҳис накарда будам. Ба ҷуз он ки баргашта ба ҷои худ нишинем, мо дигар ҳеҷ кор карда натавонистем. Вақте ки ман ба тӯдаи пулҳо, ки дар рӯи миз буданд, нигоҳ кардам, дар мобайни он ангуштарии мардонаи ақди никоҳро дидам. Ман медонистам, ки ин ангуштариро касе хайр карда буд, ки пул надошт, вале ӯ ҳар он чизеро, ки дошт, дода буд. Вақте ки ман ангуштариро дидам, Худо ба ман гап зад.

“Ман туро ба халқҳои ҷаҳон даъват мекунам, то ки ту аҳди Маро оиди баракатҳои молиявӣ таълим диҳӣ, ва ба ҳар ҷое, ки туро мефиристонам, харҷашро медиҳам”.

Ман моту мабҳут шудам. Ман дар давоми се шабонарӯз хоб карда натавонистам. Ин тадҳин якчанд рӯз дар ман боқӣ монд. Ва агар касеро аз кишвари дигар вомехӯрдам, боз он тадҳинро эҳсос мекардам. Гарчанде хайротҳо барои калисоҳои албанӣ супорида шуда буданд, пас аз баргаштани ман ба хона Ларри ба ман занг зад ва гуфт, ки Худованд ба ӯ амр кардааст, то он ангуштариро ба ман фиристонад. Ин маро ба ҳаяҷон овард. Гарчанде ман дар бораи хоҳиши худ роҷеъ ба гирифтани он ангуштарӣ ба Ларри ҳеҷ чиз нагуфта будам, ӯ дар ин бора аз Худо шунид ва онро ба ман фиристонд. Ман мехостам, ки ин ангуштариро ҳамчун ёдгорӣ аз суханони Худованд, ки ба ман гуфта буд, маҳфуз дорам, ва ҳоло он дар девори хонаи ман овезон аст.

Вақте ки ман ба хонаи худ дар Оҳайо баргаштам, дӯсти Ларри, шубони калисои на он қадар калон дар иёлати Юта, роҷеъ ба он ки дар Албаниё рӯй дод, шунида, аз ман хоҳиш кард, ки агар мумкин бошад, ба он ҷо биравам. Ӯ дар минтақаи ҳиндунишин шубон буд ва гуфт, ки дар он ҷо одамон хеле камбағал мебошанд. Ӯ гуфт, ки дар калисои ӯ ҳамагӣ 60 нафар одамон ҳастанд, вале ман ба вай гуфтам, ки ин аҳамият надорад, ва хоҳам рафт.

Ман ҳамон панҷ машғулиятеро, ки дар Албаниё гузаронида будам, дар он ҷо низ доир кардам. Ман дар он ҷо ҷилои кабудрангро надидам, вале боз ҳам тадҳин хеле қавӣ буд.

Дар ин ҳолат хайрот барои хидматгузории худи ман ҷамъоварӣ карда шуда буд, аз ин рӯ онро ба сумка гузошта, ба Оҳайо овардам. Ба дафтари корӣ омада, сумкаро ба котибаи худ супоридам, то ки ӯ пулҳоро шуморида, ба ҳисоби ман гузаронад, ва баъд барои хӯроки нисфирӯзӣ берун рафтам. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ телефони мобилиам занг зад. Ва ман дидам, ки дар он рақами телефони котибаи ман намудор шуд. Вақте ки ман телефонро бардоштам, ҳеҷ касро дар хат нашунидам. Ва аллакай вақте ки онро хомӯш кардан мехостам, овози гиряи ӯро шунидам.

- Трейси? – гуфтам ман.

Трейси ҳиссиёти худро пинҳон кардан хоста, ҷавоб дод:

- Шубон, – гуфт ӯ, – бо ин пулҳо дар Юта чӣ рӯй дод?
- Ту бо ин савол чиро дар назар дорӣ?
- Мефаҳмед, – гуфт ӯ, – вақте ки ман сумкаро кушода, барои шумурдан пулҳоро ба рӯи миз холӣ кардам, ногаҳон тадҳини Худо ба ман бо чунон қувват нозил шуд, ки ман ба замин афтодам. Котибаи дигар садоро шунида, барои дидани он, ки чӣ ҳодиса рӯй додааст, аз утоқи худ баромад, ва қуввати Худо айнан ҳамин тавр ӯро низ аз пой афтонид! Бо пулҳо чӣ воқеа рӯй додааст, шубон?

Ман ба вай дар бораи он, ки дар Юта чӣ воқеа рӯй дода буд ва дар бораи тадҳини қавие, ки ман ҳангоми ҷамъоварии хайрот эҳсос карда будам, нақл кардам, вале ғайр аз ин чизи дигаре рӯй надода буд. Бояд иқрор шавам, ки ман аз рӯй додани ин гуна ҳодисаҳо ба шавқ афтодам, зеро қаблан ҳеҷ гоҳ ҳеҷ чизи ба ин монандро надида будам. Гарчанде ман инро намефаҳмидам, аён буд, ки тадҳини ҷамъомад дар ин пулҳо буд! Воқеан!

Мо дар тамоми кишвар, дар калисоҳои хурду бузург, дар ҳар ҷое, ки моро шунидан мехостанд, ба гузаронидани "Анҷуманҳои инқилоби молиявӣ" оғоз кардем. Гарчанде ҷилои кабудранг ба мо танҳо дар баъзе ҳолатҳо зоҳир мешуд, тадҳин ҳамеша хеле қавӣ буд. Чуноне ки ҳам дар Албаниё, ва ҳам ҳангоми ҷамъоварии хайрот

дар калисои ҳиндуӣ дар Юта рӯй дод, осори тадҳин дар худи хайрот буд. Ман мушоҳида кардам, ки пас аз ҷамъомад ва шумурдани хайрот тангаеро аз ин хайрот ба даст гирифта, аз амали Рӯҳулқудс ларзидан мумкин буд. Боз як чизи аҷибе, ки мо мушоҳида кардем, аз он иборат буд, ки коғазҳои пулӣ ва чекҳо гуногун буданд. На дар ҳамаи онҳо дараҷаи тадҳин якхела буд. Баъдтар ман фаҳмидам, ки ин аз қуввати имоне вобаста буд, ки шахс ҳангоми ҳадякунӣ ба кор меандохт. Олиҷаноб!

Силсилаи "Инқилоби молиявии ту", ки аз панҷ китоб иборат аст, панҷ машғулиятро дар бар мегирад, ки ман дар ҳамон вохӯрии аввалин дар Албаниё гузаронида будам. Мӯҳтавои китоб, албатта, дар муқоиса бо анҷумани аввалин каме васеъ карда шудааст. Ман боварӣ дорам, ки вақте шумо ба омӯзиши Подшоҳӣ сар мекунед, чуноне ки мо бо Дренда кардем, он назари шуморо ба ҳама чиз дигар мекунад, тавре ки бо мо рӯй дод. Ин китоб, ки сеюмин аз силсила аст, вақте ки ман дар Албаниё мавъиза карда будам, "Боигарӣ аз Рӯҳулқудс" ном дошт. Ман чунин меҳисобам, ки ин фикр имрӯз низ дуруст аст. Шуморо маҳз стратегияҳое, ки Рӯҳулқудс илҳом бахшидааст, ба некӯаҳволӣ меорад. Ман умедворам, ки тавассути ин китоб шумо мефаҳмед, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс дар муҳити дунё кор мекунад, то ки ин стратегияҳо дар амал ҷорӣ шаванд.

## БОБИ 1

# ТУ АЗ МО ЧӢ МЕХОҲӢ?

Вақте ки ман аввалин бор аз Албаниё ба хона баргаштам, дар парешонӣ будам. Аз худ кардани он душвор буд, ки Худованд дар ҳаёти мо чӣ кор кард ва чӣ тавр Ӯ гуфт, ки бояд онро ба халқҳо бирасонам. Ба халқҳо? Ман ба Дренда пас аз тӯямон гуфта будам, ки ҳеҷ гоҳ сафар нахоҳам кард. Ва ман ҳеҷ гоҳ орзу накарда будам, ки ба дигар кишварҳо рафта, таълим медиҳам. Вале Худо, албатта, нақшаҳои дигар доштааст. Ман бояд ба халқҳо муроҷиат мекардам, вале чӣ тавр? Ман тиҷорати худро доштам, ки қисми зиёди Иёлоти Муттаҳидаро фаро мегирифт, калисое, ки бояд идора мекардам, оилае, ки мебоист парасторӣ менамудам, ва бисёр вазифаҳои дигар. Ман намефаҳмидам, ки чӣ тавр ҳама чизро ба халқҳо нақл карда метавонам. Вале Худо нақшае дошт, ки аз ман сафар карданро талаб намекард ва ҳеҷ гоҳ онро тасаввур накарда будам, – яъне телевизионро.

Ман ва Дренда комилан таҷрибаи кор дар телевизионро надоштем. Дар он давра мо ҳатто хидматгузориҳои худро ба навор намегирифтем. Вале Худо ба мо нишон дод, ки чӣ бояд рӯй диҳад ва инро чӣ тавр бояд иҷро кунем, ва мо ба телевизион шавқ пайдо кардем. Аввалин чизе, ки ман фаҳмидам, – барои телевизион пул лозим аст, пули зиёд. Вақте ки мо ҳисоб кардем, маълум шуд, ки дар соли аввал барои телевизион қариб 300 000 доллар лозим аст. Бояд иқрор шавам, ки ман каме ба ҳайрат афтодам, чунки он хеле қимат буд. Проблемаи асосӣ аз он иборат буд, ки имконияти

молиявии калисо чандон зиёд набуд, чунки мо ба сохтмони шаҳрчаи миссионерии мо – маркази “Ҳоло” машғул будем, ва мо барои телевизион пули зиёдатӣ надоштем. Бинобар ин ман ба Худованд гуфтам, ки ҳоло ба лоиҳаи телевизион маблағ мавҷуд нест. Ман дар ёд дорам, ки Ӯ бо ман розӣ шуд ва гуфт: “Дуруст, аз ин рӯ онро ту ва Дренда пардохт намоед!”

Агар гӯям, ки мо андаке ба тааҷҷуб афтодем, ин кам карда нишон додани асли масъала мебошад, махсусан агар онро ба назар гирем, ки лоиҳаи сохтмони калисо бо арзиши шаш-ҳафт миллион доллар дар авҷи аълои худ буд. Бовар кунед, лоиҳаи маркази “Ҳоло” худаш иқдоми бузурге дар асоси имон буд ва ҳамаи воситаҳои даромадро фурӯ мебурд. Ғайр аз ин, ман ва Дренда ӯҳдадор шуда будем, ки ба лоиҳа 250 000 доллар ҷудо кунем, ва дар он лаҳза ҳамаи ин пулҳоро то ҳол дар даст надоштем. Ба болои ҳамаи ин хароҷот боз 300 000 долларро, ки дар айни ҳамон сол пардохтан лозим буд, илова кардан ғайриимкон ба назар мерасид.

**МАН МЕДОНИСТАМ, КИ ХУДО БА КАЛОМИ ХУД ВАФОДОР МЕБОШАД ВА МАРО ЛОЗИМ АСТ, КИ БО ИМОН ҚАДАМ ГУЗОРАМ, ВА ЭЪТИМОД ДОШТА БОШАМ, КИ Ӯ ЧӢ КОР КАРДАНРО БА МАН НИШОН МЕДИҲАД.**

Ман медонистам, ки саёҳате, ки ман азм кардам, аз Худо буд, ва ваъдаи Ӯ дар бораи он ки ба ҳар ҷое, ки Ӯ маро мефиристад, хароҷоташро пардохт мекунад, ҳоло ҳам дар қалби ман садо медод.

Аммо ба ҳар ҳол, бо ҳар тарзе ки ба рақамҳо нигоҳ накунам, ман фаҳмида наметавонистам, ки чӣ тавр ман ва Дренда ин 300 000 долларро илова ба ҳамаи хароҷотҳои дигар пардохт карда метавонем. Ман медонистам, ки Худо ба Каломи Худ вафодор мебошад ва маро лозим аст, ки бо имон қадам гузорам ва эътимод дошта бошам, ки Ӯ чӣ кор карданро ба ман нишон медиҳад. Гуфтан мехостам, ки ман дилпур будам ва аз ин қарор ташвиш намекашидам, аммо ин тавр набуд. Калисо ҳар як сенти даромадро ба сохтмони бино истифода

мебурд. Ҳамаи пулҳои шахсии ман барои пардохти 250 000 доллар, ки ман барои саҳмгузорӣ кардан ӯҳдадор шуда будам, истифода бурда мешуданд; бисёр соҳаҳои дигари тиҷорати ман ҳамон сол ба маблағгузорӣ эҳтиёҷ доштанд. Мо барои ба кор андохтани лоиҳаи телевизион 300 000 доллар надоштем!

Ман ва Дренда истироҳати дуҳафтаинаро дар Ҳавайӣ ба нақша гирифта будем, ва пас аз баргаштан ба хона ман бояд барои оғози кор дар телевизион шартнома имзо мекардам. Ба ман, албатта, Ҳавайӣ маъқул шуд, вале иқрор мешавам, ки пурра фароғат кардан ба ман душвор буд, чунки аз сар дур кардани бори қароре, ки баъди баргаштан ба хона рӯ ба рӯ мешудам, гарон буд. Ба ғайр аз ҷиҳати молиявии лоиҳаи телевизион ман комилан барои кор дар телевизион тайёр набудам, чунки худро дар вақти наворбардорӣ хеле ноқулай ҳис мекардам. Ман ба ҳазорҳо одамон дар ҷамъомад гап зада метавонистам, аммо дар рӯ ба рӯи телекамера ба воҳима меафтодам. Ва дар ҳоле ки ҳамаи ин чизҳо дар майнаам ва дар рӯҳам чарх мезад, ман бо тарси қабул кардани ин қарор мубориза мебурдам.

Гарчанде ман медонистам, ки Худовандро комилан аниқ шунидаам, ман ҳоло ҳам бо воқеияте рӯ ба рӯ шуда будам, ки пул нест. Бе ин ҳам ман аллакай дар тӯли як соли молиявӣ камари худро дар тиҷорат танг баста будам ва фаҳмида наметавонистам, ки ин чӣ гуна имконпазир аст. Бале, ин тарс буд, бале, ин нобоварӣ буд. Ман инро медонам. Ман чуноне ки ҳаст, мегӯям. Ман медонистам, ки дар Калом қоим бошам, диққатамро аз корҳои зарурӣ дур кунам ва ба ин ангуштарӣ нигоҳ карданро давом диҳам. Ӯ гуфт, ки пардохт мекунад! Дар ҳамин лаҳза ҳангоми ҷамъоварии хайрот тангаи тилло оварданд. Росташро гӯям, то ба даст гирифтани он, ман ҳеҷ гоҳ тангаҳои тиллоро надида будам. Вақте ки онро ба даст гирифтам, Худованд ба ман гап зад. «Чуноне ки ба Петрус нишон дода будам, ки танга дар куҷост, то андозҳоро пардохт кунад, Ман ба ту нишон медиҳам, ки пулро аз куҷо биёбӣ, то ки ба телевизион харҷ кунӣ».

Ман ин тангаи тиллоро бо худ барои истироҳат ба Ҳавайӣ бурдам,

дар лаби баҳр роҳ паймуда, онро дар кафам маҳкам дошта, дуо кардам, то ки он ба ман ёдрас кунад, ки Худо дар бораи телевизион ғамхорӣ мекунад. Роҳпаймоии ман дар лаби баҳр маъмулан бо чунин тарз буд. Пас аз дуо дар Рӯҳ дар давоми якчанд вақт ман оиди имзо кардани шартнома ташвиш кашиданро бас кардам ва ба сӯи хона баргаштам, аммо пас аз 10-15 метр қадам задан ба ҷониби теппа, ақли ман боз фарёд кардан гирифт, ки барои дарёфт кардани пул мо ҳеҷ гуна имкони воқеӣ надорем. Феълан мо пул надоштем, мо намедонистем, ки чӣ тавр ТВ-лоиҳа кунем, мо ҳеҷ гуна таҷҳизот надоштем, ва ин рӯйхатро давом додан мумкин аст. Аммо дар қалби ман ба мисли пештара суханони Худованд, ки ба ман дар Албаниё гуфта шуда буданд, садо медоданд. Ба ҳар ҷое, ки Ӯ маро мефиристад, Ӯ барои ин пардохт мекунад. Ҳамаи ин чизҳо дар моҳи май рӯй медоданд, ва, моҳиятан, маро лозим буд, ки то охири сол 300 000 доллар пайдо кунам, то ки ҳар гуна масъала ҳалли худро пайдо кунад.

Боз ҳам, ба ман рӯҳи тарс низ гап мезад, ва азми маро барои нигоҳ доштани ҳар чизе, ки Худо ба ман гуфта буд, тафтиш мекард. “Ту дар бораи некӯаҳволии молиявӣ таълим додан мехоҳӣ, вале ин чӣ тавр ба назар мерасад, вақте ки ту ҳисобҳои худро пардохт карда наметавонӣ?” Он гоҳ ман баргашта боз ба лаби баҳр мерафтам, ва то оромӣ ёфтан дуо карда, ақли худро бо Каломи Худо таҷдид мекардам. Қариб як ҳафта ман фикран ҳамаи “ҳа” ва “не”-и шартномаро баркашида, ин сӯ ва он сӯ роҳпаймоӣ кардам, ва фаҳмидам, ки ҳама чиз хуб хоҳад шуд, ва тарс дигар маро бо афкори манфӣ азоб дода наметавонист. Ман ва Дренда фаҳмида наметавонистем, ки пул аз куҷо пайдо мешавад, вале мо медонистем, ки садои Худоро шунидаем. Бинобар ин ба хона баргашта, ман шартномаро имзо кардам, ва мо барои фаҳмидани он, ки телевизион чӣ тавр кор мекунад, раҳсипор шудем.

Агар ба ҷиҳати молиявии ин масъала дахл карданӣ бошем, мутааҷҷибона, чанд моҳ пеш аз истироҳати банақшагирифта дар Ҳавайӣ ба ман як марди ношинос аз Атланта занг зад. Ӯ гуфт, ки

китоби маро оиди молиёт дарёфт кард ва он писанд омад. Дар он давра китоби ман танҳо худинтишор буд ва, ба ғайр аз шаҳри мо, дар ҳеҷ ҷо фурӯхта намешуд. Вале, ба назарам, яке аз ҳамкорони мо ба Атланта барои истироҳат рафт ва дар бораи он, ки чӣ тавр ӯ барои таъминоти зиндагӣ пул кор мекунад, бо як шахсе, ки дар фурудгоҳ вохӯрд, сӯҳбат кард. Ҳамкори ман китоби маро бо худ дошт, ва ӯ онро ба вай дод.

Дар натиҷа он мард гуфт, ки китобро мутолиа кард, ва он чунон ба ӯ писанд омад, ки бо ман сӯҳбат карданро зарур шуморид. Мо дурудароз сӯҳбат кардем, ва ӯ ёдовар шуд, ки ӯ башоратдиҳандаи ҷаҳонгард буда, асосан дар кишварҳои хориҷӣ кор мекунад. Ӯ пурсид, ки оё мо ягон рӯз вохӯрда метавонем, ва ман гуфтам, ки тақрибан пас аз як моҳ ҳангоми сафар ба ҷамъомаде, ки баъд аз рухсатии ман бояд баргузор шавад, дар фурудгоҳи Атланта хоҳам буд. Мо маслиҳат кардем, ки вомехӯрем. Вақте ки мо ниҳоят вохӯрдем, дар байни мо сӯҳбати олиҷанобе сурат гирифт. Ба ман шунидани ҳамаи саргузаштҳои ӯ дар бораи мӯъҷизаҳо ва хатарҳо, ки аксар вақт ӯ ҳангоми сафарҳои худ рӯ ба рӯ шуда буд, писанд омад. Вале мо ҳақиқатан ҳам роҷеъ ба мавзӯи молиёт наздикӣ пайдо кардем. Ӯ, зоҳиран, ба китоби ман ва ҳикояи зиндагии ман оиди раҳоӣ аз қарзҳо мафтун шуда буд.

Ҳангоми сӯҳбат ӯ гуфт, ки ҳозиракак аз Шарлотта баргашт, ӯ дар он ҷо меҳмони намоиши телевизионӣ буд, ва чунин меҳисобад, ки саргузашти молиявии ман барои чунин намоиш барномаи хубе хоҳад буд. Ӯ гуфт, ки китоби маро ба онҳо медиҳад ва дар бораи ман нақл мекунад. Ман аз шунидани ҳамаи ин чизҳо каме дар ҳайрат мондам. Ман дар бораи барномаи телевизионие, ки ӯ зикр кард, ҳатто нашунида будам, аммо дар ҳақиқат пас аз якчанд ҳафта директори барнома ба ман занг зад ва гуфт, ки оё ман дар барнома иштирок кардан мехоҳам. Яке аз шартҳои иштирок дар барнома маводе буд, ки онҳо ба бинандагон пешниҳод карда метавонистанд. Бинобар ин ба онҳо гуфтам, ки ман сабти дарсҳои худро таҳти унвони “Табаддулоти молиявӣ” иборат аз панҷ компакт-дискҳо дорам. Онҳо

гуфтанд, ки ин олиҷаноб аст, ва он гоҳ мо дар бораи нархи маҷмӯи дискҳо ба мувофиқа расидем. Албатта, ман маҷмӯи дискҳоро бо нархи яклухт ба онҳо додам, аммо ҳатто бо чунин нарх мо муваффақ шуда метавонистем, ки як қисми даромадро ба хидматгузории худамон боқӣ гузорем. Намоиш, мутааҷҷибона, муваффақияти калон пайдо кард, ва мо ҳазорҳо-ҳазор чунин маҷмӯи компакт-дискҳоро фурӯхтем. Танҳо ҳамин кор аз сарчашмае, ки ман дар борааш ҳангоми имзо кардани шартнома ҳеҷ чиз намедонистам, ба буҷети телевизионии мо ҳазорҳо доллар фоида овард.

Сипас боз як кори ҳайратовар: шахсе аз калисои мо, ки ба наздамон ҳангоми ҳолати ногувори молиявии худ омада буд ва якчанд сол пештар ба кӯч кардан наздик буд, ба назди ман омад ва кӯмаки худро барои маблағгузорӣ кардани барномаҳои телевизионӣ изҳор намуд. Ӯ дар амал он чиро ба кор бурд, ки аз мавъизаҳо оиди Подшоҳии Худо шунид, ва аз камбағалӣ раҳо шуда буд. Ӯ ба ман барои хидматгузории телевизионии мо 120 000 доллар дод!

Ба туфайли фурӯши ҳамин маҷмӯи компакт-дискҳо, ҳадяи дӯсти ман аз калисо ва дигар ҳадяҳои воридшуда, ба ману Дренда лозим нашуд, ки аз маблағҳои шахсӣ дар соли аввали кор дар телевизион ягон сент ҳам сарф кунем! Худо ба ваъдаи Худ амин буд. Ӯ гуфта буд, ки барои ин кор харҷашро адо мекунад, ва Ӯ ҳамин тавр ҳам кард. Хуб, нисфи проблема ҳал шуда буд, вале ман боз як проблема доштам, ки ҳал кардан лозим буд, ва он ба таври кофӣ ҷиддӣ буд. Чуноне ки аллакай гуфтам будам, ман дар бораи телевизион ҳеҷ чиз намедонистам!

Ҳамон тирамоҳ Дренда дар анҷумани калони занони масеҳӣ иштирок кард, ва ӯро ба хонаи фароғат, ки он ҷо дар вақти танаффусҳо ҷамъ мешуданд, таклиф карданд. Барои Дренда ин таклиф шарафи бузург буд, ва ӯ бо хурсандӣ ба он ҷо рафт. Баъди яке аз ҷаласаҳо, дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ ба паҳлӯи вай зане нишаст, ки пештар ҳеҷ гоҳ вонахӯрда буд. Пас аз пурсупос ногаҳон он зан пурсид:

- Пас, шумо аллакай бо телевизион машғул ҳастед?

Дренда каме ҳайрон шуд, ва гуфт:

- Не, вале мо дар ин бора фикр карда будем.

Он гоҳ он зан гуфт:

- Хайр, агар лозим донед, ба ин ҷавон занг занед, ва ӯ ба шумо ёрӣ медиҳад.

Дренда рақами телефон ва суроғаи электрониро, ки зан ба вай дод, навишта гирифт ва коғазчаро ба сумкачааш гузошт. Вале боре бегоҳирӯзӣ, онро ёфта, хост, ки ба ин ҷавон мактуб нависад, то бубинад, ки ӯ чӣ ҷавоб медиҳад. Он ҷавон шавқ пайдо кард ва дархост намуд, ки ба ӯ компакт-дискҳои "Табаддулоти молиявӣ"-и маро бифиристад, ва мо фиристодем. Тақрибан пас аз як ҳафта ба мо ёрдамчии ӯ занг зад ва гуфт, ки ин ҷавонмард шавқманд аст ва бо мо дар анҷумани солонаи расонаҳои миллии динӣ, ки мебоист аллакай пас аз ду ҳафта доир шавад, вохӯрдан мехоҳад. Мо ваъда додем, ки ба онҷо хоҳем рафт.

Ман ва Дренда ба анҷуман рафтем ва пеш аз вохӯрӣ каме асабонӣ шудем. Махсус барои ин вохӯрӣ ман костюми сиёҳранг харидам ва дар ҳақиқат намедонистам, ки чиро интизор мебояд буд. Ӯ аз мо хоҳиш кард, ки барои баррасии ТВ-лоиҳа бо ӯ дар ҳуҷраи меҳмонхона вохӯрем. Ман дар ёд дорам, ки ҳангоми баромадан ба ҳуҷра барои каме ором шудан, пеш аз тақ-тақ кардани дар, мо якчанд маротиба дар роҳрав ин сӯ ва он сӯ равуо кардем. Ба ҳуҷра дохил шуда, мо бо тааҷҷуб як гурӯҳи калони одамонеро вохӯрдем, ки ба сӯҳбати мо интизор буданд. Мизҳо дар шакли нимдоира гузошта шуда буданд, ва ману Дрендаро дар рӯ ба рӯи мизҳо шинониданд. Мо бо ҳеҷ кадоме аз онҳо боре ҳам вонахӯрда будем, ва ҳамаи онҳо хеле расмӣ либос пӯшида буданд.

Мо аввал сӯҳбатро аз чизҳои рӯзмарраи ҳаёт сар кардем, вале сипас онҳо ба додани саволҳое, ки ба хоҳиши мо оиди машғул шудан бо телевизион марбут буданд, сар карданд. Ман то ҳол саволи аввалро дар ёд дорам:

- Хуб, чаро шумо бо телевизион машғул шудан мехоҳед?

Дар он лаҳза ман намедонистам, ки одамони дар ҳуҷра ҷамъомада роҳбарони дараҷаи олие буданд, ки тарафҳои гуногуни соҳаи телевизионро намояндагӣ мекарданд. Дар он ҷо шахсе буд, ки мо бо вай сӯҳбат кардем, вале ба ғайр аз ӯ одамоне буданд, ки ба истеҳсолот ва маркетинг машғул буданд, ва ҳамчунин мутахассисон аз дигар соҳаҳо буданд, ки саволҳои душвор медоданд. Умуман, ба фикри ман, вохӯрӣ хеле хуб гузашт. Мо он гунае ки будем, худамонро ҳамон тавр нишон додем, ва кӯшиш накардем, ки ҳусни таваҷҷӯҳи касеро ба даст орем, балки танҳо саргузашти худро дар бораи он, ки Худо барои мо чӣ кор кардааст, нақл кардем. Зоҳиран, ба ҳамаи онҳо биниш ва иштиёқи мо маъқул шуд, ва онҳо гуфтанд, ки барои баррасии ҷузъиётҳо пас аз чанд ҳафтае занг мезананд.

Пас аз ду ҳафта мо боз сӯҳбат кардем, ва ин дафъа ҳама қарор додем, ки ба тарҳрезии воқеии барнома барои ТВ-расонаҳо гузарем. Дар он лаҳза мо ба хулосае омадем, ки намоишро дар хонаи худамон ба навор гирифта метавонем, бинобар ин ҷавонмарде, ки Дренда бо ӯ сӯҳбат карда буд, пурсид, ки оё мо вохӯрии навбатиро дар хонаамон доир карда метавонем. Ӯ хонаи моро дидан мехост, ки оё ин дар ҳақиқат имкон дорад.

Ва инак рӯзе фаро расид, ки ӯ ба хонаи мо омад, ва ҳамаи мо барои сӯҳбат кардан нишастем. То ташрифи ӯ ман ба ҷуз аз рақами телефони ӯ, ки зан дар ҷамъомад ба Дренда дода буд, дар бораи саргузашти ӯ дар телевизион ҳеҷ чиз намедонистам. Аммо вақте ки мо бароҳаттар нишастем, ӯ дар бораи ҳамаи намоишҳои телевизионие, ки ӯ таҳия кардааст ва ҳоло машғул мебошад, нақл кард. Ҳамаи номҳо маълум буданд! Ман дар тааҷҷуб будам: "Худоё, чӣ тавр Ту ин ҷавонро аз Лос-Анҷелес ба хонаи ман, ки дар роҳи тангу ҷои ноодод воқеъ аст, овардӣ?" Ӯ розӣ шуд, ки барои мо ҳамаи намоишҳоро бо нархи арзон ташкил мекунад, ба навор мегирад, қисмбандӣ ва таҳия мекунад. Мо ҳамчунин аҳд кардем, ки дар аввали кор дар хонаи мо, дар ҳуҷраи меҳмонон, ба навор гирифтани барномаро шурӯъ мекунем.

Рӯзи аввали наворбардорӣ фаро расид, ва, иқрор мешавам, ки ман асабонӣ будам. Чуноне ки ман аллакай гуфтам, дар телевизион

таҷрибаи корӣ надоштам. Ман намедонистам, ки барномаи телевизионӣ чӣ тавр таҳия карда мешавад, қаблан ҳеҷ гоҳ ба камера сухан наронда будам; ҳамааш чизи нав буд. Ман аз он дар ҳаяҷону шодӣ будам, ки саргузашти худамро дар бораи Подшоҳии Худо нақл карда метавонам, аммо телевизион дар ҳаёти ман боз як монеаи тарсовар буд, ки бояд паси сар мекардам.

Боз бадиаш ин буд, ки дар рӯзи наворбардорӣ як воқеаи дилхарош рӯй дод, ки ин рӯзро боз ҳам шиддатноктар гардонид. Наворбардоре, ки ӯро барои як ҳафтаи наворбардорӣ фиристода буданд, ними шаб баромада рафт. Ба таври фоҷиавӣ писарчаи хурдакаки ӯро ҳамсоя бо мошини худ ҳангоми ҳаракат кардан ба ақиб зада мекушад. Ёрдамчие, ки дар он ҷо буд, фаҳмонид, ки чӣ воқеа рӯй дод, ва мо қарор додем, ки то анҷоми наворбардорӣ ин ҳодисаро ба касе нагӯем. Бо ким-кадом тарзе мо аз ӯҳдаи ин кор баромадем. Ҳамон рӯз мо се барнома сабт кардем ва расман ба телевизион роҳ ёфтем. Чӣ қадар хуб!

**“ОЁ КАСЕ АЗ ШУМО УҚУБАТ МЕКАШАД? БИГЗОР ДУО ГӮЯД”.**

**– ЯЪҚУБ 5:13**

Вақте ки мо пахши телевизиониро оғоз кардем, тасаввур намекардем, ки чӣ тавр дар оянда вақти эфирро пардохт карда метавонем. Вале Худо ба мо таълим додан гирифт, ки Ӯ на танҳо 300 000 долларро, ки барои оғози пахш ба мо лозим буд, муҳайё мекунад, балки минбаъд низ пардохти вақти эфирро давом медиҳад. Моро лозим буд, ки бисёр чизҳоро омӯзем. Медонед, мо ҳатто фикр намекардем, ки одамон ба хидматгузории телевизионии мо саҳм гузоштан мехоҳанд, мо хеле соддалавҳ будаем.

Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр Трейси, котибаи ман, зуд пас аз он, ки барномаи мо ба эфир баромаданро шурӯъ намуд, аз дафтари корӣ ба ман занг зад. Вақте ки ман телефонро бардоштам, эҳсос кардам, ки ӯ дар ҳайрат буд. Овози ӯ меларзид.

– Шубон, – гуфт ӯ, – нафаре аз тамошобинони барномаи мо ба

миқдори 500 доллар ба мо чек фиристод. Ва, шубон, вақте ки ман онро гирифтам, дар чек ҳамон тадҳине буд, ки дар пулҳои аз маҳаллаи сукунати ҳиндуҳо овардашуда вуҷуд дошт.

- Ту ҷиддӣ мегӯӣ? – ғурунгос задам ман. – Касе ба мо пул фиристонд?

Ман то ба мо расидани ин чек тамоман фикр накарда будам, ки одамон пул хоҳанд фиристод. Аммо ҷалол ба Худо, то ҳол одамон пул фиристоданро идома медиҳанд ва акнун барнома ҳар рӯз ба тамоми ҷаҳон пахш карда мешавад! Сарфу хароҷотҳо дар як сол ба миллион расиданд, аммо Худо ҳамеша ба каломи Худ содиқ аст. Ӯ доимо ҳисобҳоро пардохт мекунад.

Ин китоб дар бораи он аст, ки чӣ тавр овози Худовандро бишнавем ва ба Ӯ иҷозат диҳем, ки ҳаёти моро роҳнамоӣ кунад. Ҳикояи телевизионии мо як намунаи олиҷаноби он аст, ки Рӯҳулқудс одамонро ба дастовардҳои бузургтар аз он, ки онҳо боре тасаввур карда метавонистанд, ҳидоят мекунад. Ҳамаи корҳое, ки Худо дар ҳаёти мо анҷом дод, на танҳо ба туфайли он рӯй додаанд, ки мо чӣ тавр кор кардани Подшоҳии Ӯро медонем, балки ҳам ба туфайли лаёқати шунидани он ба амал омадаанд, ки Худо чӣ тавр моро роҳнамоӣ мекунад, хирад ва ҷавобҳое медиҳад, ки мо барояшон ниёзмандем. Агар ман овози Рӯҳулқудсро шунида наметавонистам, ҳикояе, ки ман айни ҳол ба шумо гуфтам, ҳеҷ гоҳ рӯй намедод. Ҳамаи мо баъзан бо вазъиятҳои душвор вохӯрда, умедамонро гум мекунем. Вале дар Худо ҷавоб ҳаст.

*“Оё касе аз шумо уқубат мекашад? Бигзор дуо гӯяд”*
*(Яъқуб 5:13).*

Чаро дуо гуфтан зарур аст? Чунки ба шумо шунидани ҷавоб, роҳнамоӣ ва ҳалли мушкилот лозим аст. Чуноне ки ман ва Дренда борҳо боварӣ ҳосил кардаем, вақте ки бо душвориҳо рӯ ба рӯ мешавем, назар ба он ки мо тасаввур карда метавонем, Худо ба корҳои бузургтаре қодир аст. Ӯ ба шумо бо роҳу усулҳои нотакрор ва

баъзан аҷибе ёрӣ медиҳад, то шумо мушкилиҳоеро, ки ғайриимкон ба назар мерасанд, паси сар карда тавонед. Дар ин китоб ман бисёртар дар бораи шунидани овози Рӯҳулқудс сухан хоҳам ронд, вале дар аввал ба ман иҷозат диҳед, то боз як мисолро оиди он биёрам, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс дар лаҳзаҳои душвор ба мо кӯмак карда метавонад.

Вақте ки мо ба сохтмони маркази "Ҳоло" бо арзиши 6,5 миллион доллар шурӯъ кардем, дар аввал мо 2,5 миллион пули нақд ҷамъоварӣ намудем, ва ҳамчунин қисман аз ҳисобҳои бонкӣ маблағ истифода бурдем. Ғайр аз ин дар мо пулҳое буданд, ки дар давоми 18 моҳ ворид мешуданд, дар ҳоле ки сохтмон идома меёфт. Барои калисое, ки 550 аъзо дошт, ин лоиҳаи хеле азим буд. Мо тирамоҳи соли 2007 пойдеворашро бино кардем, ва ҳама чиз то баҳори соли 2008 хуб идома меёфт. Эҳтимол шумо бӯҳрони иқтисодии соли 2008-ро дар ёд доред. Инро бинед, ки сохтмони мо ба авҷи ин бӯҳрон рост омад. Нархҳо то ба осмон бардошта шуданд! Дар натиҷа арзиши пӯлод назар ба нархи аввалаи пешниҳодшуда 300 000 доллар зиёд шуд. Ин танҳо як мисол аст. Ҳамон сол аз сабаби якбора баланд шудани нархи ашъёи хом қимати лоиҳа аз чаҳорчӯбаи буҷет берун рафт.

Наздик ба охири соли 2008 бонкҳо дар минтақаи мо ва ҳам дар саросари кишвар ба қатъи амалиётҳои қарзӣ шурӯъ карданд ва бо амиқтар шудани бӯҳрон соф кардани қарзҳоро талаб намуданд. Боре дар ҳамон вақт пудратчии мо барои пуле, ки аллакай пешакӣ бонки мо тасдиқ карда буд, ба назди ман омад. Ӯро лозим буд, ки ба пудратчиҳои ғайриасосӣ ва ҳисобҳои дигари пардохтнашуда пардохт кунад, пулҳои аллакай сарфшударо ҷуброн намояд. Аз ҳисоби қарордоди пешакии бонк бояд миллион доллар маблағгузорӣ карда мешуд, зеро то он вақт мо тамоми пули нақдро сарф карда будем. Вале барои як миллион доллар чек набуд. Вақте мо фаҳмидем, ки бонк пешниҳоди худро бозпас гирифта, хати қарзро коҳиш додааст, ба даҳшат афтодем. Боз ин на танҳо бонки мо, балки тамоми бонкҳои шаҳр ҳамин тавр карда буданд. Ҳамон ҳафта бонки мо дар саҳифаи аввали рӯзномаи маҳаллӣ дарҷ шуд. Он вақт онҳо 550 нафар

коргаронро аз кор озод карда, дар шароити харобии молиявӣ барои раҳо шудан аз бӯҳрон мубориза мебурданд.

Боз проблема дар он буд, ки пудратчии мо мебоист ба пудратчиёни ғайриасосӣ пул диҳад ва барои масолеҳе, ки ӯ аллакай истифода бурда буд, пардохт кунад. Ин чек бо миллион доллар на барои ягон эҳтиёҷоти оянда пешбинӣ шуда буд. Ӯ аллакай ин миллионро харҷ карда буд! Ва акнун ширкатҳо ва оилаҳои дигар ба он мӯҳтоҷ буданд, ки мо ба пудратчии худ пул диҳем, то ки ӯ ба онҳо пардохт кунад. Ба мисли мо, ӯ гумон мекард, ки бонк ба ҳар ҳол ӯҳдадориҳои худро иҷро мекунад. Акнун чӣ? Дар ин вазъият мо чӣ кор бояд мекардем? Ман дар даст миллион доллар надоштам, ва ман аз имондорони калисо пул талаб кардан намехостам. Ба ғайр аз ин барои телевизион хароҷотҳо афзоиш меёфтанд, чунки мо фаъолияти худро ба бисёр хатҳои дигар васеъ мекардем; вақти эфири мо акнун дар як моҳ 50 000 доллар арзиш дошт. Ғайр аз иҷро кардани он, ки дар Номаи Яъқуб (5:13) гуфта шудааст, мо боз чӣ кор карда метавонистем? Мо бояд танҳо дуо мекардем!

Ҳамин хел шуд, ки дар ҳамон лаҳза ба воситаи тиҷорати ман мо боз як саёҳатро ба Ҳавайӣ бурд кардем. Роҷеъ ба он ки бонк қарзро бозпас хонд, ман ҳамагӣ якчанд рӯз пештар аз сафар фаҳмидам. Бояд иқрор шавам, ки вақте ба фурудгоҳ шитоб мекардам, то ки аз вақти парвози худ дер намонам, ман ҳанӯз ҳам ба худ наомада будам. Ҳазору як фикру хаёлот дар сарам чарх мезаданд. Аммо вақте ки ман дар фурудгоҳ бо васвасаи ба ҳоли худ раҳм кардан равона будам, ман овози Худовандро шунидам. Ӯ гуфт: “Асои худро бардор!” Вақте ки ман бозистода, дар бораи он ки Худо ба ман чӣ гуфтан мехоҳад, андеша кардам, ногаҳон фаҳмидам.

Маҳз ин суханро Худо ба Мӯсо гуфта буд, вақте ки Исроил ҷои рафтан надошт, чунки ӯрдуи фиръавн онҳоро ба баҳри Қулзум танг мекард. Худо ба Мӯсо амр кард, ки асои худро ба сӯи баҳр бардорад, ва ҳангоме ки ӯ ин корро кард, баҳр ба ду тараф тақсим шуд, ва роҳи халосӣ барои Исроил боз гардид. Асои Мӯсо ваъдаҳоеро, ки Худо

ба ӯ дода буд ва ҳамчунин қудратеро, ки ба ӯ барои иҷро кардани вазифааш дода шуда буд, таҷассум мекард.

Ман медонистам, ки дар он лаҳза Худо ба ман чӣ гуфт. Ман роҳбар, шубони ин калисо будам; ба ман қудрат дода шуда буд, ки дар ин вазъият бо имон амал кунам. Ман бояд қудрати худро истифода мебурдам, қавииродагӣ нишон дода, бояд роҳи ҳалли масъаларо пайдо мекардам. Вақте ки мо ба Ҳавайӣ омадем, ман доимо машғули дуо будам. Ман аз бехобӣ азият мекашидам. Рӯҳи ман ошуфта буд, ва ман медонистам, ки барои ҷавоби дилхоҳ дар Рӯҳ мубориза мебарам. Ниҳоят, дар Дренда фикре пайдо шуд, ки, ба андешаи ӯ, он аз Худо буд. Ҷалол ба Худо барои ҳамсарам! Ӯ чандин маротиба дар вазъиятҳои гуногун барои тарҳрезӣ кардани нақшаҳои муҳим ва ҳалли масъалаҳо ба ман ёрӣ дода буд. Бо сухан баён карда наметавонам, ки ӯ барои ман чӣ қадар пурарзиш аст ва чӣ қадар сахт ӯро дӯст медорам. Ӯ ҳеҷ гоҳ таслим намешавад!

Нақшаи ӯ содда ва дар айни замон асоснок буд. Ҳеҷ чиз ба он ишора намекард, ки ин нақша кор мекунад, вале мо зуд ба кор сар кардем. Нақша аз он иборат буд, ки бо дархости қарз на ба бонки худамон, балки ба бонки пудратчӣ презентатсия тайёр кунем. Презентатсияи мо бояд ба бонк нишон медод, ки мо кӣ ҳастем ва чаро мо чунин мешуморем, ки қарз ба ҳар ду тараф фоидаовар аст. Имкониятҳо зиёд набуданд, зеро чи тавре ки ман аллакай гуфтам, тамоми бонкҳои шаҳр пурра амалиётҳои қарздиҳиро баста буданд. Мо фикр кардем, ки агар бонк ба пудратчии мо пул надиҳад, пас ба ӯ лозим мешавад, ки худро муфлис эълон кунад, ва ин пардохти ҳамаи қарзҳои пешинаи ӯро зери хавф мегузошт. Мо боварӣ доштем, ки барои бонк ин қимат мефарояд ва онҳо ба ин розӣ намешаванд. Ёдрас мекунам, ки ин бонки мо набуд, ва онҳо бо мо ҳеҷ гуна муносибат ё ҳамкорӣ надоштанд.

Аз ин рӯ мо схемаҳоеро тартиб додем, ки характеристикаҳои демографии мавзеи мо ва суръати афзоиши онро муфассал нишон медоданд. Мо ба бонк фаъолияти гузаштаи худро нақл кардем ва

афзоиши пешбинишударо нишон додем. Мо ҳамчунин дар бораи роҳҳои зиёди гирифтани даромад, ки аз бинои худ ба ғайр аз хидматгузориҳои динӣ ба даст оварда метавонем, нақл кардем, яъне фаҳмонидем, ки аз телевизион даромади мо зуд афзоиш меёбанд ва бисёр чизҳои дигарро, ки ба назари мо онҳоро шавқманд карда метавонистанд, ба самъи онҳо расонидем. Мо онҳоро бовар кунонидан мехостем, ки ҳатто дар ин давраи мушкил мо бо худ як бозии фоидаоварро барои бонк пешниҳод мекунем. Мо ҳамчунин ба онҳо фаҳмонидан мехостем, ки агар ба пудратчӣ пул надиҳанд, онҳо ба хавфи зарарҳои эҳтимолӣ дучор шуда метавонанд, ва мо хостгори он ҳастем, ки "барои пешгирӣ кардани онҳо кӯмак кунем". Мо барои вохӯрӣ бо ноиби президенти бонк оид ба қарздиҳии тиҷоратӣ дархост ирсол кардем. Мо дуо карда, ба утоқи кории ӯ ворид шудем, ва аниқ медонистем, ки ин нақша ба мо аз Рӯҳулқудс ато карда шудааст, ва аризаи худро пешниҳод кардем.

**АГАР ШУМО ИҚТИДОРИ ПОДШОҲИИ ХУДОРО ИСТИФОДА БУРДАН ХОҲЕД, БОЯД ШУНИДАНИ ОВОЗИ РӮҲУЛҚУДСРО ЁД ГИРЕД.**

Тааҷҷубовараш ин буд, ки пас аз муаррифии мо ноиби президенти бонк аз котиби худ дархост кард, ки худи ҳозир барои калисо 500 000 доллар чек нависад, то ки мо онро бо худ барем. Ӯ гуфт, ки ин берун аз чаҳорчӯбаи муқаррароти стандарӣ аст ва маъмулан кор ин тавр анҷом дода намешавад. Ҳеҷ гуна баҳодиҳии хавфи қарздиҳӣ, ҳеҷ гуна варақа вуҷуд надошт, танҳо чек бо маблағи 500 000 доллар. Ӯ гуфт, ки барои 500 000 доллари боқимонда, баҳодиҳии хавфи қарздиҳӣ гузаронидан лозим мешавад, вале моро бовар кунонид, ки ҳама чиз хуб ба сомон мерасад, чунки худи ӯ қарор қабул мекунад, ва ҳамин тавр ҳам шуд. Мо ба пудратчии худамон миллион доллар пардохт кардем ва сохтмон ба охир расид.

Баён кардани он душвор аст, ки ман ва Дренда дар роҳи яксоатина ба сӯи хонаамон бо чеки 500 000 доллар дар киса чиро эҳсос мекардем. Мо саршор аз хурсандӣ будем ва худро олӣ ҳис

мекардем! Ягон калимае вуҷуд надорад, ки эҳсосоти моро дар он лаҳза дуруст ифода карда тавонад, вале мо аз он коре, ки Рӯҳулқудс навакак анҷом дода буд, аз файзу шодӣ пур шуда будем. Аввалин касе, ки мо занг задем, пудратчии мо буд. Вақте ки мо ба вай ин хабари хушро расонидем, ман то ҳол шодиеро, ки аз овози ӯ фаҳмида мешуд, дар ёд дорам.

- Чӣ-чӣ кор кардед? – пурсид ӯ. – Онҳо зуд дар ҳамон лаҳза ба шумо чек навишта доданд?

Ҳамаи мо медонистем, ки ин кори Худо буд.

Чӣ тавр ин рӯй дод? Рӯҳулқудс! Дӯсти ман, дар Худо ҷавобҳое, ки ба шумо лозиманд, мавҷуд ҳастанд. Агар шумо иқтидори Подшоҳии Худоро истифода бурдан хоҳед, бояд шунидани овози Рӯҳулқудсро ёд гиред. Ин китоб дар бораи ҳамин аст.

Бо Рӯҳулқудс паси сар кардани вазъиятҳои гуногун аз ҳар гуна филми Ҷеймс Бонд, ки шумо боре дидаед, шавқовартар аст! Чуноне ки дар филм ҳамин тавр аст, шумо медонед, ки дар охир, новобаста ба он ки чӣ қадар лаҳзаҳои пуршиддат рӯй дода метавонанд, кӣ ғалаба мекунад.

БОБИ 2

# ПОДШОҲӢ

Мутмаинам, шумо дар бораи бисёр даъвоҳо шунидаед, ки баъдтар за тарафи суд рад карда мешаванд. Як мисол меорам.

Маҳбусе аз ҳабсхонаи Колорадо бар зидди Лигаи миллии футбол ба миқдори 88 миллиард доллар (бале, *миллиард*) даъво кард. Даъво ба қароре, ки доварон ҳангоми бозии плей-офф байни дастаҳои “Даллас Ковбойз” ва “Грин Бэй Пэкерс” қабул карданд, вобаста буд. Функсионерҳо тӯбе, ки Дез Брайант (аз дастаи “Ковбойҳо”) дошта буд, ба ҳисоб нагирифта, қарор баровардаанд. Маҳбус бо ин розӣ нашуд. Дар даъвои вай гуфта мешавад, ки шахсони расмии ЛМФ хунункназарона рафтор карда, ӯҳдадориҳои фидусионарии худро вайрон кардаанд. Чаро маҳбус 88 миллиард доллар даъво кард? 88 – ин рақами майкаи Брайант[1].

Ин беақлист, дуруст? Фикр мекунам, ҳама мефаҳманд, ки ин даъво баррасӣ карда намешавад. Вале чӣ тавр муайян кардан мумкин аст, ки даъво асос дорад ё не? Агар роҷеъ ба қонун гап занем, мутобиқи сомонаи Law.com, ду сабаби асосие, ки суд баррасии ин парвандаро рад мекунад, – ин масъалаи юрисдиксия ё набудани асосҳои қонунӣ. Чаро ман масъалаҳои ҳуқуқиро дар китобе, ки ба Рӯҳулқудс бахшида шудааст, баррасӣ мекунам? Чунки, агар шумо дар вазъияти худ амали Рӯҳулқудсро дидан хоҳед, донистан лозим аст, ки қонун чӣ мегӯяд. Подшоҳии Худо – ин аз подшоҳӣ на каму на зиёд, ва он дар доираи қонунгузории Подшоҳӣ амал мекунад. Ман дар ду китоби пештараи худ аз ин силсила – “Инқилоби молиявии

ту. Қуввати ризоият” ва “Инқилоби молиявии ту. Қуввати оромӣ” принсипҳои асосии Подшоҳии Худоро дар робита ба юрисдиксия ва қонун баён кардаам. Вале барои фаҳмидани он, ки ман дар робита бо Рӯҳулқудс чиро дар назар дорам, баргаштан ба ақиб ва ақаллан ба ёд овардани ин принсипҳо аз фоида холӣ нахоҳад буд. Биёед аз викторина сар мекунем.

> *Лекин Исо ба онҳо гуфт: «Пайғамбар беқадр набошад, ҷуз дар зодгоҳи худ ва дар байни хешовандон ва дар хонаи худ». Ва дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода натавонист, ҷуз он ки дастҳояшро бар чанд беморе ниҳода, онҳоро шифо дод. Ва аз беимонии онҳо дар ҳайрат афтод.*
>
> – Марқӯс 6:4-6

Оё шумо гуфта метавонед, ки барои чӣ Исо дар ин порча одамонро шифо дода натавонист? Дин ба таври стандартӣ ҷавоб медиҳад, ки, шояд, иродаи Худо ин аст, ки онҳоро шифо надиҳад. Ниҳоятан ба Худо маълумтар аст, ва агар Ӯ мехост, шифо медод, дуруст мегӯям? Хайр, Ӯ Худо аст-ку. Оё пайхас карда метавонед, ки дар он ҷо одамоне низ буданд, ки ба шифо эҳтиёҷ доштанд, аммо шифо наёфтанд? Ман фикр мекунам, ки ин аз матн маълум аст. Дарёфти ҷавоб ба саволи он, ки чаро Исо одамонро шифо дода натавонист, ҳаётан муҳим мебошад. Ин саволе аст, ки ҷавоб ёфтан зарур аст. Агар хулосаи ин матнро хонем, пас мо мебинем, ки Исо мегӯяд, ки маҳз сустии имон ба одамон монеа шуд, ки шифо ёбанд. Барои фаҳмидани назари Исо ва хулосаи Ӯ оид ба он, ки чаро одамон шифо наёфтанд, мо бояд хуб фаҳмем, ки имон чӣ аст ва чаро он дар подшоҳии заминӣ барои дарки қонуниятҳои осмон зарур аст.

Ба ман иҷозат диҳед, ки ин масъаларо хулосабарорӣ кунам. Ин аз тарафи Исо камбудии қувват ё хоҳиш набуд. Проблема дар юрисдиксия буд. Моҳиятан, дар он вазъият осмон барои амал кардан дар робита ба аксари одамон асосҳои қонунӣ надошт. Бо гумони он, ки ман дар бораи чизҳои гуфтаистодаам ҳеҷ фаҳмише надорам, пеш

аз он ки ин китобро ба як сӯ партоед, ба ман як лаҳза таваҷҷӯҳ кунед, ки ҳамаашро фаҳмонам.

Вақте ки Одам ва Ҳавво офарида шуданд, онҳо бар замин қудрати комил ва пурра доштанд. Гумон мекунам, ки порчаи навбатӣ исботи амиқи гуфтаҳои ман мебошад.

> *«Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ». Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, **пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад.***
>
> – Ибриён 2:7, 8

Диққат диҳед, Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Одам бо тоҷи ҷалол ва шавкат сарфароз гардонида шуда буд. Истилоҳи "сарфароз гардонидан" дар ин ҷо ба макони иҷро карда шудани қудрат, ки ба воситаи он Одам ҳукмронӣ мекард, алоқаманд аст, на ба он ки ӯ дар ҳақиқат дар боғи Адан дар сар тоҷ дошт. Аммо мо пайхас карда метавонем, ки дар гирди ӯ нур ё партави шӯҳрат буда метавонист, ҳамту дар омади гап мегӯям. Одам ҷалолу (тадҳин ва азамати Подшоҳӣ) шарафи (мақоми шахси қудратманд) Подшоҳии Худоро дошт. Ва бо назардошти ин ду ҷиҳат ӯ ҳамчун соҳибқудрат аз номи Подшоҳии Худо дар замин ҳукмронӣ мекард. Шайтон, ки аллакай дар лаҳзаи офариниши одам дар замин буд, ба одам нафрат дошт ва талабгори қудрати ӯ буд. Шайтон чун медонист, ки тоҷи қудрати Одамро осон ба даст оварда наметавонад, бо роҳи фиреб ӯро водор кард, ки ба таври ихтиёрӣ тоҷашро (салоҳияти қудрат) ба ӯ диҳад, зеро Одам бар ӯ қудрати пурра дошт.

Бо ҳамин тариқ, шайтон Ҳавворо фиреб дод, ва Одам низ занашро пайравӣ кард, ва дар натиҷа ҳардуяшон аз мақоме, ки дар Подшоҳии Худо доштанд, маҳрум шуданд. Шайтонро пайравӣ карда, онҳо ба юрисдиксияи салтанати ӯ гузаштанд. Шумо пурсида метавонед: "Чаро Худо умуман шайтонро ба боғи Адан роҳ дод"? Хайр, Ӯ маҷбур

шуд. Медонам, ки ин ҷавоб шуморо каме ба ҳайрат меорад, аммо мебинед, ки ин рост аст. Биёед ба таври мухтасар дар бораи Ҳастӣ 2:8, 9 мулоҳизаронӣ мекунем.

> *Ва Худованд Худо боғе дар Адан ба тарафи машриқ шинонд; ва он одамро, ки сиришта буд, дар он ҷо гузошт. Ва Худованд Худо ҳар гуна дарахти хушнамуд ва хушхӯрро, ва дарахти ҳаётро дар васати боғ, ва дарахти маърифати неку бадро аз замин рӯёнид.*

Ин порчаро хонда, мо ба андешае водор мешавем, ки барои чӣ Худо дар маркази боғи Адан дар паҳлӯи дарахти ҳаёт дарахти маърифати неку бадро рӯёнид. Моҳиятан, барои он ки Худо аз лиҳози қонунӣ ба ҳудуди шайтон ворид шуда тавонад, Ӯ мебоист ба одам озодии интихоб диҳад: ба Ӯ хизмат кунад ё ба шайтон. Худованд ба таври қонунӣ ҳамту ба ҳудуди шайтон дохил шуда, одамро ба он сокин карда наметавонист. Барои он ки ҳама чиз аз рӯи қонун шавад, одам мебоист соҳибихтиёр бошад, ки ба кӣ итоат кунад. То даме ки одам Худоро, дарахти ҳаётро, интихоб мекард, ӯ бар шайтон қудрат дошта метавонист. Ана барои ҳамин Ӯ бояд дарахти маърифтаи неку бадро дар паҳлӯи дарахти ҳаёт ҷой медод.

Дар ин ҷо бояд як чизи муҳимро қайд кунем. Одамро бе иродаи озод дар замин сокин кардан мумкин набуд. Ман медонам, аксари масеҳиён мегӯянд, ки мо бо иродаи озод офарида шуда будем, то Худо бубинад, ки Ӯро кӣ дӯст медорад. Эҳтимол дар ин ақида як қадар ҳақиқате ҳам бошад. Вале, аслан, бе иродаи озод ин ғайриқонунӣ ҳисобида мешуд. Агар ба одам иродаи озод дода намешуд, ӯро ба он ҷо сокин кардан номумкин буд. Ман дар доираи ин мавзӯъ боз бисёр чизҳоро муҳокима карда метавонистам, вале дар ин бора аллакай дар ду китоби аввалаи худ гуфтаам.

Ҳамин тариқ, Одам фиреби шайтонро интихоб мекунад, Подшоҳии Худоро аз даст медиҳад ва Худо дар Ҳастӣ 3:17-19 ба муқобили Одам мебарояд:

> *...замин аз боиси ту малъун шуд; тамоми айёми умрат аз он* ***бо ранҷ*** *хоҳӣ хӯрд; хору хас бароят хоҳад рӯёнид; ва алафи саҳроро хоҳӣ хӯрд.* ***Ба араҳи ҷабинат*** *нон хоҳӣ хӯрд, то даме ки ба хок баргардӣ, ки аз он гирифта шудаӣ.*

Дар асл, Худо ба Одам мегӯяд, ки ин вай, Одам, заминро малъун кард. Азбаски Одам бар замин қудрати комил дошт, маҳз ӯ дарро бар рӯи шайтон воз кард ва феълан Худоро ронд. Акнун дастони Худо баста шуданд, ва Одам бо араҳи ҷабини худ заҳмат кашида, зиндагӣ хоҳад кард. Як ҷузъи майдатарине ҳаст, ки шайтон ҳангоми ба васваса андохтани Ҳавво ба вай гуфтанро фаромӯш кард. Ин чизе аст, ки Худо аллакай шайтонро маҳкум кардааст, аз биҳишт рондааст ва "дӯзах"-ро хонаи абадии ӯ эълон намудааст. Хеле зарур аст, ки инро дарк кунед. Бисёриҳо мегӯянд: «Чӣ тавр Худои пурмуҳаббат одамонро ба "дӯзах" ронда метавонад?». Ӯ ин корро накардааст, инро Одам ба амал овардааст. Чуноне ки дар порчаи навбатӣ мо мебинем, ҳеҷ гоҳ дӯзах барои инсон таъин нашуда буд.

> *«Он гоҳ ба онҳое ки ба тарафи чапи Ӯ ҳастанд, хоҳад гуфт: "Эй малъунон, аз Ман дур шавед ва ба оташи ҷовидоние* ***ки барои иблис ва фариштагони вай муҳайё шудааст,*** *биравед"» (Мат. 25:41).*

Вақте ки Одам ва Ҳавво ба зери юрисдиксияи шайтон афтоданд, ҳамзамон онҳо ба зери доварии ӯ афтоданд. Тамоми зоти инсоният дар таҳти ҳукмронии шайтон монд. Тасаввур кунед, ки чӣ тавр чорвои калони шохдорро парвариш мекунанд. Агар яке аз говони шумо гӯсола таваллуд кунад, ин гӯсола низ бо мӯҳри шумо мӯҳр зада мешавад, чунки он ба шумо тааллуқ дорад, зеро ҳамаи рама ба шумо мансуб мебошад. Бо ҳамин тариқ ҳамаи насли Одам худ аз худ ба зери юрисдиксияи шайтон афтод. Фаҳмиши стандартии динӣ, ё, гуфтан мумкин, набудани фаҳмиш аз он иборат аст, ки қисмати инсон – вобаста аз он ки чӣ қадар ӯ бад ё нек мебошад , биҳишт ё дӯзах аст, – комилан консепсияи нодуруст мебошад. Гап дар он аст, ки тақдири

ӯ аллакай муайян шудааст. Ҳамаи одамон ба дӯзах мераванд. На аз он сабаб ки онҳо бадӣ кардаанд, балки аз он сабаб ки Одам чӣ кор кардааст. Акнун Худо ба туфайли муҳаббати Худ ба мардону заноне, ки Ӯ офарид, ба воситаи Исои Масеҳ нақшаи наҷотро ба амал овард, то ки одамон аз ин бадбахтӣ раҳо шуда, ба зери юрисдиксияи Худо баргарданд.

*"Ва Ӯ моро аз салтанати зулмот халосӣ дода, ба Малакути Писари маҳбуби Худ дохил кардааст"* (Қӯл. 1:13).

Қайд кардан бамаврид аст, ки Худо роҳи қонунии баромадан аз юрисдиксия ва ҳукми шайтонро пешбинӣ карда буд. Аммо барои истифода бурдан аз он, ҳар як мард, зан ва кӯдак, номи Исоро даъват карда, бояд ба фоидаи ин қарор интихоби худро ба амал орад. Масеҳиён, як лаҳза ба ман гӯш андозед. Он зани меҳрубон аз кӯчаи ҳамсоя ба дӯзах меравад, агар касе ӯро пеш аз марг ба хондани исми Исо водор накунад. Шумораи хеле зиёди одамони хуб ба дӯзах хоҳанд рафт. Шайтон дурӯғ мегӯяд, то одамонро ба фикр кардан водор созад, ки корҳои нек карда, онҳо аз оташи дӯзах раҳоӣ меёбанд. Номи Исо – ягона номе, ки ба мардону занон дода шудааст, то ба василаи он аз ҳукми шайтон халос шаванд. Ман лозим медонам, то ба таври амиқ ёдрас кунам, ки вақте Одам ба гуноҳ афтод, ӯ рӯҳан мурд ва аз Худо канда шуд, аммо вай ҳанӯз ҳам ба таври қонунӣ *соҳиби* замин аст. Азбаски чунин аст, шайтон одамонеро, ки аз девҳо илҳом мегиранд, ва Худо одамонеро, ки аз Рӯҳ пур ҳастанд, истифода бурдан мехоҳанд, то ки дар подшоҳии одамон корҳои худро анҷом диҳанд. Ҳамин тариқ, агар ба таври мухтасар гӯем, мо мефаҳмем, ки ба осмон ё ба дӯзах рафтан – ин масъалаи шаръие, ки аз некӯкории мо вобаста намебошад, балки ба ғалабае, ки Исо дар салиб бар шайтон ба даст овард, асос меёбад. Ҳамзамон, гарчанде Исо роҳи халосии одамро аз ҳукми шайтон ба қонун даровард, ҳар як одам бояд бо имон номи Исоро даъват кунад, то ки аз он истифода барад.

Ман медонам, ки чанд сархат пештар мо муҳокимарониро бас

кардем, аммо акнун биёед ба саволе бармегардем, ки қаблан дода шуда буд: “Чаро Исо дар боби 6-уми Инҷили Марқӯс одамонро шифо дода натавонист?” Ман гуфтам, ки ин масъалаи юрисдиксия аст, ва ин воқеан ҳамин тавр мебошад. Азбаски Одам юрисдиксияи рӯҳониро бар подшоҳии одамон ба шайтон дод, Худо дар вақти дилхоҳ наметавонад ба он ҷо ворид шавад, чунки ин ғайриқонунӣ буда метавонист. Инро бо он чизе, ки ман дар бораи ба кӣ тааллуқ доштани замин гуфтам, аралаш накунед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки тамоми замин ба Худованд тааллуқ дорад, аммо дар робита бо подшоҳии одамон, Худо бар он ҳукми қонунӣ надорад. Мо дар Инҷили Луқо исботи ин фикрро пайдо карда метавонем (4:5-7).

*Ва Ӯро ба кӯҳи баланде бардошта баровarда, ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод, ва иблис ба Ӯ гуфт: «Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам; пас, агар Ту ба ман саҷда кунӣ, ҳамааш аз они Ту мешавад».*

Дар ин ҷо мо мебинем, ки Одам ҳукми қонуниро бар салтанатҳои ҷаҳон ба шайтон дод. Аз ин рӯ Худо дар подшоҳии заминӣ нисбат ба одамон ҳар кореро, ки хоҳад, иҷро карда наметавонад. Вале агар Ӯ мард ё занеро, ки ба Ӯ пурра имон доранд ва ба қудрати осмонӣ бовар мекунанд, пайдо карда тавонад, он гоҳ Худо ба воситаи он шахс қудрати Худро ба амал оварда метавонад. Бо ҳамин тарз ҳам шайтон аз аввал ба воситаи Одам – шахсе, ки ба таври қонунӣ ҳукмрони замин буд, ба подшоҳии заминӣ роҳ ёфт. Вақте ки Худо Одамро аз даст дод, Ӯ маҷбур шуд, ки барои иҷро кардани нақшаи наҷоти Худ, одами дигарро пайдо кунад, ва ин шахс Абром буд.

*Ва Худованд ба Абром гуфт: «Аз замини худ, аз ақрабои худ ва аз хонаи падари худ сӯи замине ки ба ту нишон диҳам, равона шав. Ва аз ту халқи бузурге ба вуҷуд оварам, ва туро*

*баракат диҳам, ва номи туро бузург созам: ва ту намунаи баракат хоҳӣ шуд. Ва баракат диҳам онҳоеро, ки туро муборак хонанд, ва лаънат гӯям ба онҳое ки туро малъун хонанд;* ***ва дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост».***

Ҳастӣ 12:1-3

Абром, ё Иброҳим, даре буд, ки Худо барои аз нав роҳ ёфтан ба подшоҳии заминӣ ва иҷро кардани нақшаи наҷоти одамизод истифода бурд. Худо бо Иброҳим ва насли ӯ аҳд баст, ва бо воситаи ин паймони қонунӣ Ӯ ҳуқуқ пайдо кард, ки Исои Масеҳро ба ҷаҳон биёрад, вале танҳо бо воситаи насли Иброҳим. Ана барои чӣ Исо бояд аз насли Иброҳим мебуд ва ба халқи Исроил иҷозат дода намешуд, ки бо халқҳои ҳамсоя издивоҷ кунад. Маҳз барои ҳамин китоби аввали Аҳди Ҷадид – ин насабнома аст. Он исбот мекунад, ки Исо дар асл насли ҳақиқии Иброҳим мебошад, ва бо ин ба шайтон далел меорад, ки омадани Исо ва барои гуноҳи одамизод маслуб шудани Ӯ асоси қонунӣ дорад.

Азбаски мардон ва занон ҳанӯз ҳам аз лиҳози қонунӣ бар замин қудрате доранд, ки онро набояд бо қудрати рӯҳонӣ аралаш кард, Худо ва шайтон одамонро бояд истифода баранд, то ки кори худро анҷом диҳанд. Соддатар карда гӯем, мардон ва занон ягона шахсоне мебошанд, ки бар замин ҳукми қонунӣ доранд. Аммо айнан ҳамин тавр, чуноне ки шайтон ба воситаи Одам ва Ҳавво, ки ба фиреби ӯ афтоданд, роҳ ёфт, Худо низ бояд одамонеро пайдо кунад, ки ба суханони Ӯ имон оранд, то Ӯ имкон ёбад, ки дар замин Худро намоён кунад. Вақте ки мард ё зан ба он чизҳое, ки на салтанати шайтон, балки осмон мегӯяд, аз тахти дил бовар кунанд, инро имоне меноманд, ки ба осмон имкони қонунӣ медиҳад, то ба василаи ин шахс дар замин намоён шавад ва иродаи Худоро бар зидди салтанати шайтон ба амал орад. Боз бисёр чизҳоро гуфтан мумкин аст, аммо ман ҳамаи инро ба таври муфассал дар ду китоби аввалаам баён кардаам.

Чизи асосӣ аз суханони зайл иборат аст. Азбаски шайтон дар ин ҷо,

дар замин, амал мекунад, ӯ ҳамеша салтанати худро ҳимоя мекунад ва ҳамеша нақшаҳои Худоро вайрон кардан мехоҳад. Бинобар ин Худо махфӣ амал мекунад, то ки нақша ва ниятҳои Худро ба подшоҳии заминӣ ворид кунад. Ва маҳз бо донистани ин, ки Худо ба таври махфӣ амал мекунад, шумо барои муваффақият ва ғалабаи худ дар ҳаёт калиди бузург пайдо мекунед. Ман инро қуввати стратегия меномам!

БОБИ 3

# ҲАЙРАТЗАДАГОН

Ба ман як марди комилан ношинос занг зад. Ӯ худро шинос кард ва гуфт, ки ба ӯ ва ба якчанд нафари дигар китоби ман “Шикор бо имон” ва таълими ман оид ба Подшоҳии Худо хеле писанд афтодааст. Зиёда аз ин, ӯ пурсид, ки оё ман ба Монтано омада, бегоҳии рӯзи ҷумъа ва субҳи рӯзи шанбе дар гурӯҳи иборат аз 70 нафар дарс дода метавонам. Пеш аз он ки ман ҷавоб диҳам, ӯ гуфт: “Пас аз машғулият субҳи рӯзи шанбе мо мехостем шуморо ба шикори оҳувон барем, зеро феълан ҳоло мавсими шикори онҳо аст”. Барои ҷавоб додан ба ман вақти зиёд лозим набуд. Ӯ гуфт, ки таклиф ба бачаҳои ман низ дахл дорад, агар онҳо омадан хоҳанд. Дар давоми моҳҳои минбаъдаи тобистон онҳо ба ман барои ба расмият даровардани иҷозатнома барои шикор дар тирамоҳи оянда ёрдам карданд. Писари ман Тим азм кард, ки бо ҳамроҳи ман меравад ва ӯ низ иҷозатнома гирифт.

Чуноне ки фаҳмидам, ин гурӯҳи “Ҳифзкунандагони ваъдаҳо” буд, ва онҳо аз қиссаҳои сайёдӣ, ки дар таълими худ ман нақл карда будам, ва аз он ки чӣ тавр ман бо имон оҳувонро шикор мекардам, мафтун шуда буданд. Онҳо бештар дар бораи он шунидан мехостанд, ки чӣ тавр ман дар 30 ё 40 дақиқа оҳуро шикор мекардам ва чӣ тавр Худо маро таълим дода буд, то аниқ ҳамон ҷонвареро, ки ба даст меорам, ва ҳатто ҷинс ва ҳаҷми шоххои онро муайян кунам. Бояд иқрор шавам, ки ҳикояҳое, ки ман шоҳиди онҳо будам, гӯё суханони бофта ба назар мерасиданд, ва агар ман онҳоро бо чашмони худ намедидам, пас, эҳтимол, барои ман низ ба мисли онҳо шавқовар буда метавонистанд.

Ниҳоят, вақти сафар кардан ба Монтано фаро расид. Мо ва Тим парвоз карда омадем ва бо чанд нафаре аз гурӯҳи мардона, ҷавонмардҳои олӣ, ки Худовандро дар ҳақиқат дӯст медоранд, вохӯрдем. Онҳо моро ба сайди форел ва ба тирпарронӣ бо милтиқе, ки онҳо барои мо омода карда буданд, ба майдони тирандозӣ бурданд. Ман, ки дар Оҳайо ба воя расидаам, барои тирандозӣ кардан аз милтиқҳое, ки ба масофаи дур тир мепарронанд, одат накардаам. Қонунҳои мо бо милтиқи сочма ва аз масофаи 100 метр ё аксаран ҳатто камтар аз 50 метр шикори оҳуро иҷозат медоданд. Бинобар ин, вақте ки онҳо нишонро дар масофаи 180 гузоштанд, ин барои ман ғайриодатӣ буд, вале камтар машқ карда, ман лавҳаи фӯлодиро ба нишон гирифтам ва гуфтам, ки ба шикор тайёрам.

Ман ҳамон бегоҳӣ ва субҳи дигар низ мардонро дар маҷлисгоҳи мактаби маҳаллӣ таълим додам. Ҳамаи ҷавонмардон муштоқи он буданд, ки дар бораи Подшоҳии Худо ва махсусан дар бораи он ки чӣ тавр Худо тавассути шикор ба ман қонунҳои Подшоҳиро омӯхтааст, бишнаванд ва бидонанд. Пас аз хӯроки нисфирӯзӣ онҳо гуфтанд: “Хуб, ба шикори ғизол меравем”. Ман ҳеҷ гоҳ ғизолҳоро шикор накарда будам ва, эҳтимол намефаҳмидам, ки ин чӣ хел мешавад. Мувофиқи таҷрибаи сайёдии ман, аксаран ду-се нафар ба шикор мераванд. Вале онҳо се ё чор мошинро пур карда буданд. Дар ёд дорам, ки пеш аз вақти бегоҳ Тим аз ман пурсид: “Падар, ту дар бораи сайди ғизол асабонӣ мешавӣ? Ту ба онҳо оиди Подшоҳии Худо таълим медиҳӣ ва бо боварӣ изҳор мекунӣ, ки Подшоҳӣ ҳар дафъа кор мекунад, вале агар ту ғизолеро шикор карда натавонӣ, ва онҳо инро бинанд, чӣ гуна мешавад?” Ман ба ӯ гуфтам, ки дар бораи ғизол зиқ нестам. Ман ва Дренда аллакай тухмиҳоро кишт карда, дар бораи ин ғизол розӣ шуда будем; он муҳайё мешавад.

Дар ҳоле ки мо ба ранчо равон будем, ки дар он ҷо иҷозатномаи сайёдии онҳо эътибор дошт, онҳо ба ман гуфтанд, ки ғизол дар Америкаи шимолӣ ҳайвони аз ҳама тездав ва аз рӯи суръат дуюмин дар сайёра аст, аз он танҳо гепард тездавтар аст. Онҳо фаҳмониданд, ки қобилияти биноии ғизолҳо олидараҷа аст, ва ҳимоятгари онҳо

давиш аст, аз ин рӯ агар онҳо туро пайхас кунанд, пас дар як мижа задан ғайб мезананд. Ман танҳо ба шикори нарина ва Тим бошад, ба шикори ғизоли модина иҷозат дошт.

Нақшаи мо аз он иборат буд, ки ҳангоми расидан ба ранчо бо мошинҳо болотар рафта, баъд пиёда ба қулла баромада ва ҳамвориҳоро барои ҷустуҷӯ кардани ҷонварон муоина кардан лозим буд. Вақте ки мо ба боло мебаромадем, дар масофаи дуртар ғизолҳоро пайхас кардем. Аз сабаби хусусиятҳои сатҳи замин, мо қарор додем, ки ба масофаи тирандозӣ наздик мешавем ва дар байни дараҳо камин мегирем. Ба мо лозим мешавад, ки хеле эҳтиёткорона ба баландии охирин баромада, оҳиста ба нӯги баландӣ наздик шавем, то ки агар ҳангоми ба он ҷо расидани мо ғизолҳо ҳанӯз дар он ҷо бошанд, тир андозем. Дар ин ҳолат, вақте ки мо мавқеъ мегирем, масофа то ба ҷонварон тақрибан 200 метрро дар бар мегирад.

Ман ва Тим барои расидан ба канори теппа, ки аз он ҷо сой намудор мешуд, хеле тӯлонӣ оҳиста бо шикам хазида роҳ рафтем. Аз теппагӣ ба сой чашм андохта, ғизолҳоро дидан мумкин буд. Нақша чунин буд: пас аз он ки ман ба ғизоли нарина тир холӣ мекунам, Тим ба модина тир меандозад. Ман оҳиста ба канор хазида, нигоҳ кардам. Албатта, нақшаи мо самар овард. Галаи на он қадар калон моро пай набурд. Ман милтиқро бардоштам, аммо аз сабаби дурии масофа ва нафасгирӣ дар даст маҳкам нигоҳ доштани он мушкил буд. Вале ниҳоят, вақте ки ба назарам ман ғизоли наринаро ба нишон гирифтам, тир паррондам. Ва тирам хато хӯрд. Вақте ки ман тири дуюмро холӣ кардам, гала безобита шуд. Ва боз хато кардам. Акнун гала ба ҳаракат омад. Ман бори сеюм тир андохтам, ва пас аз он бори чорум – ҳамааш хато рафт. Вақте ки ман бори панҷум тир паррондандӣ шудам, танҳо чиқ кардани овозро шунидам. Тирҳои ман тамом шуданд.

Аз шӯру мағал ман нафаҳмидам, ки тамоми гала гурехта, ба ҷои дастнорас рафт. Ҳама, ғайр аз наринае, ки ман ба сӯяш тир андохтам. Он ҳамагӣ якчанд метр аз ҷое, ки ҳангоми аввалин бор тир андохтани ман истода буд, комилан беҳаракат меистод. Ман бо талвоса аз Тим

милтиқашро талаб кардам. Ман ин дафъа ҷаҳида, зуд тир андохтам. Нарина афтод. Ман якбора ҳам ҳаяҷон ва ҳам сабукӣ ҳис кардам. Ман ғизолро задам. Ба ақиб нигоҳ карда, ман бо тааҷҷуб гурӯҳи ҷавононро дидам, онҳо фарёд мезаданд ва тантана мекарданд. Баъзеҳо бо телефони мобилӣ гап мезаданд, ва ман шунидам, ки яке аз онҳо гуфт: "Бале, ҳамааш айнан тавре ки дар китоби "Шикор бо имон" буд, рӯй дод, ҳамагӣ 40 дақиқа, ва нарина беҳаракат меистод, айнан чуноне ки дар китоб аст".

**ҶАҲОН МУШТОҚИ ДИДАНИ ЯГОН ЧИЗИ АРЗАНДА АСТ, ВА ХУДО НИЗ БА ҲАЙРАТ ОВАРДАНРО ДӮСТ МЕДОРАД.**

Ҳамаи онҳо барои он омаданд, то бубинанд, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр амал мекунад. Ниҳоятан, ман онҳоро соатҳо роҷеъ ба ҳамин таълим додам, ва онҳо дидан хостанд, ки ин чӣ тавр кор мекунад. Хайр чӣ, сарфи назар аз тирандозии на он қадар хуби ман, ҳамаи ин самар овард ва дурустии таълими маро исбот кард. Тим бо дараҷаи олӣ ба ғизоли давон тир андохта, модинаи худро худи ҳамон рӯз ба даст овард. Мо ҳарду хеле дар ҳаяҷон будем! Монтано хеле зебо аст, ва ману Тим таҷрибаи ҳайратангези Подшоҳиро пайдо кардем. Ман каллаи ғизолро дар утоқи худ ба болои миз овезон кардам, то ки он ба ман Подшоҳии Худо ва вафодории Худоро ёдрас кунад.

Барои чӣ ман ба шумо дар ин китоб қиссаҳои сайёдиро нақл карда истодаам? Чунки Худо мехоҳад, ки шуморо барои намоён кардани Подшоҳии Худ дар байни дӯстон, ҳамсояҳо ва хешовандон истифода барад. Ҳамаи онҳо дидан мехоҳанд, ки ин чӣ тавр кор мекунад. Ҷаҳон муштоқи дидани ягон чизи арзанда аст, ва Худо низ ба ҳайрат оварданро дӯст медорад. Барои анҷом додани ин кор, шуморо лозим аст, то бидонед, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад ва чӣ тавр Рӯҳулқудс ба мо ҷавобҳо ва имкониятҳоеро медиҳад, ки барои ба ҳайрат овардани ҳамагон, ҳатто худатон зарур мебошад. Тавре ки ман баъдтар фаҳмидам, ҳамон чанд нафар ҷавонмардоне, ки гурӯҳи мардонаро роҳбарӣ мекарданд, маро бо мақсади комилан

мушаххас оварданд – намоён кардани Подшоҳӣ ба бачаҳое, ки ба дин андармон шуда мондаанд. Баъдтар ман фаҳмидам, ки бисёре аз онҳо ба туфайли таълими ҳамонрӯзаи ман қалбашонро ба Худованд супориданд. Рӯҳулқудс ин нақшаро ба иҷро расонид, ва Ӯ ба шумо низ барои бомуваффақият ба иҷро расонидани нақшаҳоятон ёрӣ мерасонад.

Иҷозат диҳед, то боз як қиссаро ба шумо нақл кунам, вале ин дафъа ин қисса рост аз Китоби Муқаддас гирифта мешавад, ва он бори дигар маънидод мекунад, ки чӣ тавр Худо бо нақшаҳо ва стратегияҳои фавқуттабиие шуморо ба ҳайрат овардан мехоҳад, ки воқеият ва муҳаббати Ӯро ба одамони гирду атрофи шумо исбот мекунанд.

*Боре, вақте ки мардуми бисёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд, то ки каломи Худоро гӯш кунанд, ва Ӯ дар канори кӯли Ҷинесор истода буд, —ду қаиқро дид, ки дар кӯл истода буданд, ва сайёдони моҳӣ аз онҳо берун омада, тӯрҳои худро шустушӯй мекарданд. Ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Шимъӯн буд, савор шуда, аз вай хоҳиш кард, ки андаке аз соҳил дуртар ронад, ва Ӯ дар қаиқ нишаста, мардумро таълим медод.*

*Ва ҳангоме ки суханаш ба поён расид, ба Шимъӯн гуфт: «Ба чуқуроб бирон, ва тӯрҳои худро барои сайд андозед».*

*Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам».*

*Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд.*

*Шимъӯни Петрус, чун инро дид, пеши Исо зону зада, гуфт: «Худовандо! Аз пеши ман бирав, чунки ман шахси гуноҳкор ҳастам». Зеро ки вай ва ҳамаи ҳамроҳонаш аз ин сайди моҳиёне ки ба даст оварда буданд, дар даҳшат афтоданд, ва ҳамчунин Яъқуб ва Юҳанно, писарони Забдой низ, ки шарикони Шимъӯн буданд.*

– Луқо 5:1-10

Петрус, Яъқуб ва Юҳанно тамоми шаб тӯр андохта, чизе нагирифтанд. Ин шахсон моҳигирони моҳире буданд, ки дар гирду атрофи кӯл ба воя расидаанд, ва онро хуб медонистанд, вале бо вуҷуди ин онҳо бо дасти холӣ омаданд. Аммо, албатта, воқеа бо ин тамом намешавад. Исо завраќи Петрусро дархост мекунад, то ки аз он ҷо истода мавъиза кунад, ва баъд ба ӯ мефармояд, ки барои сайди моҳӣ ба чуқуроб шино кунад. Петрус каме ба тааҷҷуб афтода, изҳор мекунад, ки онҳо тамоми шаб заҳмат кашида, ягон моҳие ба даст наоварданд, вале азбаски Исо чунин фармуд, ӯ тӯр меандозад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки вақте Петрус тӯр андохт, чунон моҳии бисёр ба даст овард, ки тӯр қариб буд кафида равад, бинобар ин ӯ рафиқони худро ба ёрӣ даъват кард. Дар идома дар Навиштаҷот гуфта шудааст, ки моҳигирони моҳир аз сайди ҳамонрӯза чунон ба ҳайрат афтоданд, ки моҳигириро гузошта, аз паси Исо равон шуданд.

Ин яке аз қиссаҳои писандидаи ман дар Китоби Муқаддас мебошад, чунки он фарқияти ду подшоҳӣ, яъне подшоҳии торикӣ ва Подшоҳии Худоро возеҳ нишон медиҳад. Подшоҳии зулмат, ҳокимияти шайтон – ин харобӣ, қашшоқӣ, як шаби дарози сайди бесамар; ин системаи меҳнати пуразоб ва арақи ҷабин рехтан барои зинда мондан. Ман инро дар муқоиса бо тасвири пурҷалоли Подшоҳии Худо ва атоҳои он системаи замини малъун меномам, ки бар асари исёни Одам ба вуҷуд омадааст. Ба ин ду тазод бодиққат нигоҳ кунед ва бифаҳмед, ки Худо ба шумо дари рақами дуро, яъне Подшоҳии Худоро, воз мекунад.

Ҳоло ҳар як масеҳӣ фарёд мезанад, кафкӯбӣ мекунад ва мегӯяд:

“Бале, Подшоҳии Худо бузург аст, ба ин сайди моҳӣ нигоҳ кунед!” Аммо хеле кам одамон мепурсанд, ки инро Исо чӣ тавр ба амал овард, ва аксар одамон намедонанд, ки ба онҳо ҳамин гуна қудрат ва қобилияти лаззат бурдан аз чунин дараҷаи фаровонӣ, ки Петрус, Яъқуб ва Юҳанно ҳамон рӯз лаззат бурданд, дода шудааст. Ҷавоби стандартӣ ба саволи он, ки чӣ тавр Исо ин корро кард, аз он иборат мебошад, ки Ӯ – Исо. Вале диққат кунед, мо аллакай дидем, ки Исо дар Инҷили Марқӯс боби 6 ҳамаро шифо дода натавонист, чунки дар он ҷо осмон салоҳият надошт. Вале баръакси ин, ҳамон рӯз қонунҳои рӯҳонии Подшоҳии Худо, ки барои сайди бобарори моҳӣ мусоидат намуданд, кор карданд.

Аммо ана гап дар куҷост. Аксар масеҳиёне, ки ман вомехӯрам, ҳатто фикр ҳам накардаанд, ки килоро, ки Исо кард, онҳо ҳам карда метавонанд, ва ё агар фикр карда бошанд ҳам, тасаввуроте надоштанд, ки чӣ тавр Ӯ онро ба амал овард. Дар анҷуманҳои худ ман ҳамеша мегӯям: агар шумо чизеро ёд дода натавонед, пас бо он зиндагӣ ҳам карда наметавонед. Яъне агар шумо муайян карда натавонед, ки он сайд чӣ тавр ба вуқӯъ омад, шумо ҳеҷ гоҳ онро такрор карда наметавонед. Хуб, ин сайди бисёр аз куҷо пайдо шуд? Оё онро муайян карда метавонед? Агар шумо ба чунин бурдборӣ ноил шудан хоҳед, шумо бояд бифаҳмед, ки ин моҳӣ чӣ тавр пайдо шуд. Аммо аксар одамонро ин гуна мулоҳизарониҳои ман ба тааҷҷуб меандозанд. Аммо Исо чӣ гуфт?

> *Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад, аъмолеро, ки Ман мекунам, вай низ хоҳад кард ва ҳатто бузургтар аз он ҳам хоҳад кард, зеро ки Ман назди Падар меравам.*
>
> – Юҳанно 14:12

Вақте Исо гуфт, ки ҳамон корҳоеро, ки Ӯ иҷро кард, мо ҳам карда метавонем, чунки Ӯ назди Падар меравад, Ӯ Рӯҳулқудсро дар назар дошт, ки ба мо пас аз марг ва эҳёи Ӯ нозил шуда буд. Ин айни ҳамон

Рӯҳулқудс аст, ки дар дарёи Ӯрдун ба Ӯ нозил шуда буд, ва ба Ӯ имкон дода буд, то корҳои бузургтарини Худоро, ки мо ҳангоми омӯхтани хидматгузории Ӯ шоҳид мешавем, ба амал орад. Азбаски мо медонем, ки дар боби 6-уми Инҷили Марқӯс ба ин қувват беимонии одамон халал расониду аммо дар боби 5-уми Луқо барои таъмини сайди бисёри моҳӣ ба ин қувват ҳеҷ чиз монеъ нашуд, моро лозим аст, ки қонунҳои Подшоҳиро омӯзем, то муайян кунем, ки дар ин ё он вазъият чӣ ба ҷоришавии озоди Рӯҳулқудс халал мерасонад ё мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, биёед ин воқеаро таҳлил мекунем ва мебинем, ки оё қонунҳо ва принсипҳои Подшоҳиро, ки муайян кардан ва аз онҳо чизе ёд гирифтан мумкин аст, ёфта метавонем.

Агар шумо китоби аввалро хонда бошед, пас медонед, ки аз лиҳози рӯҳонӣ дар ин ҷо чӣ рӯй дод, вақте ки Петрус ба Исо қаиқи худро дод. Қаиқи Петрус ва феълан тамоми шуғли моҳигирӣ подшоҳӣ ё юрисдиксияро иваз карданд! Бале, вақте ки Исо қаиқро ба зери назорати Худ гирифт, қаиқ ба юрисдиксияи Подшоҳии Худо гузашт. Ҳамон лаҳза ки ин рӯй дод, Рӯҳулқудс заминаи қонунӣ пайдо кард, ки ҷои галаи моҳиёнро дар чуқуроб ба Исо хабар диҳад. Сайди азим натиҷаи нақша ва стратегияи фавқуттабиие буд, ки ба воситаи Исо ба Петрус аз ҷониби Рӯҳулқудс ато карда шуд. Ман инро дониши махфӣ меномам, ки ба туфайли он Петрус, Яъқуб ва Юҳанно сайди сершумортарини моҳиро ба даст оварданд, ки дар умри худ ҳеҷ гоҳ надида буданд. Феълан Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ин моҳигирони моҳир ба ҳайрат афтоданд.

Ман боварӣ дорам, ки Исо мехоҳад, то шумо низ бо ҳаёти ҳайратбахш, бо ҳаёте зиндагӣ кунед, ки Подшоҳии Худоро намоён мекунад, то ки одамони атрофи шумо аз чизҳое, ки мебинанд, ба ҳайрат афтанд, ва ба шинохти Исо биёянд. Ман боварӣ дорам, ки қаиқҳои холии динпарастӣ ҳеҷ гоҳ одамонро ба худ ҷалб намекунад. Худо мехоҳад, ки одамон некӯии Подшоҳии Ӯро бинанд, то ҳама бубинанд ва бовар кунанд, ки Ӯ нек аст ва Ӯ омода аст, то ҳама касонеро, ки ба наздаш меоянд, қабул кунад. Ишаъё дар ин бора гуфта буд, вақте ки нубуввати зеринро, ки ба калисо дахл дорад, эълон карда буд.

> *“...ва онҳо дарахтони адолат номида хоҳанд шуд, ки Худованд барои ҷалоли Худ шинондааст” (Ишаъё 61:3б).*

Инак, ман чӣ гуна паёмеро аз воқеаи моҳигирӣ дар боби 5-уми Инҷили Луқо мехоҳам ба шумо бирасонам? Қонунҳои зиёди рӯҳонӣ мавҷуд мебошанд, ки аз ин воқеа пайдо кардан мумкин аст, вале агар шумо ақаллан ана ин фикрро пайдо карда тавонед, он ҳаёти шуморо дигар мекунад.

**Ҳар кас метавонад, ки моҳӣ дорад, агар Исо ба вай гӯяд, ки ба куҷо тӯр андозад! Ё иҷозат диҳед, ки ба таври дигар ифода кунам: Ҳар кас моҳӣ дошта метавонад, агар Исо ба вай гӯяд, ки моҳӣ дар куҷо аст ва чӣ тавр онро доштан мумкин аст!**

Одамон мегӯянд: “Хайр, фаҳмо, Гэри, ин хуб аст, аммо Исо ҳоло дар ин ҷо нест”. Не, аммо ҳамон Рӯҳулқудс, ки ба Ӯ ҳамон рӯз дар куҷо будани моҳиро нишон дод, имрӯз дар ҳамин ҷо аст ва дар ту зиндагӣ мекунад, агар ту имондор бошӣ. Бишнавед, ки вақте Исо шогирдонашро тарк карданӣ буд, ба онҳо чӣ мегӯяд.

> *Ин суханонро ба шумо гуфтам, вақте ки бо шумо будам. Лекин Пуштибон, яъне Рӯҳулқудс, ки Падар Ӯро ба исми Ман хоҳад фиристод, ҳама чизро ба шумо таълим хоҳад дод ва ҳар чиро, ки ба шумо гуфтам, ба ёди шумо хоҳад овард. Осоиштагиро ба шумо боқӣ мегузорам, осоиштагии Худро ба шумо медиҳам: на ончунон ки ҷаҳон медиҳад, Ман ба шумо медиҳам. Дили шумо музтариб нашавад ва ҳаросон набошад.*
>
> – Юҳанно 14:25-27

Оромии Исо аз чӣ иборат буд? Ин Рӯҳулқудс буд, ки дар ҳар вазъият ба Ӯ чӣ тавр рафтор карданро нишон медод. Исо Рӯҳулқудсро Мушовир меномид. Дӯстам, ин Мушовир дар ту зиндагӣ мекунад ва ҳеҷ гоҳ таркат намекунад. Оё ту Ӯро мешунавӣ? Ту бояд розӣ шавӣ, ки аз ростӣ дар Худо барои ҳар як вазъияте, ки ту рӯ ба рӯ мешавӣ,

илоҷ ҳаст. Мушовир туро меомӯзонад ва маслиҳати зарурӣ медиҳад. Тибқи “Симфонияи пурраи Стронг барои Китоби Муқаддас” (3875), калимаи юноние, ки дар ин ҷо “мушовир” тарҷума шудааст, айнан инро мефаҳмонад: ба тарафи касе хондашуда ё даъватшуда, махсусан барои кӯмак даъватшуда. Он ҳамчунин он касро мефаҳмонад, ки дар суд манфиатҳои шахси дигарро ҳимоя мекунад, маслиҳатгари ҳимоя, ёрдамчии ҳуқуқшинос ё адвокат мебошад. Бо маънои аз ҳама васеътаринаш ин калима мададгорро ё касеро мефаҳмонад, ки ёрӣ мерасонад, ё ёрдамчиро.

Ман шуморо намедонам, лекин чунин мададгор ба ман айни муддао буда метавонист, чаро не? Рӯҳулқудс ҷавоби Петрус буд, вақте ки онҳо тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтанд. Ва Рӯҳулқудс ҷавоби ман буд, вақте ман намедонистам, ки аз куҷо пул ёбам, то ки аз қарзҳо халос шавам. Ва пас аз он ки ман оилаи худро ба чунин бесарусомонии молиявӣ дучор кардам, вақте ки аз Худо ёрӣ талабидам, маҳз Рӯҳулқудс боре шабона ба ман хобе ато кард, то ман аз ширкате, ки дар он кор мекардам, бояд равам, ва аз сифр бизнеси худро сар кунам.

**ИСО РӮҲУЛҚУДСРО МУШОВИР МЕНОМИД. ДӮСТАМ, ИН МУШОВИР ДАР ТУ ЗИНДАГӢ МЕКУНАД ВА ҲЕҶ ГОҲ ТАРКАТ НАМЕКУНАД.**

Маҳз Рӯҳулқудс ба ман гуфт, ки рисолати ин ширкати нав эълон кардани некӯкории Худо ва ёрӣ ба одамон барои раҳоӣ аз қарзҳо мебошад, ва дар он лаҳза ин фикри аз ҳама беақлонае буд, ки боре шунидаам. Ин ман ба одамон барои халос шудан аз қарзҳояшон ёрӣ мерасонам? Ман тимсоли он будам, ки бо пул чунин рафтор кардан номумкин аст. Зиндагии ман аз лиҳози молиявӣ даҳшат буд. Вале ин чизе буд, ки Ӯ фармуд, аз ин рӯ ман ва Дренда бо имон итоат кардем, аммо, дар асл, айни ҳамонро гуфтем, ки Петрус гуфта буд. “Худовандо, ин беҳуда аст, вале аз рӯи суханони Ту мо ин корро мекунем”. Ба маслиҳатҳои Рӯҳулқудс гӯш андохта, ин ширкати нав рушд кард ва ривоҷ ёфт, ва фоида овардан гирифт, ки дар натиҷа ман

ва Дренда пурра аз қарзҳо халос шудем. Ин ширкат 30 сол инҷониб ҳанӯз фаъолият мекунад, ва то ҳол дар як сол садҳо ҳазор доллар фоида меорад.

Ҳой, ман он қадар доно нестам, ва шумо низ, аммо Худо ба шумо Рӯҳулқудсро медиҳад, то ки ҷавобҳои лозимаро пайдо кунед. Вале чуноне ки мо аз ин китоб медонем, мо бояд нақши шахсии худро иҷро кунем, то ки дар ҳамкорӣ бо Рӯҳулқудс иродаи Худоро анҷом диҳем.

Мутаассифона, аз таҷрибаи муносибатҳои ман бо одамон бармеояд, ки бисёр масеҳиён бо проблемаҳои гуногун рӯ ба рӯ шуда, онро ҳал карда наметавонанд. Онҳо танҳо ба худ такя карда, моҳигирии худро давом медиҳанд, ва онҳо тамоми шаб заҳмати беҳуда кашида, доимо бо дастони холӣ ё наздик ба ин зиндагӣ мекунанд. Онҳо боре ҳам нашунидаанд, ки Рӯҳулқудс дар ҳамин ҷост, то ки дар ҳар гуна вазъият ёрӣ расонад. Гарчанде аксари масеҳиён мегӯянд: “Худо ба ман дар анҷом додани ана ин корҳо ё ана он корҳо ёрӣ мерасонад”, онҳо намефаҳманд, ки маҳз чӣ тавр ба онҳо Ӯ ёрӣ мерасонад ё намедонанд, ки чӣ тавр ҷавобҳои барояшон зарурро бишнаванд. Бисёриҳо намефаҳманд, ки бо Худо бояд ҳамкорӣ кунанд, то ки ҷавобҳои зарурииро пайдо кунанд, ва то ҳол интизор мешаванд, ки Худо бо проблемаи онҳо ягон коре мекунад, дар ҳоле ки ҷавоб аллакай дар дохили онҳо аст.

Масалан, дар робита бо пул одамон мегӯянд, ки барои бурдборӣ дар ин масъала Худо ба онҳо ёрӣ мерасонад. Ман мегӯям: “Хеле хуб! Вале Худо ба шумо чӣ тавр пул расонидан мехоҳад?” Онҳо дар аввал аз чунин савол меранҷанд, гӯё ман ба имони онҳо шубҳа карда истода бошам. Аммо ман давом медиҳам. “Пул аз куҷо пайдо мешавад? Чӣ тавр Худо онро ба шумо медиҳад?” Вақте ки ман аз онҳо ҷавоб талаб мекунам, онҳо гаранг мешаванд. Надонистани ин чиз дар давоми як муддати муайян ташвишовар нест, вале ниҳоятан шумо бояд ҷавоб пайдо кунед. Шумо ҳосили он чизеро, ки намебинед, ғундошта наметавонед. Дар ёд дошта бошед, вақте ки Исо ба Петрус гуфт, ки моҳӣ дар куҷо аст, Ӯ хеле аниқу равшан гап зад, ва ҳатто гуфт, ки чӣ

тавр онро ба даст овардан мумкин аст: "Тӯрҳои худро андозед". Дар ниҳояти кор, агар мақсади шумо моҳигирӣ аст, шумо бояд донед, ки тӯрро ба куҷо андозед.

Азбаски одамон, одатан, ба назари ман, менталитети "сандуқи почта" доранд, яъне фикр мекунанд, ки Худо ҳама корро ҳамту ба ҷои онҳо иҷро мекунад, дар соҳаи молияи онҳо ҳамон мушкилиҳо ва бесарусомонӣ дар давоми 10 ё 20 сол арзи вуҷуд мекунанд. Ин таассуфовар аст. Оё донистан мехоҳед, ки чаро онҳо дигар намешаванд? Чунки онҳоро ҳеҷ гоҳ наомӯхтаанд, ки чӣ тавр бо ёрии Рӯҳулқудс, бо усули Подшоҳӣ, моҳӣ гирифтан мумкин аст. Онҳо намедонанд, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс дар подшоҳии заминӣ кор мекунад, то ки ба онҳо барои рушд кардан ёрӣ расонад. Онҳо намедонанд, ки нақши онҳо ва нақши Рӯҳулқудс дар роҳи ба даст овардани муваффақияте, ки онҳо хеле сахт эҳтиёҷ доранд, дар чист.

Ин ба шахсе монанд аст, ки ман имрӯз ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ дидам. Ӯ хеле фарбеҳ буд, шояд 375 фунт (170 килограмм) вазн дошт. Ӯ дар як пой банд ва ду асо дошт. Ӯ базӯр роҳ мегашт. Пас аз он ки ӯ чизбургери худро хӯрд, як пора пирог бо равғани чормағзи заминӣ дархост кард. Вақте ман шунидам, ки чӣ тавр ӯ пирог фармоиш медиҳад, ба ҳайрат афтодам. Намедонам, ки ӯ дар бораи чӣ фикр мекард, аммо ӯ аз пирогхӯрӣ ба ҷое расида буд. Ин маълум буд ва ин ӯро мекушт. Ӯ базӯр аз ҷояш бархост ва оҳиста азоб кашида, ба баромадгоҳи тарабхона равон шуд. Ана ман ҳаёти имрӯзаи масеҳиёнро чӣ тавр мебинам – онҳо ваъдаҳоро мешунаванд, аммо заҳр фурӯ бурданро давом медиҳанд, баъд ҳайрон мешаванд, ки чаро муваффақ намешаванд.

**РӮҲУЛҚУДС, ХУДИ ХУДО, ДАР ТУ ЗИНДАГӢ МЕКУНАД, ТО КИ ҲАР ҶАВОБЕРО, КИ БА ТУ ЗАРУР АСТ, БИДИҲАД.**

Дӯстам, ту ҷавобро дорӣ! Рӯҳулқудс, Худи Худо, дар ту зиндагӣ мекунад, то ки ҳар ҷавоберо, ки ба ту зарур аст, бидиҳад. Одамон аз ман мепурсанд, ки онҳо бо Сюзан хонадор шаванд ё бо Салли, ба ин кор дароянд ё ба он кор, кӯчида

раванд ё дар ҷои пештара бимонанд, саҳмияҳои худро фурӯшанд ё бихаранд. Рӯҳулқудс дар дохили шумо ҳамаи ҷавобҳоро медонад. Ва боз ҳам, ҳадафи ин китоб ҳамин аст – донистани он ки чӣ тавр Рӯҳулқудс ёрӣ медиҳад ва дар робита бо шунидани овози Рӯҳулқудс Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад.

Ҳамин тариқ, иҷозат диҳед, ки хулоса кунам.

Ҳар кас моҳӣ гирифта метавонад, агар Исо ба вай гӯяд, ки он дар куҷо аст ва чӣ тавр онро ба даст овардан мумкин аст, ҳатто шумо!

Дар ин нома Кэрол нақл мекунад, ки ҳаёти ӯ дигар шуд.

*Соли гузашта дар ҳамин рӯз ман бо кортҳои қарзӣ бо истифода аз тамоми лимит тӯҳфаҳои солинавӣ харидам, чунки барои харидани тӯҳфа ба духтарам, ки ҳанӯз ба Бобои Барфӣ бовар мекард, пул надоштам. Ман дар изтироб ва андӯҳи доимӣ зиндагӣ мекардам ва ба шубон Гэри нома навиштам, ки ин кишт бесамар аст, ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад; ва ӯ хеле босаброна ҷавоб дод, ки интизор шудан лозим аст, барои пухта расидани ҳосил вақт лозим аст, ин одатан пас аз як рӯз ба амал намеояд.*

*Имрӯз, пас аз як сол, ман барои оилаи худ бо пули нақд тӯҳфаҳо мехарам. Ман тӯҳфаҳое мехарам, ки 300 ё 400 доллар арзиш доранд, ва бо шукргузорӣ он одамонеро ба ёд меоварам, ки дар лаҳзаҳои душвор ба ман кӯмак карда буданд. Соли гузашта ман дар таҳхонае зиндагӣ мекардам, ки дӯстонам онро барои якчанд моҳ зиндагӣ кардан ба ман иҷозат дода буданд. Ман ҳатто барои хӯрок ва бензин пул надоштам. Акнун ман дар хонаи зебо ва бароҳат зиндагӣ карда истодаам ва яхдони ман аз хӯрокворӣ пур аст.*

*3-юми декабр зодрӯзи духтари ман аст, ва мо ӯро ба боғи "Херш", ки дар Пенсилвания мебошад, бурдем. Мо дугонаи беҳтарини ӯро даъват кардем, дар меҳмонхонаи "Херш" истодем ва барои ҳама чиз бо пули нақд пардохт кардем. Ва*

*ман тавонистам, ки ба вай тӯҳфаи олиҷаноб бихарам, ки нархаш 400 доллар буд, дар ҳоле ки соли гузашта, вақте ки касе ба ман барои қайд кардани зодрӯзи ӯ 30 доллар тӯҳфа медод, худро хору зор ҳис мекардам.*

*Ман инро ҳатто бе ашкрезӣ навишта наметавонам. Ман ба шубон Гэри ва ҳамсари ӯ Дренда хеле миннатдорам. Ин сол дар ҳаёти ман беҳтарин сол гардид. Он коре, ки Худо дар ҳаёти ман анҷом дод, мӯъҷиза аст. Аз саргузаштҳои ман як китоби пурра иншо кардан мумкин аст. Ташаккур, ки ба ман таълим додед, ки дар замин ба мисли он ки дар биҳишт сокин ҳастед, зиндагӣ кардан мумкин аст.*

Номаи дигар – яке аз ҳикояҳои аҷибтарине оиди Подшоҳии Худо, ки ман шунидаам; онро Шэрон аз Мичиган нақл кардааст.

*Шубон Гэри, ман ин мактубро аз номи шавҳарам ва шахсан аз номи худам менависам. Ман танҳо мехоҳам, ки ба шумо ташаккур гӯям, чунки шумо ва ҳамсаратон барои ман сарчашмаи комили рӯҳбаландӣ гардидед. Мо се ё чор сол пештар тавассути барномаи Сид Рот дар бораи шумо шунидем. Мо давраҳои хеле душворро аз сар мегузаронидем. Шавҳарамро пас аз 18 соли фаъолияти меҳнатӣ аз кор ронданд, ва ин вақте рӯй дод, ки мо бо арзиши 280 000 доллар хона месохтем. Мо ба қарзҳо ғӯтида ва хеле ошуфтаҳол будем.*

*Мо дискҳои шуморо фармоиш додем, ва онҳо ба мо барои истодагарӣ кардан ёрӣ доданд. Мо фаҳмидем, ки қарз чунон бори гарон аст, ки ба саломатӣ ва ҳаёт сахт осеб расонида метавонад. Мо илоҷи халосӣ пайдо намекардем. Гарчанде мо барои хонаи нав пурра пардохт накарда бошем ҳам, пеш аз кӯчидан ба дигар ҷо, мо дар он ҷо ду сол зиндагӣ кардем. Ин худ аз худ баракат буд.*

*Ҳикояро ба таври мухтасар нақл мекунам. Шавҳари ман баъди чор сол ба кори пештарааш баргашт, чунки бо имон истодагарӣ кард ва ба ваъдаҳои Худо боварии худро суст накард, ва шумо ва ҳамсаратон ба мо бо воситаи дискҳоятон ёрӣ додед. Шавҳари ман кори пештараи худро баргардонд ва ба замми он тамоми маошашро барои ҳамин чор сол ба даст овард! Бе ягон адвокат ё давутози расмӣ. Дар асл, вақте ки ӯро боз ба кор қабул карданд, якум чизе, ки аз ӯ хоҳиш карданд, ин баромадан ба рухсатӣ буд! Дар натиҷа ба туфайли ҷубронпулиҳое, ки ӯ гирифт, мо бо пули нақд хонае харидем, ки аз хонаи пештара хеле беҳтар буд. Барои ҳар коре, ки анҷом медиҳед, ба шумо ташаккур мегӯям.*

Эндрю, аз Миссури.

*Ду сол қабл, дар моҳи май, ман дар ҳолати душвор монда будам. Ман аз кори пештараи худ қаноатмандӣ ҳосил намекардам ва дар соҳаи фурӯши фаъол ба вазифаи дигар розӣ шудам. Ба ман коллекторҳои ҷиддӣ занг мезаданд, пул базӯр ба хӯрок ва бензин мерасид, охири моҳ наздик мешуд, нархи иҷорапулии хона бо шаст афзоиш меёфт. Бо вуҷуди ин ман як даста компакт-дискҳои Гэриро аз силсилаи “Табаддулот 2.0” доштам. Боре дар ибодат нишаста будам, ва мехостам, хайрот диҳам, вале танҳо 23 доллар пул доштам, ва бензин бошад то охири ҳафта базӯр мерасид. Вазъият дар ҷои кор на он қадар хуб буд, ва ман ба Худо гуфтам, ки хайрот додан мехоҳам, вале пул надорам. Ман дар қалби худ садоеро шунидам, ки гуфт: “Ман (Худо) бо ин 23 доллар назар ба ту кори бештар карда метавонам”. Худо бо ман аҳд кард, ки ман 20 доллар хайрия кунам ва бовар кардам, ки ба ман сад баробар зиёдтар бармегардад.*

*Ҳамон рӯзи панҷшанбе ман ба ҳисобу китоби корбари дигар*

*ёрӣ додам. Ҳатто агар мо чизе мефурӯхтем, ман ба ивази он феълан ҳеҷ чиз ба даст намеовардам, вале новобаста ба ин ман ёрӣ додан мехостам. Пас аз поёни рӯзи корӣ сардори ман гуфт, ки вай кӯмаки маро қадр мекунад ва барои ҳамаи фурӯши имрӯза ман мукофотпулӣ мегирам (барои фаҳмиданатон мегӯям, ки дар фурӯшҳои комиссионӣ тамоман ин тавр намешавад). Пай бурда метавонед, ки чӣ шуд? Фоидаи умумие, ки ман бояд мегирифтам, 2000 долларро ташкил дод!!! Дар камтар аз як ҳафта САД БАРОБАР БАРГАРДОНДА ШУД!*

*Худо дар ҳақиқат фиреб намедиҳад, ва чизи майда калон мешавад, вақте ки дар он Худо ҳаст. Аз ҳамон лаҳза сар карда, ман бо умеди рушд даҳяк медодам ва хайрот мекардам.*

*Пас аз чанд моҳ ман вазифаи нав гирифтам, ки он МАҲЗ ҳамон гуна аст, ки ман орзу карда будам. Ҳамагӣ дар ду моҳ ман аз зиндагии фақирона ба афзоиши чоркаратаи даромади худ гузаштам. Ҳамду сано ба Худо, ва тамоми ҷалол аз они Ӯст. Имтиёзи иловагӣ: мошини ман дигар ба бонк тааллуқ надорад, ва ман автомобили пурра пардохтшудаи комилан навро меронам!!!*

Ана як шаҳодат оиди ҷалоли Худо аз Корея:

Шубони азиз Гэри!

*Ман бемақсад зиндагӣ мекардам ва ҳеҷ чизро мустақилона ба худ раво намедидам. Ман одат карда будам, ки аз ҳисоби хайру садақа зиндагӣ кунам, ва вақте ки одамон аз ёрдам кардан ба ман дилгир мешуданд, ягона умеди ман як бандча кулчақанд ва як шиша кока-кола буд. Ин ҳама хӯроке буд, ки ман ба худам ва ду фарзандам раво медонистам. Ман барои пардохти манзили зист ва хизматрасониҳои*

*коммуналӣ пул надоштам. Ман ҳанӯз дар ёд дорам, ки чӣ тавр аввалин бор хидматгузории калисои “Ҳаёт бо имон” (Faith Life Church)-ро дар пахши мустақим тамошо кардам. Ман ба шубони шумо занг зада, фаҳмонидам, ки вазъияти ман чӣ қадар бад аст, ва ҳама чизе, ки ӯ гуфт, ин буд, ки маро лозим аст, то аз Худо талаб намоям, ки дар куҷо ва чӣ тавр сайд кардани моҳиро ба ман нишон диҳад, чуноне ки Ӯ ба Петрус нишон дод, вақте ки ӯро лозим буд, ки андоз супорад. Гапро кӯтоҳ карда гӯям, акнун ман тарабхонаи африқоӣ ва сартарошхона дорам, ва ин ҳама ба туфайли он имконпазир шуд, ки ман таълими шубон Гэриро гӯш кардам. Худоро ситоиш мекунам!*

Чӣ қадар шаҳодатҳои аҷиб! Аммо шумо гуфта метавонед: “Ин хеле хуб аст, Гэри. Албатта, дигар одамон тавонистанд, вале на ман”. Хайр, саргузашти шумо ҳоло тамом нашудааст! Иҷозат диҳед, ки аз шумо ана дар ин бора бипурсам. Вақте ки шумо нишаста, ин бобро мехонед, оё шумо мизро маҳкам медоред, то ки шуморо бод набарад? Не, ин тавр не. Барои чӣ? Чунки шумо қонуни ҷозибаи заминро медонед ва медонед, ки он барои ҳама як хел кор мекунад. Аз ин рӯ, Подшоҳии Худо айнан ҳамин тавр кор мекунад. Шумо қонунҳоро аз худ карда метавонед. Шумо шунидани стратегияҳои нотакрорро, ки ҳаёти шуморо ба қиссаҳо оид ба тавоноии Худо табдил медиҳанд, ёд гирифта метавонед. Мо аллакай фаҳмидем, ки ин қиссаҳо ба туфайли фаросат ва ёрдами Рӯҳулқудс рӯй медиҳанд. Пас, биёед саёҳати худро аз шарҳи баъзе асосҳои амали Рӯҳулқудс сар мекунем, ва сипас муфассал дар бораи он мулоҳиза меронем, ки стратегияҳои ба мо зарурро бишнавем.

БОБИ 4

# АСОСӢ:
# БЕ ИН АЗ ХОНА НАБАРОЕД

Агар шумо бо ҳаёте, ки аз стратегияҳои Рӯҳулқудс пур аст, зиндагӣ кардан хоҳед ва дар зери роҳбарии Рӯҳулқудс пирӯзиҳо ба даст оред, шумо бояд, аввалан, аз нав таваллуд шавед ва, дуюм, бо Рӯҳулқудс таъмид гиред. Бале, ин ду кори комилан гуногуни айни ҳамон як Рӯҳ аст. Агар ин барои шумо ягон чизи комилан бегона бошад, ҳеҷ мушкилӣ нест. Ман инро ба шумо мефаҳмонам. Аммо иҷозат диҳед, ки зуд ба масъалаи асосӣ гузарем. Исо гуфтааст, ки таъмид бо Рӯҳулқудс он қадар муҳим аст, ки бе он аз хона баромадан мумкин нест! Боз ҳам, ин суханони ман нестанд. Инро Исо дар китоби Аъмол 1:4, 5 гуфтааст.

> *Ва онҳоро ҷамъ карда, чунин амр фармуд: "Ерусалимро тарк накунед, балки мунтазири он ваъдаи Падар бошед, ки аз Ман шунидаед; зеро ки Яҳё бо об таъмид медод, лекин шумо, баъд аз чанд рӯз,* ***бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳед ёфт".***
>
> – Аъмол 1:4, 5

> *Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд.*
>
> – Аъмол 1:8

Диққат кунед, ки Исо чӣ гуфтааст: “Бе ин аз хона набароед – ин хеле муҳим аст!” Дар асл, Ӯ гуфтааст: “Ба шумо ин қувват барои он лозим аст, ки корҳои Худоро анҷом диҳед, то ки шоҳидони Подшоҳии Худо гардед”. Аммо имрӯз бисёр масеҳиёне ҳастанд, ки бояд дар бораи таъмиди Рӯҳулқудс бишнаванд ё онро таҷриба кунанд. Бисёр масеҳиёне, ки дар калисо таълим гирифтаанд, боре ҳам дар бораи зарурияти таъмид гирифтан бо Рӯҳулқудс нашунидаанд. Ё онҳо таълим гирифта бошанд ҳам, ба онҳо гуфтаанд, ки таъмид барои замони имрӯза нест, ва мӯъҷизаҳо ба гузашта тааллуқ доранд.

Ман дар ҳамин гуна калисо ба воя расидаам ва дар бораи таъмиди Рӯҳулқудс ҳеҷ гоҳ нашунида будам. Ман аз тамоми гӯшаю канори ҷаҳон аз одамон чунон номаҳои зиёд мегирам, ки онҳо низ ҳанӯз дар бораи ин ҳақиқати пурқудрат нашунидаанд. Дар бисёр номаҳое, ки ман мегирам, аҳамияти пурарзиши ин ато ба зери шубҳа гузошта мешавад, бинобар ин ман фурсат ҷустам, то ки ҳақиқатро дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс ба рӯи коғаз оварам.

Ман чунин меҳисобам, ки ин мавзӯъ дар Китоби Муқаддас хеле возеҳ баррасӣ карда шудааст, ва ба Китоби Муқаддас иҷозат додан мехоҳам, ки худ дар бораи ин мавзӯъ шаҳодат диҳад. Он ба ҳамаи саволҳои шумо ҷавоб медиҳад. Аммо дар аввал ман дар бораи он нақл кардан мехоҳам, ки чӣ тавр ҳақиқат дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс ба ман ошкор гардид.

Дар овони навҷавонӣ ман ташнаи Худо будам (ман ҳоло ҳам ташна ҳастам, гарчанде калонсол шудаам) ва ба калисои равияи худ мерафтам. Мо ҳар субҳи рӯзи якшанбе расму оини маъмулии динии худро мегузаронидем. Эҳтимол, шумо низ ҳамин тавр мекардед. Ман якчанд сурудҳоеро медонам, ки дар вақти сароидани онҳо лаҳзаи хомӯшонаи медитатсия сар мешуд. Мо ҳамеша дуои “Падари мо”-ро мехондем, ва баъд шубон мавъиза мекард, сипас суруди охирин ва дуои баракат садо медод. Ҳар як ибодат якранг мегузашт.

Дар он ҷо одамони олиҷаноб буданд, ва дар ҳақиқат онҳо Худоро дӯст медоштанд. Вале ман ҳеҷ гоҳ ба таври ҳаққонӣ воқеияти Инҷилро

намедидам. Ман намедидам, ки ҳаёти одамон ба таври куллӣ дигар шуда бошад ё одамон бо қуввати Худо шифо ёфта бошанд. Эҳтимол, гуфтан мумкин аст, ки ман зуҳури Подшоҳии Худоро намедидам.

Ҳамин тариқ, ман ташнаи Худо будам, синну солам ба 18 расида буд, ва ман питсахонаи падарамро идора мекардам. Боре бегоҳирӯзӣ ба питсахона ҷавоне ворид шуд ва маро ба хидматгузории бедоршавӣ таклиф кард. Он дар як калисои методистии на он қадар калони шаҳри мо доир мешуд, ва сухангӯи даъватшуда як башоратдиҳанда буд. Ӯ дар бораи он нақл мекард, ки Исо имрӯз низ айни ҳамон корҳоеро, ки дар Китоби Муқаддас карда буд, иҷро мекунад.

Ин диққати маро ҷалб кард, чунки ман ҳаминро дидан мехостам. Якчанд дӯстони ман ба ин калисо ташриф меоварданд, ва ман ҳам азм кардам, ки ба он ҷо меравам. Гарчанде ки ман ҳамон бегоҳӣ дар бораи таъмиди Рӯҳулқудс нашунидам, ҳузури Худо, ки дар он ҷо буд, ба ман сахт таъсир кард. Дӯстони ман, имондорони ин калисо, аз ман хоҳиш карданд, ки рӯзи якшанбеи оянда низ ба он ҷо ташриф биёрам, ва ман ҳамин тавр ҳам кардам. Ман ин калисоро дӯст дошам, ва он хонаи нави рӯҳонии ман гардид.

Пас аз чанд ҳафтаи ҷаласаи бедоршавӣ ман бо як гурӯҳи заноне шинос шудам, ки ба он калисо мерафтанд ва доир ба омӯзиши Китоби Муқаддас машғулиятҳои ҳарҳафтаина мегузарониданд. Онҳо дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс, бахшоишҳои Рӯҳулқудс ва баъзе чизҳои дигар нақл мекарданд, ки ман пештар ҳеҷ гоҳ нашунида будам. Ман дар бораи он қуввае, ки онҳо дар борааш нақл мекарданд, шунидан мехостам, ва аз ин рӯ мароқ зоҳир кардам, ки оё ба машғулиятҳои занонаи онҳо оид ба омӯзиши Китоби Муқаддас омада метавонам. Ин машғулиятҳо ҳар саҳарӣ гузаронида мешуданд, ва азбаски ман бегоҳӣ кор мекардам, азм кардам, ки дар он иштирок мекунам.

Ба он ҷо омада, ман мушоҳида кардам, ки ман дар гурӯҳ ягона ҷавони ҳаждаҳсола ҳастам, вале ин барои ман аҳамият надошт. Ман ба омӯзиши Китоби Муқаддас рафтам, чунки ташнаи Худо будам. Ман хеле зиёд саволҳо медодам.

Занҳо бо ман пурсаброна муносибат мекарданд, онҳо Навиштаҷотро ба ман таълим дода, дар Китоби Муқаддаси *худам* нишон доданд, ки таъмид бо Рӯҳулқудс имрӯз низ актуалӣ аст ва қуввати Худо имрӯз низ то ба андозае, ки дар зиндагии заминии Исо буд, дастрас мебошад. Аз ҳама он чизҳое, ки онҳо гуфтанд, беҳтаринаш ин буд, ки атои Рӯҳулқудс барои тамоми имондорон – барои *ҳар касе,* ки онро талаб мекунад.

Пас аз чанд ҳафтае, ки ман дар машғулиятҳои библиявӣ иштирок кардам, ба ман гуфтанд, ки миссияи миллӣ таҳти унвони Woman's Aglow ҷамъомади умумишаҳрӣ доир мекунад. Woman's Aglow ташкилоте буд ва ҳаст, ки дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс бисёр таълим медиҳад. Ин занон дар ҷамъомад иштирок карданро ба нақша гирифта буданд ва маро низ ба он ҷо таклиф карданд. Дар он вақт одамон аз равияҳои гуногун ҷамъ шуданд, то ки дар бораи ин таъмид бишнаванд ва онро таҷриба кунанд, дар ҳоле ки дар ин бора то ин лаҳза танҳо дар калисоҳои пантикостӣ таълим медоданд. Ин рӯзҳое буданд, ки бисёриҳо онро бедоршавии харизматикӣ меномиданд, ва фурсате расида буд, ки таълимот оиди Рӯҳулқудс ҳар гуна сарҳадҳои деноминатсиониро мегузашт.

Вақте ки ман дар ҷамъомади Woman's Aglow иштирок доштам, садҳо занонро дидам. Боз ҳам ман, ҳамчун мард, дар ақалият будам, аммо дар он ҳуҷра ҳузури Худо ҳис карда мешуд.

Вақте ки одамон гуфтанд, ки онҳо шифо ёфтанд, ҳайрон шудам, ва бо тааҷҷуб мушоҳида кардам, ки баъзеҳо аз таъсири дуо ба замин меафтоданд. Ман пештар ҳеҷ гоҳ падидаи ба ин монандро надида будам, ва ин барои ман шавқовар ва каме нофаҳмо буд. Ман фаҳмидам, ки ин қурбонӣ дар Рӯҳ номида мешуд. Гарчанде аз нуқтаи назари табиӣ ин ба ман андаке аҷиб менамуд, одамоне, ки инро таҷриба мекарданд, рӯҳбаланд мешуданд ва ҳузури амиқи Худоро ҳис карда, бармехестанд. Баъдтар ман аз занон фаҳмидам, ки ҷисми мо қуввати Худоро дар худ ғунҷонида наметавонад ва баъзан он чизро, ки онҳо "тадҳин" меноманд, бардошта наметавонад.

Онҳо ба ман нишон доданд, ки дар кадом хидматгузории Исо ин воқеа рӯй дода буд. Дар Инҷили Юҳанно 18:4б-6, вақте ки сарбозон барои ҳабс кардани Исо омаданд, Ӯ пурсид:

> *«Киро ҷустуҷӯ мекунед?» Ба Ӯ ҷавоб доданд: «Исои Носириро». Исо ба онҳо гуфт: «Ман ҳастам»... Чун Исо ба онҳо гуфт: «Ман ҳастам», — онҳо ақиб-ақиб рафта, ба замин афтоданд.*

Дар вақти парастиш ҳамаи занон дар атрофи ман хеле дар ҳаяҷон буданд, ва ман мешунидам, ки чӣ тавр бисёриҳо дар гирди ман бо забонҳои ғайр сухан меронданд ва Худоро ситоиш мекарданд. Ҳамаи ин таҷриба барои ман 
 Ҳамаи ин таҷриба барои ман Ҳамаи ин таҷриба барои ман онҷунон нав буд, ки дар қисми зиёди ҷамъомад ман танҳо дар ҳайрат меистодам. Гарчанде ҷиҳатҳои зиёди ҷамъомад барои ман каме аҷиб менамуданд, ҳузури баръало ва аҷоиби Худоро инкор карда наметавонистам. Ман аз мушоҳида кардани он хеле хурсанд будам, ки Инҷил воқеӣ аст ва қуввати Худо, ба мисли он ки дар Китоби Муқаддас навишта шудаст, ҳанӯз ҳам дар замин амал мекунад.

Ҳамон рӯз воиз аз ҳама хоҳиш кард, ки агар касе толиби ин атои Рӯҳулқудс бошад, дар охири ҷамъомад барои дуо ба пеш барояд. Аз ин рӯ ман ба пеш баромадам, то ки занон якҷоя бо ман дуо кунанд. Вақте ки онҳо дуо мекарданд, ман ба ҳаяҷон афтодам, чунки ҳузури Худо қавитар шудан мегирифт. Ба ҳузури Ӯ таслим шуда, ман бо тааҷҷуб мушоҳида кардам, ки бо таъсири Рӯҳулқудс дуо карда истодаам ва сухандонеро ба забон оварда истодаам, ки худ намефаҳмидам. Ҳамон бегоҳӣ ман бо забонҳои ғайр хеле зиёд дуо кардам. Ман аз ин воқеа чунон дар ҳайрат монда будам, ки ба ҳар кас дар бораи он чизе, ки бо ман рӯй дод, нақл кардан мехостам! Аммо вақте ки онро ман ба дӯстонам аз калисо нақл кардам, онҳо чунин рӯҳбаландиро ҳис накарданд. Онҳо одатан мегуфтанд, ки забонҳо аз шайтон аст ё ин аллакай аҳамият надорад. Онҳо маро огоҳӣ доданд, ки аз ин гуна муқаддасони ларзон дур бошам!

Дар он давра калисоҳо барои атоҳои Рӯҳулқудс кушода набуданд, ва таълимоте бартарӣ дошт, ки гӯё мӯъҷизаҳо якҷоя бо ҳаввориён гум шуда рафтаанд. Аммо ман акнун фаҳмидам, ки қуввати Худо ҳаргиз гум нашудааст!

Каме пештар аз гузаронидани ин чорабинии Woman's Aglow дар ин калисои на он қадар калони методистӣ маро ба гурӯҳи ҷавонон масъул таъин карданд. Аз ман кори зиёд талаб карда намешуд, танҳо дар бегоҳирӯзиҳои якшанбе дар таҳхонаи калисо гузаронидани вохӯриҳои ҷавонон ба зиммаи ман гузошта шуда буд. Одатан мо бозиҳо ташкил мекардем, хӯрок мехӯрдем ва каме Китоби Муқаддас меомӯхтем. Худи ман ҳанӯз хеле ҷавон будам, аммо медидам, ки ба кори Худо шавқ дорам, ва ба кӯмак расонидан омода будам.

Дар гурӯҳ ҳамагӣ 15 нафар бачаҳо буданд, ва пас аз таҷрибае, ки ҳамон рӯз дар ҷамъомади Woman's Aglow гирифта будам, ман хостам, ки ба онҳо дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс нақл кунам. Ман мефаҳмидам, ки, ба мисли ман, аксарияти онҳо дар ин бора ҳатто нашунидаанд, ва медонистам, ки дар ин калисои мушаххас ҳангоми ибодати субҳи рӯзи якшанбе дар ин бора нахоҳанд шунид.

Пеш аз он ки ба шумо нақл намоям, ки минбаъд чӣ ҳодиса рӯй дод, фикр мекунам, ки ман бояд андешаҳои худро ба таври мухтасар баён кунам. Ман барои он, ки оиди ин мавзӯъ бо ҷавонон сӯҳбат кунам, аз шубон иҷозат нагирифтам. (Акнун мефаҳмам, ки бояд мегирифтам.) Ман ҳамчунин ба ӯ нагуфтам, ки бо ман чӣ воқеа рӯй дод.

Нияти ман ин набуд, ки бар зидди калисо бархезам ва шубони худро фиреб диҳам. Ман ҳамту хеле дар ҳаяҷон будам. Ман дар он давра ҳақиқатан намефаҳмидам, ки ин мавзӯъ чӣ гуна баҳсу талошро ба миён меорад, ва андеша ҳам намекардам, ки шубон зид мебарояд.

Бегоҳии рӯзи якшанбе баъд аз таъмид гирифтан бо Рӯҳулқудс ман ба нақша гирифтам, ки дар бораи чизе, ки бо ман рӯй дод, ба ҷавонон нақл кунам, ва ба он ҷо баъзе ҷойҳоро аз Китоби Муқаддас, аниқтараш аз китоби Аъмол, нишон диҳам, ки дар ин бора гуфта

шудааст. Вақте ки ман таҷрибаи худро ба онҳо нақл мекардам ва баъзе ҷойҳои Китоби Муқаддасро, ки ин таҷрибаро тасдиқ мекард, фаҳмонида медодам, мо дар таҳхонаи калисо ҳузур доштем ва дар рӯи фарш ба таври доирашакл нишаста будем.

Маҳз ҳамон бегоҳӣ, вақте ки ман сухан меронадам, шубон ба ҷаласа омад ва ба тарафи чапи ман нишаст. Ман ба иштироки шубон аҳамият надодам. Ман фикр кардам, ки ӯ, ҳамчун шубони ман, ба ҳар ҳол ҳар чиро, ки ман дар борааш нақл карданӣ ҳастам, аллакай медонад.

Ба ҳамин тариқ, ман ба онҳо дар бораи ҷамъомаде, ки ширкат кардам ва дар бораи ҳар чизе, ки дар он ҷо дидам, нақл кардам. Ман дар бораи сухан рондан бо забонҳои ғайр ба таври муфассал гап назадам. Ба ҷои ин ман диққати худро ба китоби Аъмол (1:9) равона кардам. Дар он гуфта шудааст, ки вақте Рӯҳулқудс ба мо нозил шавад, мо қувват пайдо мекунем, то ки дар бораи Худо шаҳодат диҳем. Дар охири вохӯрӣ ман дар ҳақиқат намедонистам, ки машғулиятро чӣ тавр ба поён расонам, аз ин рӯ ман танҳо аз бачаҳо дархост кардам, ки агар онҳо бо Рӯҳулқудс таъмид гирифтан хоҳанд, дасташонро боло кунанд.

Аз ин рӯ ман ҳамту гуфтам: “Агар шумо ин атои Рӯҳулқудсро гирифтан хоҳед, танҳо дасти худро бардоред, ва ҳамаамон сарҳои худро хам карда, якҷоя дуо мекунем”. Мо сарҳои худро хам карда, дуо хондем. Албатта, чуноне ки ҳамаи масеҳиёни “нек”-ро таълим додаанд, мо барои дуо кардан чашмони худро пӯшидем.

Баъд аз он ки ман “Омин” гуфтам, дар байни бачаҳо ким-чӣ хел садои шӯру мағал ба гӯшам расид. Ман чашмонамро кушодам ва дидам, ки баъзе бачаҳо гиря мекунанд, баъзеҳо меларзанд, ва ҳафт нафар аз онҳо бо забони ғайр сухан меронанд. Ва вақте ки онҳо бо забонҳои ғайр сухан меронданд, ман дар рӯи онҳо ҷилои ғайриоддие дидам. Онҳо чун чароғ медурахшиданд! Ман дар ҳайрат мондам!

Шубони ман, ки то ин дам калимае ба забон наоварда буд, зуд ба китфи ман сила зада, пурсид, ки оё ман бо вай худи ҳозир гуфтугӯ

карда метавонам. Мо ба ҳуҷраи паҳлӯӣ гузаштем, ӯ ба чашмони ман нигоҳ карду гуфт: “Ин аз шайтон аст. Ту дигар дар ин ҷо роҳбари гурӯҳи ҷавонон буда наметавонӣ. Мо инро тоқат карда наметавонем”.

Ман фикр кардам: “Шумо чӣ тавр гуфта метавонед, ки ин аз шайтон аст? Яъне ман онро дар назар дорам, ки ба ин бачаҳо нигоҳ кунед! Онҳо медурахшанд-ку!” Дар онҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ тадҳин аён аст. Албатта, он вақт ман маънои калимаи “тадҳин”-ро намедонистам. Ман танҳо медонистам, ки онҳо медурахшиданд, ва ман ҳатто ба онҳо даст нарасонида будам ва нагуфта будам, ки чӣ хел рафтор кунанд. Чунин сарзаниши шубон шасти маро гардонд ва маро ошуфта кард, ва ман намедонистам, ки чӣ кор кунам.

Якшанбеи навбатӣ ман боз ба калисо омадам, вале ба ҷои он, ки ба пеш гузашта шинам, чуноне ки маъмулан менишастам, ман дар қафо нишастам. Ман медонистам, ки аз сабаби ҷамъомади гурӯҳи ҷавонон ҳусни таваҷҷӯҳи шубони худро гум кардам, ва фикр кардам, ки беҳтараш то ҳаллу фасл кардани ҳама чиз, каме пинҳон мешавам.

Ҳангоми ибодати субҳи якшанбе, чун ҳарвақта, вақти мулоҳизаронии оромона фаро расид. Дар калисои мо ин лаҳзаи таъзиму такрим ва хомӯшонаи дуо буд. Ҳама сарҳои худро хам мекарданд, ва садое шунида намешуд. Овози афтидани тугмасӯзанро шунидан мумкин буд. Маҳз дар ҳамин лаҳза ман ҳис кардам, ки касе китфи маро мекӯбад. Ман дар як канори харак нишаста будам, ва зоҳиран, касе дар гузаргоҳ истода, китфи маро мекӯфт.

Дар аввал ман аз он дар ҳайрат мондам, ки дар лаҳзаи хеле сокиту ором касе бархоста, равон шудааст. Чашмонамро кушода, ман бо тааҷҷуб як нафар бачаеро, ки ҳафтаи гузашта дар гурӯҳи ҷавонон вохӯрда будам, дидам. Ман ҳамчунин медонистам, ки вай яке аз он ҳафт нафаре буд, ки ҳамон шаб бо Рӯҳулқудс таъмид гирифта буданд. Ӯ ба ман нигоҳ кард ва гуфт: “Рафтем!”. Ман фикр кардам: “Рафтем? Ба куҷо?”

Тааҷҷубовараш ин буд, ки рӯи ӯ ба мисли ҳамон шабе, ки Рӯҳулқудсро қабул карда буд, медурахшид, ва ман фаҳмидам, ки ҳоло Худо ягон кореро ба амал меорад. Аммо ман дилпур набудам,

ки барои ягон кор ин фурсату ҷои мувофиқ аст ё не, чунки ман аллакай бо шубон мушкилӣ пайдо карда будам. Ман ҳамчунин медонистам, ки дар ибодати рӯзи якшанбе ҳар кореро, ки хоҳем, иҷро карда наметавонем. Ва он гоҳ ӯ гуфт: "Ба модарам дуо кардан мехоҳам".

Акнун ман ба фаҳмидан сар кардам, ки чӣ шуда истодааст. Ман модари ӯро мешинохтам. Ин зани оҷизу лоғаре буд, ки вақти хеле зиёд аз беморӣ азоб мекашид. Дар сутунмӯҳраи ӯ панҷ мӯҳра вайрон шуда буданд, ва умеди ягонаи духтурон онҳоро якҷоя бастан буд. Ин ҷарроҳии хеле ҷиддӣ ҳисоб мешуд, ва дӯсти ман фарзанди ягона буд. Албатта, вай барои модараш хавотирӣ мекашид.

Пас аз таъмид ёфтан бо Рӯҳулқудс ӯ боварӣ дошт, ки Исо модари вайро шифо медиҳад. Аз ин рӯ вақте ки ӯ "Рафтем" гуфт, ман фикр кардам, ки ба назди модараш рафта, даст мегузорад ва оромона барояш дуо мекунад. Вале ӯ ба тарви дигар рафтор кард. Ӯ назди модараш омада, аз харак ӯро бархезонид ва ба даромадгоҳи калисо бурд.

Ӯ модарашро шинонид ва бо забонҳои ғайр, чи қадаре ки метавонист, бо садои баланд дуо карданро шурӯъ кард. Дар ёд дошта бошед, ки ҳамаи ин дар вақти андешаронии "сокит" рӯй медод, ки аллакай на он қадар сокит буд. Ман ба ҳайрат афтодам! Сипас ӯ ба ман рӯ оварда, гуфт: "Ту фаҳмон, ки чӣ рӯй дода истодааст".

Акнун ман фаҳмидам, ки чаро ӯ маро бо худ бурд. Ӯ фикр кард, ки маҳз ман ба ӯ дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс нақл кардаам, ва ба хулосае омад, ки баъди ба модараш дуо кардани ӯ ман ба ин имондорон дар ин бора нақл карда метавонам.

Ҳамин тариқ, ман ҳамчун намояндаи ӯ дар назди имондорон рост меистодам, ва ӯ ба модари худ бо забонҳои ғайр дуо мекард. Ман намедонистам, ки чӣ гӯям, ба замми ин шубони ман нишаста, рост ба ман нигоҳ мекард. Ман танҳо ба имондорон гуфтам, ки модари ӯ бемор аст ва ӯ барои модараш бо забонҳои ғайр, чуноне ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, дуо кард. Вале медонед-чӣ? Модари вай ҳамон саҳарӣ дар калисо зуд шифо ёфт!

Ин имони писаре буд, ки барояш фикри дигарон дар бораи дуои

ӯ тамоман аҳамият надошт. Ӯ мӯътақид буд, ки Рӯҳулқудс зиндаю саломат аст ва модари ӯро шифо дода метавонад.

Бо вуҷуди он ки модари ӯ зуд шифо ёфт, калисо инро қабул накард. Дар асл бисёре аз онҳо назди ман омада, гуфтанд: "Хайр, ман ба он зид нестам, ки вай барои модараш дуо кард, вале мо ин забонҳои ғайрро қабул надорем". Ман кафолат медиҳам, ки шайтон низ ба забонҳои ғайр нафрат дорад, ва ман умед мекунам, ки пеш аз хотима ёфтани китоб ба шумо бифаҳмонам, ки чаро ӯ ба забонҳои ғайр нафрат дорад.

Шояд шумо дар калисое ба камол расидаед, ки забонҳои ғайр ва бахшоишҳои Рӯҳ ба кор бурда намешуданд. Ё, эҳтимол, шумо дар таълимоте ба воя расидаед, ки гӯё забонҳои ғайр барои замони ҳозира нестанд ва ё аллакай вақти онҳо гузаштааст. Ба ин саволҳо ҷавоб додан душвор нест. Дар Китоби Муқаддас дар бораи ин мавзӯъ хеле аниқу равшан маълумот дода шудааст. Бинобар ин биёед ба Калом бо диққат назар меандозем ва ҳақиқатро дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс ошкор мекунем. Биёед ба оятҳое бармегардем, ки дар аввали ин боб хонда будем.

> *Ва онҳоро ҷамъ карда, чунин амр фармуд: "Ерусалимро тарк накунед, балки мунтазири он ваъдаи Падар бошед, ки аз Ман шунидаед; зеро ки Яҳё бо об таъмид медод, лекин шумо, баъд аз чанд рӯз, бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳед ёфт".*
>
> – Аъмол 1:4, 5

Дар ин оят якчанд нуктаҳои муҳиме мавҷуд мебошанд, ки бояд муҳокима кунем.

1. Таъмид бо Рӯҳулқудс аз таъмид бо об фарқ мекунад.
2. Исо гуфтааст, ки ин бисёр муҳим аст. Феълан Ӯ ба таври возеҳ изҳор кард, ки бе ин шумо ҳеҷ кор карда наметавонед.

Дар ёд доред, ки Исо худи ҳозир ба шогирдон гуфт, ки рафта, ба ҳамаи халқҳо Инҷилро мавъиза кунанд. Аммо онҳо бе ин таъмид

Подшоҳии Худоро намоён ё тасдиқ карда наметавонистанд. Бинобар ин Ӯ гуфт: “То даме ки ин таъмидро қабул накунед, дар ҷои худ бимонед”.

*Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд.*

– Аъмол 1:8

*Қувват!* Дар забони юнонӣ калимаи қувват – *dunamis*. Маҳз аз он калимаи “динамит” пайдо шудааст. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки қуввати Худо ба мо нозил мешавад, то ки кори Худоро ба амал оварем. Қаблан ҳангоми хидмат Исо гуфта буд, ки қувват, ё тадҳине, ки Ӯ таҳти он амал мекунад, аз Падари Ӯ нозил мешавад.

*“Суханоне ки Ман ба шумо мегӯям, аз Худ намегӯям; Падаре ки дар Ман сокин аст, Ӯ ин аъмолро мекунад” (Юҳ. 14:10).*

*“Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад: зеро ки он чи Ӯ мекунад, Писар низ мекунад” (Юҳ. 5:19).*

Мебинед? Худи Исо ба қуввати Худо эҳтиёҷ дошт. Калимаи “тадҳин” маънои “ба кор бурдан”-ро дорад. Исо ин тадҳинро аз Падари Худ дар дарёи Ӯрдун гирифт, вақте ки Рӯҳулқудс ба Ӯ дар намуди кабӯтар нозил шуд.

Танҳо пас аз он ки Исо ин тадҳинро қабул кард, корҳои Подшоҳии Худоро иҷро карда тавонист. Агар *Исо* ба ин эҳтиёҷ дошта бошад, пас мо низ ба ин эҳтиёҷ дорем! Ин қувват тавассути

**“СУХАНОНЕ КИ МАН БА ШУМО МЕГӮЯМ, АЗ ХУД НАМЕГӮЯМ; ПАДАРЕ КИ ДАР МАН СОКИН АСТ, Ӯ ИН АЪМОЛРО МЕКУНАД”.**

– ЮҲАННО 14:10

намоёнкунӣ шаҳодат медиҳад (ё далел меорад), ки Худо барои онҳое, ки Ӯро намешиносанд, воқеӣ аст.

Китоби Муқаддас ҳамчунин мегӯяд, ки шумо вақте қувват хоҳед ёфт, ки Рӯҳулқудс БА ШУМО НОЗИЛ ШАВАД, на ин ки ҳангоми аз боло таваллуд шуданатон Ӯ *ба* шумо *дохил шавад.*

Бисёриҳо гуфтугӯҳоро оиди таъмид бо Рӯҳулқудс ба ишкел меандозанд, зеро фикр мекунанд, ки онҳо аллакай ҳангоми Исоро қабул кардан, Рӯҳулқудсро гирифтаанд. Ҳақиқат дар он аст, ки вақте онҳо Исоро қабул карданд, *воқеан* ҳам Рӯҳулқудсро гирифтаанд. Рӯҳулқудс рӯҳи онҳоро барои Худо зинда ва бо Худо як гардонид.

Вақте ки мо аз боло таваллуд мешавем, бо қуввати Рӯҳулқудс, ки дар дарунамон зиндагӣ мекунад, мо барои Худо зиндагӣ мекунем. Аммо диққат диҳед, ки дар ин ҷои Китоби Муқаддас гуфта шудааст: "вақте ки ба шумо Рӯҳулқудс нозил шавад". Ин омили муҳиме аст, ки баъдтар мо дар ин китоб муҳокима мекунем: таваллуд аз олами боло ва тадҳин, ё таъмид бо Рӯҳулқудс – ин ду воқеаи гуногун. Агар ба Инҷили Юҳанно 20:21, 22 назар кунем, суханони мазкурро хубтар фаҳмида метавонем.

> *Боз Исо ба онҳо гуфт: "Салом бар шумо бод! Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам". Чун инро гуфт, бар онҳо дамид ва гуфт: "Рӯҳулқудсро пайдо кунед".*

Мо дар ин ҷо Исоро пас аз эҳёшавии Ӯ мебинем, вақте ки Ӯ ба шогирдони Худ салом арз мекунад, ба онҳо медамад, ва мефармояд, ки Рӯҳулқудсро қабул кунанд. Дар он лаҳза онҳо аз олами боло таваллуд мешаванд, ва рӯҳи онҳо дар дарунашон барои Худо зинда мешавад. Аммо Исо ба онҳо мегӯяд, ки барои таъмид гирифтан бо Рӯҳулқудс, ки дертар ба онҳо *нозил мешавад,* интизор шаванд.

Агар вақте ки Исо ба онҳо дамид, ба куллӣ онҳо Рӯҳулқудсро гирифта бошанд, пас чаро Ӯ мегӯяд, ки то гирифтани Рӯҳулқудс, ки мувофиқи ваъда бояд нозил шавад, дар Ерусалим интизор шаванд? Боз ҳам, ин ду воқеаи гуногун ва ду вазифаи гуногун аст, аммо айни

ҳамон як Рӯҳ аст. Ғайр аз ин чуноне ки ман аллакай гуфтам, қайд кардан ҷоиз аст, ки Исо мебоист бо Рӯҳулқудс таъмид шавад, то ки ба хидматгузории Худ ворид шуда, дар он пурсамар гардад. Дар бораи он ки Исо то таъмид гирифтан бо Рӯҳулқудс ақаллан як мӯъҷиза содир карда бошад, ҳеҷ гуна маълумоте мавҷуд нест. Оё Исо ҳангоми хӯроки шом, вақте ки Ӯ ба воя мерасид, нонро афзун карда буд? Вақте ки Ӯ кӯдак буд, оё мӯъҷизае содир карда буд? Азбаски Ӯ ҳанӯз гурусна буд, оё ғизои кӯдаконаро, ки ба охир мерасид, афзун кард? Не! Афзун накард. Чаро? Ҷавоби оддӣ ва ростқавлона: *Ӯ наметавонист.*

Ӯ танҳо *пас аз он ки* дар дарёи Ӯрдун Рӯҳулқудсро қабул кард, ба содир кардани мӯъҷизот оғоз бахшид. Медонед, Исо ҳамчун одам омад. Ӯ на ҳамчун Писари Худо бо ҷалол ва қуввати Худ омад. Ҳамчун одам Ӯ маҳдуд буд, чуноне ки ҳар одам маҳдуд аст. Ӯ шифо дода ё мӯъҷиза содир карда наметавонист, чуноне ки мову шумо худ аз худамон мӯъҷиза содир карда наметавонем.

Аммо бар хилофи мо рӯҳи Исо, вақте ки Ӯ ҳамчун тифл ба дунё омад, барои Худо мурда набуд. Рӯҳи Ӯ ҳамеша барои Худо зинда буд; ба Ӯ лозим набуд, ки мисли мо аз олами боло таваллуд шавад. Аммо, гарчанде рӯҳи Ӯ ҳамчун Писар барои Худо зинда буд, ба ҳар ҳол Ӯро лозим буд, ки ба мисли мо барои сар кардани хидматгузории Худ бо Рӯҳулқудс таъмид ёбад.

> *Ва Исо таъмид ёфта, дарҳол аз об баромад, ва инак, осмон ба рӯи Ӯ кушода шуд, ва Рӯҳи Худоро дид, ки чун кабӯтаре нозил шуда, бар Ӯ қарор мегирад. Ва инак, овозе аз осмон расид, ки мегуфт: “Ин аст Писари Маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст”.*
>
> – Матто 3:16, 17

Дар ёд доред, ки мо дар бораи Исо фикр карда, Ӯро Шоҳи шоҳон ва Худованди худовандон меҳисобем, аммо ин на он мақоме аст, ки бо он Ӯ хидмат кард. Танҳо пас аз он ки Рӯҳулқудс дар дарёи Ӯрдун ба Ӯ нозил шуд, мӯъҷизаҳо оғоз шуданд.

То даме ки бо Рӯҳулқудс таъмид наёбед, хидматгузории шумо (чунки *ҳар як* имондор ба иҷро кардани корҳои Исо даъват шудааст) сар намешавад, – ба шумо қуввати Рӯҳулқудс лозим аст, то ки корҳоро анҷом диҳед. Ва ба шумо лозим аст, ки дар Рӯҳ дуо кунед, то чӣ тавр иҷро кардани он корҳоеро, ки баъдтар дар бораашон сӯҳбат мекунем, бидонед.

Албатта, шумо метавонед, ки таҷрибаи аз олами боло таваллуд шуданро мисол оред, ва ба дигарон дар бораи он нақл кунед, ки Китоби Муқаддас дар бораи наҷот чӣ мегӯяд. Бисёр масеҳиёне, ки бо Рӯҳулқудс таъмид нашудаанд, Хушхабари Инҷилро самаранок мавъиза мекунанд, вале барои намоён кардани Подшоҳии Худо, чуноне ки Исо мекард, қувват надоранд. Аз ин сабаб мавъиза аз бисёр ҷиҳат он қадар таъсири пурзӯр надорад, чуноне ки бояд дошта бошад.

Вақте ки Исо беимонии фарисиёнро фош мекард, Ӯ ба мӯъҷизаҳое ишора мекард, ки Худ ба амал меовард. Ӯ гуфт:

> *“Ба Ман имон оваред, ки Ман дар Падар ҳастам, ва Падар дар Ман; вагар на, ба хотири он аъмол ба Ман имон оваред” (Юҳ. 14:11).*

Исо, дар асл, гуфт, ки ин намоёнкунии Подшоҳии Худо ба ҳама гуна баҳсҳо хотима гузошт; масъала ҳал шуд. Акнун, албатта, ҳар як имондор ба ҳар чизе, ки Исо пардохт кард, аз ҷумла барои шифо, ҳуқуқи пурраи қонунӣ дорад. Ҳар як имондор ҳама гуна ваъдаи Худоро бо имон (ризоият бо осмон) пайдо карда метавонад, ва ба ӯ лозим нест, ки барои қабул кардан аз Худо бо Рӯҳулқудс таъмид шавад.

Аммо шумо бояд қуввати тадҳин дошта бошед, то ки ин қувват аз шумо ба дигарон гузарад, то ки шумо атоҳои Рӯҳулқудсро ба кор андозед ва тавассути дуо кардан бо забонҳои ғайр аз афзалияти фаҳмидани асрори осмонӣ лаззат баред. Бигзор ин шуморо ба тарс наоварад, баъдтар ҳамаи инро ман ба шумо ба таври муфассал мефаҳмонам.

Духтари ман Эми дар калисои мо “Ҳаёт бо имон” дар Ню-Олбани, иёлати Оҳайо, ибодат мегузаронад. Дар давоми якчанд сол ӯ аз беморие азоб мекашид, ки боиси ғаму ғуссаи мо буд: шиками ӯ оҳиста калон мешуд ва ба пеш мебаромад. Гарчанде мо ӯро ба духтурони зиёд нишон додем, ҳеҷ кас фаҳмида наметавонист, ки сабаби ин чӣ аст. Ҳамаи онҳо мегуфтанд, ки ин танҳо хусусиятҳои қаду басти вай аст.

Ин то ба дараҷае давом кард, ки вай ба зане монанд шуд, ки дар шашумин моҳи ҳомиладорӣ аст. Он гоҳ Эми рентген кард, ва акнун дар акси рентгенӣ хуб дида мешуд, ки дар шикамаш варами калоне мавҷуд аст. Эми аксро дида, фаҳмид, ки аз нуқтаи назари тиб қадами минбаъда чӣ хоҳад буд. Ин ҷарроҳӣ буда метавонист. Эми, ки навакак ба шавҳар баромада буд, медонист, ки пас аз ҳар гуна ҷарроҳӣ фарзанддор шудан хеле мушкил ё ҳатто номумкин мегардад. Барои Эми ин илоҷи воқеа набуд. Вай тамоми умр модар шудан мехост. Дар акси ренгенӣ ҳамчунин дида мешуд, ки варами калонҳаҷм узвҳоро беҷо карда буд, ва ин дар Эми ҳазми хӯрокро мушкил мегардонид, ва ҳамчунин мушкилоти ҷиддиро бо гурдаҳо ба вуҷуд меовард. Ӯ азм кард, ки ба таври ҷиддӣ ба омӯзиши Каломи Худо машғул мешавад ва вақти худро ба омӯзиши он, ки Китоби Муқаддас дар бораи шифо чӣ мегӯяд, мебахшад. Дар айни замон ман дар калисои “Ҳаёт бо имон” дар бораи шифо таълим медодам. Дар охири ин силсилаи машғулиятҳо Эми аз ходимон хоҳиш кард, ки ба ӯ даст гузошта, мутобиқи номаи Яъқуб 5:14, 15 барои шифо ёфтани ӯ дуо кунанд, ва мо дуо кардем.

> *Оё касе аз шумо бемор аст? Бигзор пирони Калисоро назди худ даъват намояд, ва онҳо ӯро ба исми Худованд равған молида, дар ҳаққи ӯ дуо гӯянд, ва дуои имон беморро шифо хоҳад дод, ва Худованд ӯро ба по хоҳад хезонд; ва агар ӯ гуноҳ карда бошад, гуноҳҳояш омурзида хоҳад шуд.*
>
> – Яъқуб 5:14, 15

Эми, ба Каломи Худо эътимод карда, вақте ки мо ба вай даст гузошта, дуо кардем, *изҳор намуд, ки* шифо ёфтааст. Гарчанде дар он лаҳза, вақте ки мо барои вай дуо мекардем, аломатҳои ҷисмонии шифо ёфтани ӯ ба назар наменамуд, ӯ дилпур буд, ки шифо ёфтааст.

Пас аз ду ҳафта, вай дар ҳоле ки ҳеҷ гуна исботи ҷисмонии шифоро надошт, ба хоб рафт, вале саҳарӣ бо ҳайрат бедор шуд. Шабонгоҳ, вақте ки ӯ дар хоб буд, аз камари худ 13 фунту 9 дюйм вазнро гум кард. Тахтапушти хамзада ва пургиреҳи ӯ низ комилан ба ҳадди эътидол омад. Ӯ дар як мижжа задан шифо ёфт!



ТО ШИФОӢ БАЪДИ ШИФОӢ

Ин суратҳо шифои аҷибро нишон медиҳанд. Сурати тарафи чап онро нишон медиҳад, ки Эми ҳангоми хоб кардан чӣ гуна буд. Сурати тарафи рост – вақте ки ӯ аз хоб бедор шуд, чӣ гуна шуд.

Шумо дар тарафи чап акси рентгении тахтапушти ӯро то шифо ёфтан мебинед ва дар тарафи рост – акси рентгениро мебинед, ки пас аз як ҳафтаи шифо ёфтан гирифта шудааст. Ба дигаргунии ҳайратангез дар сутунмӯҳра диққат кунед!




ТО ШИФОЙ: Сутунмӯҳра хамӣ надорад, рӯдаҳо беҷо, варам дар шикам

БАЪДИ ШИФОЙ: Сутунмӯҳра хамӣ дорад, рӯдаҳо дар ҷояш, варам гум шудааст

Дар он давра Эми роҳбари парастиши калисои “Ҳаёт бо имон” буд ва то ҳол ҳаст. Оё ба худ тасаввур карда метавонед, ки якшанбеи навбатӣ, вақте ки ӯ ба калисо омад, чӣ воқеа рӯй дод? Одамон бо тааҷҷуб чашмонашонро калон кушода, ба ӯ нигоҳ карда меистоданд! Онҳо бо ҳайрат дар толор бозистода, мепурсиданд: “Бо ту чӣ воқеа рӯй дод? Ту бадани нав гирифтӣ?” Ҳамон рӯзи якшанбе, вақте ки Эми ибодат мегузаронид, тамоми калисо ба ҳайрат афтода буд, ва ин намоёнкунии Подшоҳии Худо бисёр шахсонро ба назди Худо овард, ва бисёриҳо шифо ёфтанд.

Ба ин фикр розӣ шавед, одамон бояд Подшоҳии Худоро дар амал бубинанд. Дар китоби Аъмол (1:8) мо мебинем, ки тадҳин, ин таъмид бо Рӯҳулқудс, ҳаётан муҳим аст.

> *Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд.*
>
> – Аъмол 1:8

Ва ин ба Исо барои намоён кардани Подшоҳии Худо зарур буд.

> *Ва ин аломот ҳамроҳи имондорон хоҳад буд: “Ба исми Ман девҳоро берун кунанд ва ба забонҳои нав сухан гӯянд; ва морҳоро гиранд; ва агар заҳри қотиле бихӯранд, ба онҳо осеб нарасонад; ва даст бар беморон ниҳанд, онҳо шифо ёбанд”.*
>
> – Марқӯс 16:17, 18

Танҳо дар салтанати шайтон морҳоро гирифтан ва заҳри қотил хӯрдан мумкин аст, ва ин бевосита бо тарс қаробат дорад. Салтанати шайтон мағлуб шудааст. Исо ба мо гирифтани морҳои хатарнок ва хӯрдани заҳрро пешниҳод намекунад, вале Ӯ ин ибораро чун мисоли қудрате, ки бар зидди душман ато карда шудааст, ба кор мебарад. Мо бояд ин қудрат ва қуввати Худоро ба қаламрави шайтон бурда, одамонро озод кунем!

Диққат диҳед, Исо мегӯяд, ки *“ин аломот”* ҳамроҳи имондорон хоҳад буд. Вақте ки одамон ин *аломоти* (намоёнкунии) Подшоҳии Худоро бинанд, онҳо мепурсанд, ки ин чӣ тавр рӯй дод. Аломот ба чизе ишора мекунад. Он худ аз худ ҷавоб намебошад, балки ба Исо, ки ҳаст, ишора мекунад.

Ин аломот ҳама гуна баҳсҳоро дар бораи он, ки Исо Худованд аст ё не, қатъ мегардонад, – Ӯ ХУДОВАНД! Ва вақте ки одамон мебинанд, ки Ӯ Худованд аст, онҳо тавба карда, ба назди Худо меоянд. Ана барои чӣ мо ва шумо ба таъмиди Рӯҳулқудс эҳтиёҷ дорем, ва бе он мо ба таври ҳаққонӣ пурсамар буда наметавонем!

Ҳамин тариқ, акнун, вақте мо каме фаҳмидем, ки барои чӣ таъмид гирифтан бо Рӯҳулқудс зарур аст, биёед ҷойҳои Китоби Муқаддасро, ки дар бораи тадҳин гуфта мешавад, дида мебароем.

БОБИ 5

# ШАҲОДАТҲОИ БИБЛИЯВӢ

Яке аз усулҳои беҳтарин барои гирифтани тасаввурот оиди таъмид бо Рӯҳулқудс – ин пайгирӣ кардани роҳи онҳое, ки дар рӯзи Пантикост, тавре ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, Ӯро қабул кардаанд. Ба андозаи он ки мо ҳар як ҷои Навиштаҷотро таҳлил мекунем, имон ва дилпурии шумо дар мавриди он, ки таъмид барои шумо низ пешбинӣ шудааст, афзоиш меёбад.

> *Вақте ки рӯзи Пантикост фаро расид, ҳамаашон якдилона дар як ҷо ҷамъ омаданд. Баногоҳ ғулғулае, мисли садои тундбод, аз осмон баромад ва тамоми хонаро пур кард. Ва забонаҳои аз ҳам ҷудое, мисли забонаҳои оташ, ба онҳо зоҳир шуда, якто-якто бар ҳар яке аз онҳо қарор гирифт. Ҳамаашон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати такаллум бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд.*
>
> *Дар Ерусалим яҳудиён, одамони худотарсе ки аз ҳар халқи зери осмон буданд, сукунат доштанд. Ҳангоме ки он ғулғула баланд шуд, мардуми бисёре ҷамъ омада, дар ҳайрат афтоданд, зеро ки ҳар кас ба забони худаш сухани онҳоро мешунид.*

*Ва ҳама моту мабҳут ва мутааҷҷиб шуда, ба якдигар мегуфтанд: "Оё ҳамаи инҳо, ки гап мезананд, ҷалилӣ нестанд? Пас чӣ гуна ҳар яке аз мо сухани онҳоро ба забони зодгоҳи худ мешунавем? Мо, ки портиён ва модиён ва эломиён, ва сокинони байнаннаҳрайн, Яҳудо ва Қаппадукия, Понтус ва вилояти Осиё, Фриҷия ва Памфилия, Миср ва ноҳияи Либия, ки дар наздикии Қурин аст, ва зиёратчиёни румӣ, ҳам яҳудиён ва ҳам онҳое ки чанде пеш дини яҳудиро қабул кардаанд, ва аҳли Крит ва Арабистон ҳастем, суханони инҳоро аз кибриёи Худо ба забонҳои худамон мешунавем".*

*Ҳама мутааҷҷиб шуда ва дар ҳайрат афтода, ба якдигар мегуфтанд: "Ин чӣ маъно дорад?" Вале баъзе касон истеҳзокунон мегуфтанд: "Инҳо май хӯрда, маст шудаанд".*

– Аъмол 2:1-13

Якум, диққати шуморо ба он ҷалб кардан мехоҳам, ки дар Китоби Муқаддас чӣ гуфта шудааст. Дар он гуфта шудааст, ки *ҳамаи онҳо* аз Рӯҳулқудс пур шуданд! Дуюм, *ҳамаи* онҳо бо забонҳои ғайр сухан ронданд. Эҳтимол, шумо шунидаед, ки чӣ тавр одамон рӯзи Пантикостро тасвир мекунанд ва мефаҳмонанд, ки барои чӣ ҳамаи онҳо бо забонҳои ғайр сухан меронданд. Баъзеҳо бо исрор мегӯянд, ки ин барои калисо падидаи якдафъаина буд, чунки дар он ҷо одамон аз халқу миллатҳои гуногун ҷамъ омада буданд, ва, аз ин рӯ, забонҳои ғайр зарур буданд, то ки ба ҳамаи одамоне, ки бо забонҳои гуногун гап мезаданд, Инҷил башорат дода шавад.

Аммо ба Навиштаҷот нигоҳ карда, шумо дида метавонед, ки 120 нафар одамон, ки дар боло буданд, дар бораи корҳои аҷоиби Худо сухан меронданд. Онҳо Инҷил мавъиза намекарданд, онҳо танҳо Худоро ситоиш мекарданд.

*"...суханони инҳоро аз кибриёи Худо ба забонҳои худамон мешунавем». Ҳама мутааҷҷиб шуда ва дар ҳайрат афтода, ба якдигар мегуфтанд: "Ин чӣ маъно дорад?"*

– Аъмол 2:11, 12

Одамоне, ки дар гирду атроф истода буданд, аз шунидани он, ки чӣ тавр онҳо Худоро бо забони зодгоҳи худ ситоиш мекунанд, моту мабҳут мешуданд. Он гоҳ Петрус бархест ва дар бораи муждаи наҷот мавъиза кард, ва ҳамон рӯз 3000 нафар ба калисо ҳамроҳ шуданд. Агар шогирдон бо забонҳои ғайр *мавъиза мекарданд,* ба Петрус лозим намешуд, ки бархезад ва мавъиза кунад. Вале то даме ки Петрус бархеста, мавъиза накард, онҳо маънои суханонеро, ки мешуниданд, намефаҳмиданд. Дар он вақт забонҳои ғайр барои мавъизаи Инҷил истифода бурда намешуданд, ва ҳоло низ онҳо барои мавъизаи Инҷил истифода бурда намешаванд. Мо фоидаи забонҳои ғайрро барои одами имондор дар яке аз бобҳои оянда дида мебароем, вале ҳоло ман танҳо далели аз ҳама паҳншудатаринеро, ки шунидаам, шарҳ медиҳам.

Ва боз диққати шуморо ба он ҷалб кардан мехоҳам, ки Китоби Муқаддас мегӯяд, яъне *ҳамаи* онҳо қабул карданд ва *ҳамаи* онҳо бо забонҳои ғайр сухан ронданд. Агар Китоби Муқаддас дар бораи ин мавзӯъ ба таври васеъ маълумот намедод, дар мо шубҳа пайдо шуда метавонист, ки сухан рондан бо забонҳои ғайр барои ҳамаи калисо пешбинӣ шудааст. Аммо Китоби Муқаддас ин тавр намегӯяд. Баръакс, мо мебинем, ки ин падида барои ҳ*ар як шахсе,* ки пас аз рӯзи Пантикост бо Рӯҳулқудс таъмид меёбад, давом мекунад ва рӯй медиҳад.

Ба ман иҷозат диҳед, то дар бораи марде нақл кунам, ки дар рӯзи Пантикост дар ҳамон ҷо буд. Ӯ Филиппус ном дошт.

> *Дар ин миён онҳое ки пароканда шуда буданд, ба ҳар ҷое ки мерафтанд, аз калом башорат медоданд. Чунончи, Филиппус ба як шаҳри Сомария омада, ба онҳо Масеҳро мавъиза мекард. Мардум ба суханони Филиппус якдилона гӯш медоданд ва мӯъҷизотеро, ки ба амал меовард, мешуниданд ва медиданд.*
>
> – Аъмол 8:4-6

Мо дар ин ҷо Филиппусро мебинем, ки Подшоҳии Худоро намоён мекард ва одамонеро мебинем, ки суханони ӯро мешуниданд. Имрӯз низ бояд ҳамин тавр бошад! Вақте ки одамон аломотро *мебинанд,* вақте ки онҳо *шаҳодатҳои Подшоҳиро мебинанд,* онҳо ба суханоне, ки шумо мегӯед, бо диққат гӯш медиҳанд.

> *Зеро ки арвоҳи палид аз бисёр мубталоён наъра кашида берун мешуданд, ва мафлуҷону лангони бисёре шифо меёфтанд. Ва шодии азиме дар он шаҳр падид омад.*
>
> – Аъмол 8:7, 8

Ба он таваҷҷӯҳ кунед, ки Филиппус бо қуввате амал мекард, ки дар Ерусалим гирифта буд. Аломот ӯро ҳамроҳӣ мекарданд, чунки қуввати Худо ба ҳама аён буд. Ӯ ин *dunamis*-ро (калимаи юнонӣ, ки маъноаш *қувват* аст) пайдо карда буд; акнун ӯ дар бораи Подшоҳии Худо шаҳодат дода метавонист.

> *Ҳаввориёне ки дар Ерусалим буданд, чун шуниданд, ки аҳли Сомария каломи Худоро қабул кардаанд, Петрус ва Юҳанноро назди онҳо фиристоданд, ва чун омаданд, барои онҳо дуо гуфтанд, то ки Рӯҳулқудсро қабул кунанд. Зеро ки Рӯҳ ҳанӯз бар ҳеҷ кадоме аз онҳо нозил нашуда буд, балки фақат ба исми Исои Худованд таъмид ёфта буданд. Пас, дастҳои худро бар сари онҳо гузоштанд, ва онҳо Рӯҳулқудсро қабул карданд.*
>
> – Аъмол 8:14-17

Вақте ҳаввориён шуниданд, ки одамон дар Сомария Каломи Худоро қабул карданд, онҳо ба он ҷо Петрус ва Юҳанноро фиристоданд. Онҳо ба он ҷо омада, барои одамони он ҷо дуо карданд, то ки Рӯҳулқудсро қабул кунанд, чунки Рӯҳулқудс ба онҳо *ҳанӯз нозил нашуда буд.* Аммо дар Китоби Муқаддас айни замон гуфта шуда буд, ки арвоҳи палид ихроҷ мешуданд, беморон шифо

меёфтанд, корҳои азими Худо ба амал меомаданд, ва одамон ба Исо имон меоварданд ва бо об таъмид мегирифтанд. Аммо дар он ҷо ҳамчунин гуфта мешавад, ки Рӯҳулқудс ба ҳеҷ кадоме аз онҳо ҳанӯз НОЗИЛ НАШУДА БУД!

Бингаред, ки Филиппус муждаи наҷотро мавъиза кард, ва онҳо онро қабул карданд ва гирифтанд, аммо онҳо ҳанӯз бо Рӯҳулқудс таъмид наёфта буданд. Онҳо аз олами боло таваллуд шуданд, вале ба шарҳи воқеа нигоҳ кунед: Рӯҳулқудс ҳанӯз "БАР ҲЕҶ КАДОМЕ АЗ ОНҲО НОЗИЛ НАШУДА БУД". Ана боз фарқият дар куҷост – Рӯҳулқудс *дар* мо (таваллуд аз олами боло) ва Рӯҳулқудс, ки бо ин қуввати атошуда *ба* мо нозил мешавад.

Китоби Муқаддас намегӯяд, ки чаро Филиппус ба онҳо дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс мавъиза накард. Эҳтимол, ӯ зуд пас аз он ки бо Рӯҳулқудс таъмид ёфт, Ерусалимро тарк кард, ва дар он вақт намедонист, ки ин ба ҳама дахл дошт. Новобаста ба сабабҳое, ки вуҷуд доштанд, аён буд, ки одамон ба Инҷил бовар мекарданд ва бо об таъмид мегирифтанд, аз ин рӯ онҳо аз олами боло таваллуд мешуданд. Аммо таваҷҷӯҳ кунед, ки барои ҳаввориён чӣ қадар муҳим буд, то ки сомариён ба мисли онҳо зуд бо Рӯҳулқудс таъмид шаванд.

Фикри аввали онҳо на дар бораи он буд, ки тарзи либоспӯширо ба онҳо фаҳмонанд. Онҳо нагуфтанд: "Биёед ба онҳо мегӯем, ки чӣ гуна либос пӯшанд ё кай ба калисо биёянд". Онҳо дар бораи қоидаҳои таълимот ташвиш намекашиданд. Чизи аввалине, ки онҳо дар борааш ташвиш мекашиданд, чӣ буд? Таъмид бо Рӯҳулқудс! Бинобар ин онҳо кӯшиш карданд, ки зуд ба он ҷо раҳсипор шуда, ба ин одамон дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс нақл кунанд.

Сипас Петрус ва Юҳанно ба онҳо даст гузоштанд, ва онҳо Рӯҳулқудсро қабул карданд. Айнан дар ҳамон ҷо ва ҳамон лаҳза онҳо Рӯҳулқудсро гирифтанд. Шаҳодат чӣ гуна буд? Ба фикрам, он ҳамон гуна буд, ки дигарон низ доштанд: дуо бо забонҳои ғайр.

*Шимъӯн, чун дид, ки бо дастгузории ҳаввориён Рӯҳулқудс ато мешавад, ба онҳо пул овард. Ва гуфт: “Ин қудратро ба ман низ бидиҳед, то ки ба ҳар кас даст гузорам, Рӯҳулқудсро қабул кунад”.*

*Аммо Петрус ба вай гуфт: “Бигзор пулат бо ту нест шавад, чунки ту гумон кардаӣ, ки атои Худоро ба бадали пул бихарӣ. Туро аз ин чиз насибе ва баҳрае нест, зеро ки дилат дар ҳузури Худо рост намебошад. Акнун аз ин шарорати худ тавба кун ва ба Худо дуо гӯй: шояд, ин қасди дилат омурзида шавад; зеро мебинам, ки пур аз заҳраи талх ва гирифтори қайди шарорат ҳастӣ”.*

*Шимъӯн дар ҷавоб гуфт: “Шумо барои ман ба Худованд дуо гӯед, то ки чизе аз он чи гуфтед, ба ман рӯй надиҳад”.*

– Аъмол 8:18-24

Вақте Шимъӯн дид, ки Рӯҳулқудс бо дастгузорӣ дода мешавад, ӯ ба ҳаввориён пул пешниҳод кард, то ки онҳо ба ӯ ҳамон гуна қувватро диҳанд. Эҳтимол, вақте ки онҳо Рӯҳулқудсро қабул карданд, Шимъӯн ягон чиз, ким-чӣ хел исботи онро дид, ки чизе рӯй дод. Ӯ ин қувватро гирифтан мехост.

Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки онҳо бевосита бо забонҳои ғайр сухан ронданд, аммо аниқ чизе рӯй дод, ки одамон дида метавонистанд. Шимъӯн як чизи пурқудратеро дид, ва ӯ хост имкон дошта бошад, ки инро ба мардум диҳад. Ба фикрам, суханони ӯ нишон медиҳанд, ки онҳо таъмиди мазкурро мисли дигарон қабул карданд, ва бо забонҳои ғайр сухан ронданд. Ва боз ман таваҷҷӯҳи шуморо ба он ҷалб кардан мехоҳам, ки калисои Ерусалим таъмид бо Рӯҳулқудсро хеле муҳим мешуморид, – он ҳаётан хеле муҳим буд!

Вақте ки дар роҳи Димишқ Павлус ба Худованд рӯ овард, шахсе бо номи Ҳанониё ба назди Павлус фиристода шуд, то ки барои ӯ дуо кунад.

*Ҳанониё... гуфт: “Эй бародар Шоул! Исои Худованд, ки дар роҳе ки меомадӣ, бар ту зоҳир шуд, маро фиристод, то ки боз бино гардӣ ва аз Рӯҳулқудс пур шавӣ”.*

– Аъмол 9:17

Дар Китоби Муқаддас гуфта нашудааст, ки вақте Павлус бо Рӯҳулқудс таъмид ёфт, бо забонҳои ғайр сухан ронд, вале мо медонем, ки ӯ дар ҳақиқат бо забонҳои ғайр сухан меронд, ва ман бовар дорам, ки мисли дигарон ӯ таъмид гирифт. Шумо пурсида метавонед, ки чаро ман чунин меҳисобам. Ин оддӣ аст. Гап дар он аст, ки худи Павлус дар Номаи якум ба Қӯринтиён навиштааст.

*“Худоямро шукр мегӯям, ки ман бештар аз ҳамаи шумо ба забонҳо сухан меронам” (1 Қӯр. 14:18).*

Бо ҳамин тариқ, мо ба хулоса омада метавонем, ки вақте Павлус бо Рӯҳулқудс таъмид ёфт, ӯ бо забонҳои ғайр сухан ронд. Бобҳои китоби Аъмолро хонда, шумо мушоҳида карда метавонед, ки ин таъмид рӯз ба рӯз дар ҳама калисоҳо давом мекард. Ин на фақат дар рӯзи Пантикост ба амал омада буд.

Баъдтар, дар боби 10-уми китоби Аъмол, Петрусро ба хонаи ғайрияҳудиён мефиристанд ва ӯро ба мавъиза кардани Инҷил водор месозанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки Петрус марди яҳудӣ буд, ва барои ӯ ворид шудан ба хонаи ғайрияҳудӣ хеле ғайриоддӣ буд. Ӯ танҳо барои он ба он ҷо рафт, ки рӯъё аз Рӯҳулқудс ӯро ба он ҷо бурд.

*Ин суханон ҳанӯз бар забони Петрус буд, ки Рӯҳулқудс бар ҳамаи шунавандагони калом нозил шуд. Ва имондорони махтун, ки ҳамроҳи Петрус омада буданд, дар ҳайрат афтоданд, ки атои Рӯҳулқудс ба ғайрияҳудиён низ ҷорӣ шудааст, зеро шуниданд, ки онҳо ба забонҳо сухан ронда, Худоро ҳамду сано мехонанд.*

*Он гоҳ Петрус гуфт: “Оё касе метавонад ба онҳое*

> *ки Рӯҳулқудсро мисли мо низ ёфтаанд, бо об таъмид гирифтанро манъ кунад?" Ва фармуд, ки онҳоро ба исми Исои Масеҳ таъмид диҳанд. Ва аз ӯ хоҳиш карданд, ки якчанд рӯз назди онҳо бимонад.*
>
> – Аъмол 10:44-48

Вақте ки Петрус Инҷили Исои Масеҳро дар хонаи ғайрияҳудӣ мавъиза кард, Рӯҳулқудс ба ҳамаи онҳое, ки ин паёмро шуниданд, нозил шуд. Рӯҳи Худоро дидан номумкин аст, пас онҳо чӣ тавр фаҳмиданд, ки Рӯҳулқудс ба онҳо нозил шуд? Дар матн гуфта шудааст, ки имондорони махтун, ки ҳамроҳи Петрус омада буданд, аз он дар ҳайрат монданд, ки атои Рӯҳулқудс ҳатто ба ғайрияҳудиён ҷорӣ шуд, *зеро шуниданд, ки ғайрияҳудиён бо забонҳо сухан меронданд ва Худоро ситоиш мекарданд.*

Пас чӣ шаҳодат дод, ки Рӯҳулқудс дар он ҷо буд? Петрус бояд он чиро ки ба ӯ аён буд, эътироф мекард: Худо ин одамонро қабул кард. Гарчанде ӯ ҳатто дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс ба онҳо чизе нагуфт, далели он, ки ӯ онҳоро бо забонҳои ғайр гӯянда дид, исботи он буд, ки ӯ ба он эҳтиёҷ дошт. Петрус *медонист,* ки онҳо қабул карданд, чунки онҳо мисли ӯ Рӯҳулқудсро қабул карданд, ва онҳо бо забонҳои ғайр сухан ронданд.

Шумо фарқияти бузургеро байни он, ки чиро калисои муосир муҳим мешуморад ва чиро калисои давраи Китоби Муқаддас муҳим мешуморид, мушоҳида мекунед. Яке аз ҷойҳои писандидаи ман дар Навиштаҷот, ки возеҳ нишон медиҳад, ки ҳар як имондор бояд бо Рӯҳулқудс таъмид ёбад, ва бе шубҳа тасдиқ мекунад, ки ин амали Рӯҳулқудс аз таваллуд шудан аз олами боло фарқ мекунад, дар китоби Аъмол навишта шудааст:

> *Дар он замоне ки Апӯллӯс дар Қӯринтус буд, Павлус дар кишварҳои боло гардиш карда, ба Эфсӯс расид ва дар он ҷо шогирдонро ёфта, ба онҳо гуфт: "Оё вақте ки имон*

*овардед, Рӯҳулқудсро қабул кардед?” Ба ӯ гуфтанд: “Ҳатто нашунидаем, ки Рӯҳулқудс вуҷуд дорад”.*

– Аъмол 19:1, 2

Вақте ки Павлус ба шаҳри Эфсӯс ворид шуд, ӯ якчанд шогирдонро ёфт ва аз онҳо пурсид: “Оё вақте ки имон овардед, Рӯҳулқудсро қабул кардед?” Вақте ки Павлус ин имондоронро вохӯрд, аввалин саволи ташвишноки ӯ ҳамин буд.

Павлус мефаҳмид, ки таваллуд аз олами боло аз таъмид бо Рӯҳулқудс, ки бо сухан рондан бо забонҳо тасдиқ карда мешавад, ба таври назаррас фарқ мекунад.

Барои чӣ ин аввалин чизе буд, ки Павлус ба онҳо гуфт? Зеро ин айни ҳамон чиз аст, ки Исо дар китоби Аъмол (1:4) гуфта буд! Дар асл, Ӯ гуфта буд: “Бе ин шаҳрро тарк накунед!” Вақте ҳаввориён шуниданд, ки одамон дар Сомария Каломро шуниданд, чӣ кор карданд? Онҳо гуфтанд: “Бачаҳо, биёед худи ҳозир ба он ҷо раҳсипор мешавем. Мо бояд боварӣ ҳосил кунем, ки ҳама чиз дуруст иҷро карда мешавад. Ба он ҷо расида, боварӣ ҳосил кунед, ки онҳо Рӯҳулқудсро қабул кардаанд ё не”. Вақте ки Павлус аз Эфсӯс гузар карда истода, якчанд шогирдонро ёфт, саволи аввалине, ки ба онҳо дод, чунин буд: “Оё шумо Рӯҳулқудсро қабул кардед?”

Вақте онҳо гуфтанд: “Не, мо ҳатто нашунидаем, ки Рӯҳулқудс вуҷуд дорад”, Павлус аз онҳо пурсид, ки пас чӣ навъ таъмид гирифтед. Онҳо ҷавоб доданд: “Таъмиди Яҳё”. Павлус гуфт, ки таъмиди Яҳё таъмиди тавба буд, ва ӯ ба одамон талқин мекард, то ба Касе, ки баъд аз ӯ меояд, имон биёранд. Яъне ба Исо имон биёранд.

Инро шунида, онҳо ба номи Худованд Исо таъмид (бо об) гирифтанд. Баъд аз он вақте ки Павлус ба онҳо даст гузошт, Рӯҳулқудс ба онҳо нозил шуд, ва онҳо бо забонҳо сухан ронданд. Диққат диҳед, вақте ки Павлус савол дод, ӯ гумон мекард, ки онҳо ба Исо имон овардаанд. Ана барои чӣ ӯ пурсид: “Оё Рӯҳулқудсро қабул кардед?” Ӯ медонист, ки таъмид бо Рӯҳулқудс аз таваллуд шудан аз олами боло фарқи калон дорад.

**ВА ДАР ИН ҶО ЧУНИН БА НАЗАР МЕРАСАД, КИ ИН МАВЗӮЪ ДАР БИСЁР КАЛИСОҲО НА АЗ ОН САБАБ БАҲСҲОРО БА МИЁН МЕОРАД, КИ ОН ДАР КИТОБИ МУҚАДДАС МАВҶУД НЕСТ, БАЛКИ ШАЙТОН ОНРО БАД МЕБИНАД.**

Ва дар ин ҷо чунин ба назар мерасад, ки ин мавзӯъ дар бисёр калисоҳо на аз он сабаб баҳсҳоро ба миён меорад, ки он дар Китоби Муқаддас мавҷуд нест, балки шайтон онро бад мебинад.

Чунки агар ин қувват аст, агар барои лаёқати дигар кардани ҳаёти одамон ва шаҳодат додан дар ҷаҳон даре аст, пас шумо бар зидди худои ин ҷаҳон мебароед, ва мо медонем, ки андешаи ӯ дар бораи ин чӣ гуна буда метавонист. Таъмид бо Рӯҳулқудс ба мо қуввати беканорро, яъне қуввати Худоро, фароҳам меорад, то ки барои ҷалоли Худованд кори Исоро анҷом диҳем!

БОБИ 6

# ОЁ ҲАМА БО ЗАБОНҲОИ ҒАЙР ДУО МЕКУНАНД?

Эҳтимол, шумо аз касе шунидаед, ки бо забонҳои ғайр дуо намекунад, ва бовар ҳам надорад, ки ҳама бо онҳо сухан ронда метавонанд ё бояд сухан ронанд. Ин гуна шахсон аз Номаи аввали Қӯринтиён иқтибос оварда, ақидаи худро асоснок карданӣ мешаванд. Онҳо ба гуфтаи Павлус ишора карда, мегӯянд, ки на ҳама бо забонҳо сухан меронанд. Хӯш, биёед ба матн нигоҳ мекунем ва мебинем, ки ин оё воқеан ҳамон чизе аст, ки Павлус гуфтааст.

> *Шумо бадани Масеҳ ҳастед, вале ҷудо-ҷудо узвҳои Ӯ мебошед. Ва Худо баъзеро* ***дар Калисо*** *аввалан ҳаввориӣ, сониян набӣ, солисан муаллим таъин кардааст; баъд қувваҳои мӯъҷизакор, ҳамчунин бахшоишҳои шифо додан, мадад расондан, идора кардан ва забонҳои гуногунро бахшидааст. Оё ҳама ҳаввориананд? Оё ҳама набиананд? Оё ҳама муаллиманд? Оё ҳама мӯъҷизакоранд? Оё ҳама бахшоиши шифодиҳӣ доранд?* ***Оё ҳама ба забонҳо сухан меронанд?*** *Оё ҳама тафсир мекунанд?*
>
> – 1 Қӯринтиён 12:27-30

Дар ин нома Павлус ба калисои Қӯринтӯс мегӯяд, ки чӣ тавр ба таври муносиб бояд рафтор кунанд, то ки дар ҷамъомадҳои калисо барои ҳама ибодат гузаронидан мумкин шавад. Дар он давра ҳама кӯшиш мекарданд, ки бо атоҳои рӯҳонӣ ва воизони маҳбуби худ аз якдигар бартарӣ пайдо кунанд. Павлус онҳоро таълим медод, ки ҳамчун як бадан дар ягонагӣ ва муҳаббат амал кунанд. Биёед акнун ба таври муфассал оятҳоеро, ки дар боло овардем, дида мебароем.

> *Шумо бадани Масеҳ ҳастед, вале ҷудо-ҷудо узвҳои Ӯ мебошед. Ва Худо баъзеро* ***дар Калисо*** *(ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ибораи мазкурро қайд кунед) аввалан ҳаввbooрӣ, сониян набӣ, солисан муаллим таъин кардааст; баъд қувваҳои мӯъҷизакор, ҳамчунин бахшоишҳои шифо додан, мадад расондан, идора кардан ва забонҳои гуногунро бахшидааст.*

Павлус ба сухани худ идома медиҳад, лекин ман дар ин ҷо таваққуф мекунам, зеро роҷеъ ба ибораи "дар калисо" каме гап задан мехоҳам. Ӯ дар бораи ҷамъомади воқеии калисо сухан меронад. Мо дар асоси Номаи аввал ба Қӯринтиён 14:18, 19, ки дар он Павлус ҳамин ибораро ба кор мебарад, ба ин боварӣ ҳосил карда метавонем:

> *Худоямро шукр мегӯям, ки ман бештар аз ҳамаи шумо ба забонҳо сухан меронам; Лекин* ***ДАР КАЛИСО*** *гуфтани панҷ калимаро бо ақли худ, то ки дигаронро насиҳат кунам, афзал медонам аз он ки як олам калимаро ба забоне бигӯям.*
>
> – 1 Қӯринтиён 14:18, 19

Павлус мегӯяд: «Худоямро шукр мегӯям, ки ман бештар аз ҳама бо забонҳо сухан меронам, *"лекин дар калисо..."*» Боз ин ибораро мебинем, ва ин дафъа равшан аст, ки Павлус дар бораи ҷамъомади калисо сухан меронад, на дар бораи Бадани умумии Масеҳ. Мо ҳама

медонем, ки Павлус як узви ҳамаи Бадани Масеҳ , яъне “калисо” аст. Албатта, ҳамин тавр аст. Ва ӯ Худоро шукр мегӯяд, ки нисбат ба ҳамаи имондорони Қӯринтӯс ӯ бо забонҳои ғайр бештар сухан меронад. Ва ӯ аз он сабаб чунин мегӯяд, ки калисои он ҷо бо вайрон кардани тартибот ва ба вуҷуд овардани нофаҳмиҳо оид ба лаёқати нави сухан рондан бо забонҳо тантана барпо мекард.

Дар асл, ӯ мегӯяд: “Эй, бачаҳо, ман аз ҳамаи шумо бештар бо забонҳо сухан меронам, аммо усули “дар калисо” ба кор бурдани ин мавҷуд аст, то ки ҳама чиз ба таври муносиб ба роҳ монда шавад ва нофаҳмиҳо ба миён наоянд”. Дар идома ӯ мегӯяд, ки дар калисо (дар ҷамъомади имондорон) ба таври фаҳмо сухан рондан мехоҳад (бо забони умумии онҳо), то ки дигарон низ баҳраманд шаванд.

Чуноне ки дар боби 12-уми Номаи аввал ба Қӯринтиён навишта шудааст, дар худи хидматгузории калисо баъзе одамон бо бахшоиши забонҳо ва тафсири онҳо амал мекунанд, аммо барои обод кардани тамоми Бадан бо ин бахшоиш на ҳама амал мекунанд ё на ҳама бояд амал кунанд. Павлус ҳатто дар бораи маҳдудияти шумораи одамоне ҳарф мезанад, ки бояд бо забонҳо сухан ронанд ва дар ибодат ба тафсири забонҳо машғул шаванд, ва шумораи онҳо бояд на бештар аз се нафар бошад.

> *“Агар касе ба забоне сухан меронда бошад, ду нафар, ё бисёраш се нафар, он ҳам ҷудо-ҷудо, сухан ронед, ва касе тафсир кунад” (1 Қӯр. 14:27).*

Бинобар ин, вақте Павлус мегӯяд, ки на ҳама бо забонҳо сухан меронанд, ӯ “калисо” ё ҷамъомади имондоронро дар назар дорад.

Шумо бояд дарк кунед, ки ҳар як имондор лаёқати бо забонҳо дуо карданро дорад, аммо на ҳар кас тадҳинеро пайдо мекунад, ки дар ҷамъомади имондорон бахшоиши бо забонҳо дуо кардан ва тафсири онҳоро зоҳир кунад. Агар шумо барои зоҳир кардани ин бахшоиш дорои чунин тадҳин бошед, пас, тибқи Китоби Муқаддас, шумо бояд барои лаёқати тафсир кардани он дуо кунед.

*"Бинобар ин касе ки ба забоне сухан меронад, бигзор дар бораи тафсири он тақозо кунад" (1 Қӯр. 14:13).*

Боварӣ дорам, шахсе, ки бо забонҳо сухан меронад, дар вақти хидматгузорӣ бо эҳтимоли номзад барои тафсир мебошад, чунки паём аллакай ба воситаи ӯ ҷорӣ мешавад.

Барои чӣ шумо бояд бо забонҳо дуо кунед? Шайтон имондоронеро, ки дар Рӯҳ (бо забонҳо) дуо карда метавонанд, бад мебинад, ва ман мутмаин будан мехоҳам, ки шумо сабабашро медонед.

Вақте Павлус гуфт, ки ӯ хурсанд аст, ки аз дигарон бештар бо забонҳо дуо мекунад, бояд сабабе вуҷуд дошта бошад, ки чаро ӯ чунин меҳисобад. Павлус дар боби 14-уми Номаи аввал ба Қӯринтиён, ки мо бояд онро баррасӣ кунем, андешаи худро дар ин бора ба тариқи зайл баён кардааст:

*"Касе ки ба забоне сухан меронад, вай худашро обод мекунад; аммо касе ки нубувват мекунад, вай калисоро обод мекунад" (1 Қӯр. 14:4).*

Биёед каме чуқуртар мекобем. Обод кардан чӣ маъно дорад? Ибораи "обод кардан" маънои роҳнамоӣ кардан ё фоида овардан, махсусан фоидаи маънавӣ ё рӯҳонӣ овардан; сарафроз кардан"-ро дорад[2].

Розӣ шавед, аксар вақт чунин мешавад, ки ба шумо роҳнамоӣ лозим аст, то бидонед, ки ба кадом самт равона шавед, вазъиятро фаҳмед ё қарори дуруст қабул кунед. Маҳз дар ҳамин чизҳо дуо бо забонҳо ба шумо ёрӣ дода метавонад: шуморо обод мекунад ва роҳнамоӣ медиҳад. Боз ҷоеро мебинем, ки дар он Павлус дар ин бора возеҳ сухан меронад:

*"Ҳамчунин Рӯҳ низ моро дар* ***нотавониамон*** *тақвият медиҳад; зеро ки мо намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем, лекин Худи Рӯҳ барои мо бо оҳу*

*нолаҳое шафоат мекунад, ки сухан аз баёнашон оҷиз аст. Таҳқиқкунандаи дилҳо аз андешаи Рӯҳ огоҳ аст, чунки Ӯ барои муқаддасон мувофиқи хости Худо шафоат мекунад” (Рум. 8:26, 27).*

Павлус ба мо мегӯяд, ки мо мушкилӣ ва сустӣ дорем: “Мо намедонем, ки дар бораи чӣ дуо кунем”. Шумо пурсида метавонед: “Чаро ин сустӣ аст?” Ҷавоби ин саволро дар ояти навбатӣ пайдо карда метавонем:

> *Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад. Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.*
>
> – 1 Юҳанно 5:14, 15

Бе донистани иродаи Худо ё бе дилпурӣ аз он, мо бо имон (бо Худо ҳамфикр будан) рафтор карда наметавонем, ва агар мо бо имон рафтор карда натавонем, пас мо бешубҳа ба ҳолати сустӣ дучор мешавем, чунки бе имон аз файз ё қуввати Худо баҳраманд шуда наметавонем. Ҳамин тариқ, Павлус мегӯяд, ки дуо карда натавонистан – ин ҳолати сустӣ, ва дуо бо забонҳо ёрӣ дода метавонад. Биёед бори дигар матнамонро мехонем.

> *Ҳамчунин Рӯҳ низ моро дар нотавониамон тақвият медиҳад;* ***зеро ки мо намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем.***
>
> – Румиён 8:26

Сустии мо дар он аст, ки мо дар чӣ хусус дуо карданро намедонем! Китоби Муқаддас ба мо намегӯяд, ки бо кӣ оиладор шавем, дар куҷо зиндагӣ кунем ё кадом ҷои корро интихоб кунем. Бе донистани иродаи Худо, вақте ки мо дуо мекунем, дониста ва бовар карда наметавонем, ки аз Худо чӣ гирифта метавонем. Боз

ҳам, ин сустии азим аст! Агар мо иродаи Худоро надонем, ба Худо эътимод карда наметавонем. Аммо усуле ҳаст, ки бо ёрии он мо дар ҳар гуна вазъият иродаи Худоро фаҳмида метавонем. Усуле ҳаст, ки онро ба кор бурда, иродаи Худоро аниқ фаҳмида метавонем, то ки бо имон ва дилпурӣ амал кунем.

Ана дар бораи чӣ Павлус сухан рондааст. Маънои обод кардан, ки Павлус дар борааш мегӯяд, роҳ ёфтан ба донишҳо аст – донишҳое, ки ба воситаи Рӯҳи Худо меояд. Агар мо ба маслиҳати Павлус, ки дар Нома ба Румиён 8:26, 27 оварда шудааст, гӯш андозем, пас чунин сатрҳоро мехонем:

> *Лекин Худи Рӯҳ барои мо бо оҳу нолаҳое шафоат мекунад, ки сухан аз баёнашон оҷиз аст. Таҳқиқкунандаи дилҳо аз андешаи Рӯҳ огоҳ аст, чунки Ӯ барои муқаддасон мувофиқи хости Худо шафоат мекунад.*

Ҳамин тариқ, Павлус намегӯяд, ки вақте мо дар Рӯҳ дуо мекунем, оҳу нола мекунем, балки аниқтараш ба оятҳои қаблӣ ишора мекунад.

> *Зеро медонем, ки тамоми махлуқот* ***бо якҷоягӣ*** *то алҳол* ***оҳу нола мекунад ва азоб мекашад.*** *Ва на фақат он, балки худи мо низ, ки соҳиби навбари Рӯҳ ҳастем,* ***дарунакӣ оҳу нола мекунем*** *ва мунтазири фарзандхондагӣ ва кафорати ҷисми худ мебошем. Зеро ки бо умед наҷот ёфтаем. Аммо умед, вақте ки онро мебинанд, дигар умед нест; зеро ки кас агар чизеро бинад, чаро боз дар умеди он бошад? Аммо агар мо дар умеди чизе бошем, ки онро намебинем, бо сабр мунтазираш мешавем.*
>
> ***Ҳамчунин Рӯҳ низ моро дар нотавониамон тақвият медиҳад;*** *зеро ки мо намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем, лекин Худи Рӯҳ барои мо бо оҳу нолаҳое шафоат мекунад, ки сухан аз баёнашон оҷиз аст.*

> *Таҳқиқкунандаи дилҳо аз андешаи Рӯҳ огоҳ аст, чунки Ӯ барои муқаддасон мувофиқи хости Худо шафоат мекунад.*
>
> – Румиён 8:22-27

Павлус дар ин ҷо ибораи “оҳу нола кардан”-ро ҳамчун намуна ё шабоҳати он, ки дар даруни мо чӣ рӯй дода истодааст, истифода мебарад. Мо аз дарун ҳамчун зане, ки таваллуд мекунад, оҳу нола мекунем. Яъне мо дар дохили худамон чизеро аз Рӯҳи Худо таваллуд мекунем, ва чизи наверо, ки пештар вуҷуд надошт, ё, гуфтан мумкин, чизеро, ки на аз мо аст, ба даст меорем. Ҳамин тариқ мо донишеро дар хусуси он “таваллуд мекунем”, ки дар борааш намедонем, – дар хусуси чизи наве, ки аз даруни худамон ба воситаи ҷараёни дуо дар Рӯҳ ҳосил мешавад. Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки Рӯҳи Худо барои ҳар як вазъият тавассути рӯҳи мо дар бораи иродаи комили Худо дуо мехонад. Дар он гуфта мешавад, ки Худи Худо ба воситаи рӯҳи мо бо оҳу нолаҳое, ки сухан аз баёнашон оҷиз аст (бо сухан фаҳмонидан ғайриимкон аст), дар ҳаққи мо дуо мекунад.

Ҳамин тариқ дар ин ҷо мо мушоҳида мекунем, ки Рӯҳулқудс барои мо бо оҳу нолаҳо (зоиш), калимаҳои норавшан, яъне калимаҳоеро, ки мо намефаҳмем (ё забонҳои дигарро) истифода бурда, шафоат мекунад. Ва Он Шахсе, ки дилҳои моро месанҷад, ниятҳои Рӯҳро медонад, чунки Рӯҳ (Рӯҳи Худо) барои муқаддасон бо хости Худо шафоат мекунад. Вақте ки шумо бо забонҳои ғайр дуо мекунед, Рӯҳи Худо *ба воситаи рӯҳи шумо барои ҳар гуна вазъият дар бораи иродаи комили Худо дуо мекунад.*

Ҳамин тариқ, агар мо иродаи Худоро надонем, дар ҳолати заъф меистем. То даме ки иродаи Худоро нафаҳмем, имонамонро ба кор андохта наметавонем. Павлус мегӯяд, ки агар мо дар Рӯҳ дуо кунем, Рӯҳи Худо ба воситаи мо дар бораи иродаи комили Ӯ барои ҳаёти мо дар ҳар гуна вазъият дуо мекунад.

Вақте ки Рӯҳи Худо ба воситаи мо бо забонҳои ғайр дуо мекунад, пас чӣ тавр мо обод мешавем? Зеро мо намедонем, ки чӣ мегӯем. Ҷавобро дар номаи дигари Павлус ёфтан мумкин аст.

*Аммо, чунон ки навишта шудааст: «Он чиро, ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст». Вале ба мо Худо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор сохтааст; зеро ки Рӯҳ ҳама чизро, ҳатто умқҳои Худоро пай мебарад. Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи инсон, ки дар ӯст? Ҳамчунин он чиро, ки дар Худо ҳаст, ҳеҷ кас намедонад, ба ҷуз Рӯҳи Худо. Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем, ки аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем, ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додааст, балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем.*

– 1 Қӯринтиён 2:9-13

Тавре ки аллакай ба шумо гуфтам, пеш аз ҳама Павлус мегӯяд, ки мо ба он чизе дастрасӣ дорем, ки ҳеҷ гоҳ нашунида, надида ва дар борааш фикр ҳам накарда будем. Аммо ӯ ба сухани худ идома дода, нақл мекунад, ки ин чӣ тавр кор мекунад:

*Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи инсон, ки дар ӯст? Ҳамчунин он чиро, ки дар Худо ҳаст, ҳеҷ кас намедонад, ба ҷуз Рӯҳи Худо.*

– 1 Қӯринтиён 2:11

Пеш аз он ки дар бораи ин ҷиҳати Навиштаҷот нақл кунам, бояд дар бораи он тасаввуроти ибтидоӣ пайдо кунем, ки мо аз чӣ иборат ҳастем. Мутобиқи Номаи якум ба Таслӯникиён (5:23), мо аз се қисм иборат ҳастем: рӯҳ, ҷон ва ҷисм.

*Худи Худои осоиштагӣ бигзор шуморо ба куллӣ пок гардонад ва рӯҳу ҷону ҷисми шуморо дар вақти омадани Худованди мо Исои Масеҳ комилан беайб нигоҳ дорад.*

– 1 Таслӯникиён 5:23

Рӯҳи мо – қисми илоҳии мо, ҷони мо – ақл, ирода ва эҳсосоти мо, ва

ҷисми мо – ин ҷисми мо. Павлус мегӯяд, ки ҷон (ақл, ирода ва эҳсосот) ва рӯҳи мо он қадар бо ҳам пайванданд, ки рӯҳ андешаҳои моро медонад.

Баръаксаш ҳам дуруст аст. Ақли мо андешаҳои рӯҳи моро пайхас карда метавонад. Павлус мегӯяд, ки Рӯҳи Худо афкори Худоро медонад ва мо Рӯҳи Худоро дорем, то он чиро ки Худо ба мо медиҳад, бидонем.

> *Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем, ки аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем, ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додааст, балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем.*
>
> – 1 Қӯринтиён 2:12, 13

Павлус ба сухани худ идома дода мегӯяд, ки ин дониши номаълум аст, донише, ки мо дорои он набудем, аммо Рӯҳи Худо ба мо ошкор кардааст, - инро мо бо суханоне, ки Рӯҳ ба мо омӯзонидааст, мегӯем: на бо суханоне, ки мо аз рӯи фаҳмиши табиии худ ё бо забони модариамон гуфта метавонистем, балки бо калимоти рӯҳонӣ. Вақте Павлус мегӯяд, ки мо бо калимоти рӯҳонӣ дуо мекунем, мо мефаҳмем, ки ӯ дар бораи дуо бо забонҳои ғайр сухан меронад, чунки ӯ айни ҳамин мафҳумро барои тавсифи суханронӣ бо забонҳо дар Номаи якум ба Қӯринтиён 14:14, 15 истифода бурдааст:

> *Зеро, вақте ки ман ба забоне дуо мегӯям, рӯҳам дуо мегӯяд, лекин ақлам бе самар мемонад. Пас чӣ бояд кард? Бо рӯҳ дуо хоҳам гуфт, бо ақл низ дуо хоҳам гуфт; бо рӯҳ суруд хоҳам хонд, бо ақл низ суруд хоҳам хонд.*

Вақте ки гап дар бораи сухан рондан бо забонҳо меравад, Павлус ибораи "дар рӯҳ дуо кардан"-ро истифода мебарад. Вақте Павлус мегӯяд, ки мо бо суханоне ҳарф мезанем, ки Рӯҳ ба мо таълим додааст, ӯ сухан рондан бо забонҳоро дар назар дорад.

> *Зеро касе ки ба забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо сухан меронад, чунки ҳеҷ кас намефаҳмад:* ***вай бар тибқи рӯҳ асрорро ба забон меоварад.***
>
> – 1 Қӯринтиён 14:2

Ва боз Павлус дар бораи рӯҳи мо сухан ронда, оиди қобилияти баён кардани он гап мезанад, ки мо ҳеҷ гоҳ надидаем, нашунидаем, ва намедонистем, ё чуноне ки Павлус мегӯяд, "асрор"-ро ба забон меорем. Ҳамчунин ба он диққат диҳед, ки дар ин оят Павлус чӣ мегӯяд. Ӯ мегӯяд, ки мо асрори худро *бо рӯҳи худ* таъбир мекунем, на бо Рӯҳи Худо. Чӣ тавр чизе, ки мо намедонистем, ба рӯҳи мо ворид шуда метавонад? Ин хеле оддӣ аст! Ба воситаи Рӯҳи Худо, ки бо рӯҳи мо акнун як шудааст.

> *Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи инсон, ки дар ӯст? Ҳамчунин он чиро, ки дар Худо ҳаст, ҳеҷ кас намедонад, ба ҷуз Рӯҳи Худо.*
>
> – 1 Қӯринтиён 2:11

Вақте ки рӯҳи мо андешаҳои Худоро пай мебарад, ақли мо низ ин андешаҳоро мефаҳмад. Вақте ки ақли мо андешаҳои Худоро пай мебарад, мо онро "кушоиш", "фаҳмиш" ё ба қавли Павлус, "ободшавӣ" меномем. Акнун шумо медонед, ки чаро Павлус гуфтааст, ки ӯ хурсанд аз он аст, ки бештар аз дигарон бо забонҳо сухан меронад; ӯ афзалият пайдо кардааст, ки дар ҳар вазъият иродаи Худоро бидонад.

Маҳз дар ҳамин бора Павлус дар Номаи аввал ба Қӯринтиён 2:15, 16 мегӯяд:

> *Лекин одами рӯҳонӣ дар бораи ҳама чиз ҳукм мекунад, вале касе наметавонад дар бораи ӯ дуруст ҳукм кунад. Зеро кист, ки фикри Худовандро daniста бошад, то ки Ӯро таълим диҳад? Лекин мо фикри Масеҳро дорем.*

Мо аз рӯи ҳукми оддии инсонӣ маҳдуд нестем, вале бо мадади Худо дар бораи ҳама чиз дуруст ҳукм карда метавонем. Ин хабари хуш аст! Мо дар Рӯҳ дуо карда (бо забонҳои ғайр), имкон дорем, ки асрорро бифаҳмем, чизеро, ки мо пештар намедонистем, ва ба туфайли ин дониш дар бораи ҳама чиз дуруст ҳукм карда ё хулоса баровварда метавонем!

Таъмид бо Рӯҳулқудс – ин аслиҳаи махфии Худо! Ӯ иродаи Худро ба замин тавре мунтақил кардан мехоҳад, то шайтон надонад, ки чӣ рӯй медиҳад. Дар асл дуо дар Рӯҳ як қисми аслиҳаи рӯҳонии мо аст, ки дар Нома ба Эфсӯсиён 6:18 баён карда шудааст:

*Дар ҳар вақт дар Рӯҳ бо ҳар дуо ва илтимос дуо гӯед.*

Дуо дар Рӯҳ ба мо имкон медиҳад, то стратегияҳоеро пай барем, ки тавассути онҳо душманро гӯл зада ё бо ёрии усули нодир ва ғайриоддӣ ба пеш ҳаракат карда метавонем.

**ТАЪМИД БО РӮҲУЛҚУДС – ИН АСЛИҲАИ МАХФИИ ХУДО! Ӯ ИРОДАИ ХУДРО БА ЗАМИН ТАВРЕ МУНТАҚИЛ КАРДАН МЕХОҲАД, ТО ШАЙТОН НАДОНАД, КИ ЧӢ РӮЙ МЕДИҲАД.**

Фоидае, ки дар назар дошта мешавад, аз он иборат аст, ки мо ба хиради Масеҳ такя карда, дар ҳаёт қарорҳои дуруст қабул карда метавонем. Ба фикрам, шумо розӣ мешавед, ки ин ҳаётан муҳим аст! Ман аз таҷрибаи худ ба ин боварӣ ҳосил кардаам!

Ба унвони мисол ба ёд оварда метавонам, ки чӣ тавр ман дар робита бо бизнеси худ қарори муҳим қабул кардаам. Намояндаи савдо, ки ба воситаи ӯ ман бо яке аз таъминкунандагони худ кор мекардам, таҳдид кард, ки ширкати маро ба додгоҳ мекашад, зеро ман намехостам, ки аз паси ӯ ба ширкати нав гузарам. Ӯ мехост, ки пас аз тарк кардани таъминкунандае, ки ман ҳамеша бо вай кор мебурдам, бо ӯ тиҷоратро давом диҳам. Ба ман намояндаи савдо маъқул буд, вале ҳис мекардам, ки ман ба ширкате, ки ӯ кор мекард, содиқ ҳастам, на ба ӯ. Дар айни замон,

ширкате, ки вай дар он кор мекард, феълан ба ӯ хабар медод, ки ҳамаи муштариёни худро ба ширкати нав гирифта метавонад. Бинобар ин агар бо ӯ мерафтам, кори баде намекардам, аммо ба ҳар ҳол бароям писанд набуд, ки маро ба ин кор маҷбур мекунанд. Ширкати собиқи ӯ нисбат ба ман ҳамеша одилона рафтор мекард.

Ӯ таҳдид кард, ки маро ба додгоҳ мекашад, чунки чанд моҳ пештар ӯ ёдрас карда буд, ки ба ширкати нав мегузарад, ва пурсида буд, ки оё ман бо ӯ меравам. Ман дар ин бора ба таври ҷиддӣ фикр накарда, гуфта будам, ки меравам. Ӯ гуфт, ки вақте дар бораи дигар кардани ширкат тасмим мегирифт, ба бизнеси ман умед баста буд. Аммо акнун, вақте ки феълан санаи рафтани ӯ наздик мешуд, дар ман эҳсоси ногуворе пайдо шуд. Бинобар ин ман дар Рӯҳ дар давоми якчанд рӯз дуо кардам. Вале ҳоло ҳам ҷавоберо, ки интизор будам, намешунидам.

Ман ва Дренда аксар вақт фарзандонамонро ба боғи аълои дилхушӣ бо номи Cedar Point, ки ду соати мошинсавор дуртар аз манзили зисти мо ҷойгир аст, бо худ мебарем. Дар асл, он дар байни боғҳои дилхушии Амрико аз ҳама бузургтарин аст, ва мо одатан ба он ҷо дар як сол ду бор меравем. Ин бегоҳии рӯзи ҷумъа буд, ва саҳарии рӯзи душанбе ман бояд ба саволи он, ки чӣ кор бояд кунам, ҷавоб мегирифтам. Ман фикр кардам, ки беҳтар мебуд, агар диққати худро ба ягон чизи дигар равона кунам ва ба хулосае омадам, ки шомро бо Дренда дар боғи тафреҳӣ мегузаронам.

Вақте ки дар навбат меистодам, ва ҳатто дар бораи қароре, ки бояд саҳарии рӯзи душанбе қабул мекардам, андеша намекардам, ман пурра фаҳмидам, ки чӣ кор бояд кунам. Ин чун рӯз равшан буд. Рӯҳулқудс бо ман сӯҳбат кард, ва ман бо ширкати пештара мондам. Ширкати нави намояндаи савдо пас аз якчанд моҳ муфлис шуд.

Ҳамин тариқ калиди асосӣ барои муваффақият ин аст – дуо кунед! Ва дар Рӯҳ зиёд дуо кунед, то ки ҳама кор хуб пеш равад, ва шумо қарорҳои дуруст қабул кунед, ва ҳамчунин стратегияҳои махфиеро, ки барои ғалаба ба шумо зарур аст, пай баред.

*“Пайваста дуо гӯед”* (1 Тас. 5:17).

БОБИ 7

# САНДУҚ БО ГАНҶҲО

Ман он рӯзеро, ки бо Дэн аввалин бор вохӯрдам, дар ёд дорам. Ӯ дар як канори калисо, дар қатори охирин, бо ҷияни ман Ҷеннифер истода буд. Баъдтар фаҳмидам, ки онҳо бо ҳам вомехӯранд. Аммо тавре ки ман аз рӯи қиёфаи Дэн фаҳмидам, ӯ аз муҳите, ки ӯро иҳота мекард, қаноатманд набуд. Дар асл ӯ худро хеле ногувор ҳис мекард. Баъдтар ман фаҳмидам, ки калисои мо аз калисои мазҳабие, ки ӯ ташриф меовард, каме фарқ доштаст. Аммо вақте ки ӯ дар бораи Подшоҳии Худо омӯхтанро сар кард, ором шудан гирифт ва ниҳоятан бо ҷияни ман издивоҷ кард.

Дар он вақт Дэн ба кишоварзӣ машғул буда, дар маркази Оҳайо дар майдони қариб 1400 акр (560 гектар) кишт мекард, ва корҳояш на чандон хуб буданд. Феълан ӯ фоида ба даст намеовард ва хеле ба ташвиш афтода буд. Вале азбаски ӯ оиди Подшоҳии Худо ва роҷеъ ба он, ки Рӯҳулқудс ёрӣ дода метавонад, шуниданро идома медод, боре ба назди Ҷеннифер омада, гуфт: "Ман мехоҳам, ки хайротамонро ду баробар зиёд кунам". Ҷеннифер ба ҳайрат омад, вале хеле хурсанд шуд. Онҳо ҳамин тавр ҳам карданд.

Ҳамон сол ҳосили онҳо дар ҳамон майдони 1400 акр назар ба соли гузашта 128 фоиз зиёдтар шуд. Ҳосил он қадар зиёд шуд, ки онҳо бо пули нақд мошини нав ва боз як ферма хариданд, ва ин маънои онро дошт, ки барои соли оянда майдони кишт зиёд мешуд. Дэн хеле дар ҳаяҷон буд! Ӯ гуфт, ки ба падари вай 10 сол лозим мебуд, то барои ин фермаи нав пардохт кунад, вале ӯ бошад, барои он ҳамту бо пули

нақд пардохт кард. Бинобар ин ман аз Дэн хоҳиш кардам, то нақл кунад, ки чӣ рӯй дод.

Чуноне ки маълум шуд, пас аз он ки Дэн ва Ҷеннифер хайроти худро ду баробар зиёд карданд, онҳо дуо карда, аз Худо дархост намуданд, ки чӣ кор кунанд. Дэн нақл кард, ки боре, ҳангоми мураттаб кардани маҷмӯи муқаррарии почта, ки ҳамарӯза асосан эълонҳои таблиғотиро барои кишоварзон мегирифт, вай варақчаеро, ки ҳаҷмаш се ба панҷ буд, ба сатили партов андохт, вале дарҳол эҳсос кард, ки аз нав онро баргардонад. Дар ин варақча ягон чизи махсус набуд, фақат эълони навбатии ким-кадом таҷҳизоти кишоварзӣ. Кишоварзонро барои маҷлиси машваратӣ даъват мекарданд, ки омада, ин асбобро муҳокима кунанд.

Дэн хоҳиши аҷиби ба он ҷо рафтанро ҳис кард ва ба вохӯрӣ омада, асбоби эълоншударо харид. Ин дар бозор маҳсулоти наве буд, ки ба ҷараёни кишт, яъне ба ҷойгиркунии тухмиҳо ва тайёр кардани хок кӯмак мекард. Дэн кӯшиш кард, ки ба ман асосҳои илмии самаранокии ин таҷҳизотро дар баланд бардоштани ҳосилнокӣ фаҳмонда диҳад, аммо ман дар ними сӯҳбат сарриштаи суханро гум кардам. Ба ҳар ҳол, муҳим он буд, ки худи ӯ ҳама чизро бифаҳмид. Дэн гуфт, ки дар ҳамон вақт ӯ дуюмин кишоварз дар Оҳайо буд, ки ин асбобро харид. Хайр, ин асбоби майдаяк кори худро кард, ва дар натиҷа ҳосилнокӣ 128 фоиз зиёд шуд. Дэн боз бештар замин гирифт, ва ҳоло ӯ дар ҳазорҳо акр киштукор мекунад. Акнун ӯ бисёр ҳикояҳое дорад, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс ба вай барои қабул кардани қарорҳо кӯмак кард. Ин қарорҳо рушди босуръатро ба ӯ таъмин карданд, ва ин берун аз тасаввуроти ӯ буд.

Чӣ тавр Дэн фермаеро, ки хуб кор намекард, ба фермае табдил дод, ки фоидаи зиёд меорад? Ӯ ба тавсияҳои маслиҳатгари худ, Рӯҳулқудс, гӯш дод. Мутаассифона, аксар масеҳиён, ин ҳикояро шунида, ҳатто тасаввур карда наметавонанд, ки чӣ тавр ин рӯй дод, ва маҳз барои ҳамин ман навиштани ин китобро лозим донистам. Не, аксари масеҳиён бузургии Худоро ситоиш мекунанд, эътироф мекунанд, ки ин маҳсули дасти тавонои Худо буд, аммо дар бораи он, ки чӣ тавр

онро такрор кунанд, андаке ҳам тасаввурот надоранд. Дар натиҷа мо як зумра масеҳиёнеро мушоҳида мекунем, ки дар Худо ноумед шудаанд ва барои ҳамаи нокомиҳои худ Ӯро айбдор медонанд. “Худо дар куҷост? Ман намефаҳмам, ки чаро Худо ба ман кӯмак накард”, – ана ин суханоне ҳастанд, ки ман бисёр вақт мешунавам.

Умедворам, ҳоло шумо мефаҳмед, ки Подшоҳии Худо аз рӯи қонунҳо кор мекунад, на аз рӯи раҳм. Худо интихоб намекунад, ки киҳоро баракат диҳад ва киҳоро баракат надиҳад. Дэн яке аз баргузидагони Худо намебошад ва барои Худо ӯ назар ба шумо зиёдтар писандида нест. Шумо ҳам дар Подшоҳии Худо дорои ҳамон ҳуқуқҳои қонунӣ ҳастед, ки Дэн дорад. Тавре ки ҳар шахс ҳаққи кишт кардан ва ҳосил гирифтан дорад, ҳамчунон Подшоҳии Худо низ барои ҳар як нафаре, ки қонунҳои Подшоҳиро истифода бурда метавонад, кор мекунад. Шумо узви хонаи Худо ҳастед ва шаҳрванди Подшоҳии бузурги Ӯ мебошед ва ба ҳар чизе, ки дар Ӯ мавҷуд аст, дастрасӣ доред.

Иҷозат фармоед, то нақл кунам, ки чаро ин қадар шумораи зиёди фарзандони Худо дар ҳаёт ноком мешаванд. Онҳо намедонанд, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад, ва намедонанд, ки чӣ тавр ба овози Рӯҳулқудс гӯш диҳанд.

> *Худованд, ки Раҳокунандаи ту ва Қуддуси Исроил аст, чунин мегӯяд: “Ман Худованд Худои ту ҳастам ва туро таълим медиҳам, ки ба худат фоида бирасонӣ, ва туро ба роҳе ҳидоят менамоям, ки бояд бо он биравӣ”.*
>
> – Ишаъё 48:17

Муваффақияти Дэн на он чизе аст, ки худи Дэн фикр карда баромада бошад. Ин стратегияи нотакрори Рӯҳулқудс аст, ва ин стратегия ба туфайли он зоҳир гардидаст, ки Дэн барои истифода бурдани қонунҳои Подшоҳӣ чораҳои лозимаро ба кор бурдааст ва якҷоя бо ҳамсари худ овози Рӯҳулқудсро шунида, барои иҷрои нақшаи худ кӯмаки Ӯро қабул кардааст. Мехоҳам, ки шумо ин нуктаро барои худ қайд кунед.

# РӮҲУЛҚУДС НАҚША ДОРАД!

**Мавҷуд будани нақша тавонотар аз ҳар чизи дигар аст. Бе нақша расми дар хаёлот кашидашуда – ин танҳо орзу, вале бо нақша орзуро амалӣ кардан мумкин аст.**

Оила метавонад хонаи олиро бо утоққҳои зиёди хоб, бо меҳмонхонаҳои барҳаво, ошхонаи калони замонавӣ ва ороиши зебо тасаввур кунад. Аммо дар ин марҳила, ин танҳо орзу, тасвир аст. Ин тасвири хаёлиро ба коғаз кӯчондан ва баъд ба тарҳ, нақша табдил додан лозим аст. Вақте ки бинокор нақша дорад, бино сохтан мумкин аст. Бо ким-кадом сабабе аксари масеҳиён, тавре ки инро ман ном мегирам, менталитети қуттии почтаро нигоҳ медоранд. Вақте ки онҳо дуо карда, аз Худо пулеро, ки ба он эҳтиёҷ доранд, талаб мекунанд, чи тавре ки Дэн талаб кард, онҳо ҳамту пайдошавии ин пулҳоро дар қуттии почта интизор мешаванд, бадтар аз ин, интизор мешаванд, ки касе онро ба онҳо медиҳад. Онҳо дар бораи ҷараён ҳеҷ гуна тасаввуроте надоранд.

Бале, дар аввал шумо бояд тасвире дошта бошед. Аммо барои дар амал татбиқ намудани чизҳое, ки шумо фикру хаёл кардаед, фурсате мавҷуд аст, ки аз он лаззат бурда метавонед. Ҷавоб – ин нақша ё стратегияе, ки ба амал татбиқ кардан зарур мебошад. Иҷозат диҳед, ки мисол биёрам. Агар ман ба шумо мегуфтам, ки ман мушкилоти молиявии шуморо зуд ҳал мекунам, ва бо мақсади он ки чӣ тавр рафтор карданро ба шумо мефаҳмонам, аз шумо хоҳиш мекардам, ки қаламу коғаз муҳайё кунед, шумо коғазу қаламро ба даст гирифта, ба шунидани ҷавоб тайёр мешудед. Дар идома ман гуфта метавонистам, ки барои аксар одамоне, ки ин китобро мехонанд, он чизе, ки ман ба шумо гуфтанӣ ҳастам, эҳтимол, шуморо аз мушкилоти молиявӣ ва аз қарзҳо то охири сол раҳо мекунад. Акнун шумо дасти худро каме сахттар мефишоред ва саъю кӯшиш мекунед, то он чиро ки ҳоло ман мегӯям, ношунида намонед.

Дар асл ҷавоб хеле осон аст, мефаҳмонам ман. Ҳамту дар ин сол ба маблағи 10 миллион доллар фоидаи соф ба даст меоред. Шумо,

эҳтимол, дар як лаҳза ба ман назар меандозед, ва сипас қиқир-қиқир карда, механдед. Аз рӯи хандаи шумо ман гумон мекунам, ки 10 миллион доллар кифоя нест, бинобар ин илова мекунам: “Хайр, агар ин ҳам кифоя набошад, пас ҳамту 25 миллион доллар кор мекунед”. Акнун шумо аллакай на танҳо қиқир-қиқир карда механдед, балки бо тамоми овоз қоҳ-қоҳ зада, ба хандидан сар мекунед. Барои чӣ? Иҷозат диҳед, то чизеро, ки ҳозир рӯй дод, нақл кунам. Аксари одамон бо 10 миллион доллар аз қарзҳои худ халос шуда метавонистанд, вале қиқир-қиқир мекунанд, зеро ҳамту ба худ тасаввур карда наметавонанд, ки ягон вақт дар як сол 10 миллион кор карда метавонанд. Мисоли дигар бо 25 миллион доллар танҳо хандаро ба бор меорад, чунки ин аз тасаввуроти онҳо оиди имкониятҳояшон он қадар дур аст, ки ҳамту хандаовар аст.

Вале фарз кардем, ки ман ширкати содиротӣ дорам ва пешниҳод мекунам, ки барои ҳар як тӯбе, ки ба сабад андохта, баъд барои фиристодан бо скотч мечаспонед, 1000 доллар медиҳам. Фарз кардем, ки шумо қариб 500 қуттиро дар як рӯз тайёр мекунед, ва ман ҳамчунин бо назардошти ҳамон суръат барои 12 моҳ бо шумо шартнома мебандам. Ин барои мисол хеле муболиғаомез аст, вале барои фаҳмидани он чизе, ки ман мегӯям, ба шумо ёрӣ мерасонад.

Акнун, агар фарз кунем, ки шумо дар ҳақиқат шартнома доред, ва ман низ он чиро ки пештар гуфта будам, изҳор кунам, – яъне ҷавоби молиявии шумо аз он иборат аст, ки дар давоми соли оянда 10 миллион доллар фоидаи соф ба даст меоред, аксуламали шумо чӣ гуна мешавад? Акнун ҳеҷ гуна писхандзаниҳо ба вуқӯъ намеояд. Ба ҷои ин садоҳои шодӣ ва рӯҳбаландии азиме танинандоз мешуданд. Барои чӣ? Чунки мутобиқи ин шартнома 10 миллион доллар кор кардан осон мешавад. Дар асл ҳатто 25 миллион доллар кор кардан осон мешуд, ва 100 миллион доллар кор кардан пурра имконпазир мебуд. Чӣ дигар шуд? Танҳо як чиз – шумо нақша доред. Ба мисли он ки ман пештар гуфтам, ҳар кас моҳӣ дошта метавонад, агар Исо ба ӯ нишон диҳад, ки чӣ тавр ва ба куҷо тӯр андозад. Дар ин маврид низ ҳамин тавр аст. Тавре ки мебинед, ҳамон лаҳза ки дар шумо нақшае

пайдо шавад, ки имкони амалӣ кардан дорад, проблемаи шумо ҳал мешавад.

> *“Зеро фикрҳоеро, ки Ман дар бораи шумо дорам, Ман медонам, — мегӯяд Худованд, — фикрҳое ки ба осоиштагӣ оид аст, на ба бадӣ, то ки ба шумо оянда неки ва умедворӣ бибахшам” (Ирм. 29:11).*

Иҷозат диҳед, ки инро такрор кунам – фикр мекунам, ки шумо инро бояд аз нав бишнавед – дар Худо нақшаи ШУМО вуҷуд дорад!

Чанд моҳ пештар ман дар калисое, ки семинарҳо мегузаронидам, ба дидори яке аз шариконам мушарраф шудам. Вай дар охири ибодат бо савол ё, аниқтараш, бо изҳороте ба назди ман омад. “Ҳеҷ натиҷае ҳосил нашуд! Ман барои сайди гавазни нарина бо шавҳарам аҳд баста, тухмӣ кишт кардам, вале шикорам барор нагирифт”. Ӯ ба ман нақл кард, ки чӣ тавр ба гавазни наринаи мушаххас ва сайди бобарор тухмӣ кошт.

**ИҶОЗАТ ДИҲЕД, КИ ИНРО ТАКРОР КУНАМ – ФИКР МЕКУНАМ, КИ ШУМО ИНРО БОЯД АЗ НАВ БИШНАВЕД – ДАР ХУДО НАҚШАИ ШУМО ВУҶУД ДОРАД!**

Он гоҳ ман бештар савол додан гирифтам ва ниҳоят пурсидам, ки оё вай баногоҳ ҳангоми шикор гавазнро дида буд. Зан ҷавоб дод: “Бале, маҳз ҳамон гуна гавазне, ки барояш кишт карда будам, омада, дар паҳлӯи ман дар масофаи беҳтарин барои нишонгирӣ рост истод”.

Баъд аз ин суханон ман андаке ба ҳайрат афтодам, аз ин рӯ аз зан пурсидам, ки баъд чӣ шуд. Вай гуфт, ки гавазнро ба нишон гирифт, вале аз рафиқаш хоҳиш кард, ки аз милтиқи ӯ парронда бинад, ва, бо гумони он, ки вай ин корро кард, худи ӯ насанҷид ва иштибоҳ кард. Барои ман ҳама чиз куллан фаҳмо шуд. Тааҷҷубовар аст, ки чӣ тавр ӯ асли воқеаро дарк накард.

Ман фикр мекунам, ки аксари имондорон дар ҳамон гуна ҳолат қарор доранд. Бо ягон сабабе онҳо дар вақти дарав ҷараён ва нақшаи

худро намедонанд. Ман маҷбур будам, то ба вай бифаҳмонам, ки Худо ҳиссаи Худро иҷро кард, вале вай ҳиссаи худро сарфи назар намуд. Мебинед, Худо метавонад ба шумо нақша диҳад, аммо ба шумо лозим аст, ки ҳиссаи худро иҷро кунед, то ки ба натиҷа ноил шавед. Шумо ва Худо якҷоя амал мекунед!

> *Боз Малакути Осмон монанди ганҷест, ки дар киштзор НИҲОН бошад, ва онро касе ёфта, пинҳон кард, ва аз шодии он рафта, ҳар чи дошт, фурӯхт ва он киштзорро харид.*
>
> – Матто 13:44

Дар ин ҷои Навиштаҷот ҳақиқатҳои Подшоҳӣ хеле зиёданд! Пеш аз ҳама, биёед ганҷро муайян мекунем. Тибқи луғат, ганҷ – ин чизи қимат ва пурарзиши мулкӣ. Аз ин рӯ шарт нест, ки ганҷ бояд порае аз тилло бошад; ин чизе буда метавонад, ки худи ҳозир ба шумо даркор аст. Ҳамин тариқ, ин ҷои Навиштаҷот мегӯяд, ки Подшоҳии Худо ба ганҷ монанд аст, ё гуфтан мумкин, ҳар чизе, ки дар ҳаёт ба шумо лозим аст, дар ин Подшоҳӣ ҷойгир шудааст. Пас Подшоҳӣ дар куҷо ҷойгир шудааст? Дар ин ҷои Навиштаҷот Исо мегӯяд, ки он дар киштзор ниҳон аст. Магар шумо донистан намехоҳед, ки киштзор дар куҷо аст? Хуб, хабари хуш аз он иборат аст, ки Исо дар куҷо будани киштзор ва ганҷи дар он пинҳон кардашударо гуфтааст.

Агар мо ба масали Исо оиди кишткунанда, ки дар боби 4-уми Инҷили Марқӯс навишта шудааст, нигоҳ кунем, он гоҳ мебинем, ки Исо дар бораи он таълим медиҳад, ки чӣ тавр дар қалби инсон имон тавлид мешавад. Дар он Ӯ шабоҳатро ба кор бурда, рӯҳи инсонро ба замин ва Каломи Худоро ба тухмие, ки ба замин кошта шудааст, монанд мекунад. Ҳамон шабоҳатро кор фармуда, тахмин кардан мумкин аст, ки замине, ки дар боби 13-уми Инҷили Матто зикр карда шудааст, айни ҳамон мафҳум, яъне Рӯҳи инсонро дошта метавонад. Як лаҳза фориғ шуда, ёдрас кардан мехоҳам, ки дар боби 6 мо чиро ёд гирифтем: вақте ки мо аз олами боло таваллуд мешавем, рӯҳи инсонии мо бо Рӯҳи Худо як мешавад, ва ба мо имкон медиҳад, ки

андешаҳои Худоро сарфаҳм равем. Аз ин рӯ, ганҷе, ки дар киштзор ниҳон аст, тамоман бо мо маҳдуд нест, вале ҳар чизеро, ки аз Худост, дар бар мегирад, чунки мо бо Ӯ дар Рӯҳ як ҳастем.

> *Аммо, чунон ки навишта шудааст: «Он чиро, ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст». Вале ба мо Худо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор сохтааст; зеро ки Рӯҳ ҳама чизро, ҳатто умқҳои Худоро пай мебарад. Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи инсон, ки дар ӯст? Ҳамчунин он чиро, ки дар Худо ҳаст, ҳеҷ кас намедонад, ба ҷуз Рӯҳи Худо. Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем, ки аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем.*
>
> – 1 Қӯринтиён 2:9-12

Ва баъд дар Номаи якум ба Қӯринтиён 2:16 илова карда мешавад, ки мо хиради Масеҳро дорем! Дар Инҷили Луқо Исо тасдиқ мекунад, ки ин ганҷ дар куҷо ҷойгир шудааст:

> *Малакути Худо тавре намеояд, ки ба назар намоён шавад... Зеро инак, Малакути Худо* ***дар дохили шумост.***
>
> – Луқо 17:20, 21

> *Оё намедонед, ки ҷисмҳои шумо маъбади Рӯҳулқудс аст, ки Он дар шумо сокин аст, ва Онро шумо аз Худо ёфтаед, ва шумо аз они худатон нестед? Зеро ки шумо ба нархи гарон харида шудаед. Пас, дар ҷисмҳои худ ва дар ҷонҳои худ Худоро ҳамду сано кунед, ки онҳо ба Худо тааллуқ доранд.*
>
> – 1 Қӯринтиён 6:19, 20

Ҳамин тариқ, иҷозат диҳед, то он чиро ки гуфтанӣ ҳастам, хулоса кунам.

## ДАР ТУ ГАНҶ НИҲОН АСТ!

То чӣ андоза ганҷи пурарзиш? Ганҷе, ки аз ҳаргуна орзуҳои наҷиб афзалтар аст! Ганҷи бепоён!

> *Ӯро, ки бо қуввате ки дар мо амал мекунад, қодир аст аз ҳар он чи мо мехоҳем ё фикр мекунем, беандоза зиёдтар бикунад.*
>
> – Эфсӯсиён 3:20

Акнун ба мо лозим мешавад, ки ба таври дигар омода бошем. Ин ганҷ бузургтар аз он аст, ки мо тасаввур карда метавонем! Маъмулан, вақте ки ба мо чизе лозим аст ё ба кӯмак ниёз дорем, мо худро ба он одат мекунонем, ки ҷавобро дар берун ҷустуҷӯ кунем. Аммо акнун Рӯҳулқудс, Худи Худо, дар мо зиндагӣ мекунад, ва Ӯ мададгори мо аст. Мо аллакай муҳокима кардем, ки чӣ тавр дуо дар Рӯҳ ё дуо бо забонҳои ғайр панду ҳикмат медиҳад ва асрорро ҳувайдо месозад. Вале ба бисёр шахсон фаҳмидан душвор аст, ки чунин кӯмак то чӣ андоза пурарзиш буда метавонад, ё Худо воқеан дар ҳар як соҳаи ҳаёт барои онҳо посух додан мехоҳад.

Аммо вақте ки шумо аз олами боло таваллуд шудед, сокини ҳаққонии хонаи Худо ва шаҳрванди Подшоҳии бузурги Ӯ гардидед. Ӯ аллакай ҳама чизеро, ки дар Ӯ маҳфуз аст, ба мо додааст! Воқеан дар Инҷили Луқо 12:32 гуфта шудааст, ки барои тарсу ваҳм ҳеҷ асосе мавҷуд нест, зеро Падар таваҷҷӯҳ намудааст, ки Малакутро ба шумо ато кунад. Чӣ гуна Малакут? Малакути Ӯ!

> *«Натарс, эй рамаи хурд! Зеро ки Падари шумо таваҷҷӯҳ намудааст, ки Малакутро ба шумо ато кунад» (Луқ. 12:32).*

Ин ҳама акнун аз они шумо аст, дӯсти ман, тамоми Подшоҳӣ. Худо ба он чизе, ки аллакай ба шумо додааст, чизе илова карда наметавонад. Шумо аллакай ҳама чизро доред! Бисёр одамон фикр мекунанд, ки

**ИН ҲАМА АКНУН АЗ ОНИ ШУМО АСТ, ДӮСТИ МАН, ТАМОМИ ПОДШОҲӢ. ХУДО БА ОН ЧИЗЕ, КИ АЛЛАКАЙ БА ШУМО ДОДААСТ, ЧИЗЕ ИЛОВА КАРДА НАМЕТАВОНАД. ШУМО АЛЛАКАЙ ҲАМА ЧИЗРО ДОРЕД!**

агар Худоро барои дахолат кардан ба ҳаёти рӯзмарраи худ водор созанд, Ӯро нороҳат мекунанд. Агар ман ба шумо мегуфтам, ки шумо шаҳрванди Иёлоти Муттаҳида ҳастед, ва шумо ҷавоб медод: "Хайр, намедонам. Агар ман дар ин ҷо мағоза мекушодам, агар ҳамаи қонунҳои кишварро, ки барои кушодани бизнес ба ман дар ин ҷо имкон медоданд, истифода бурдан хоҳам, аз он метарсидам, ки ба касе халал эҷод мекунам". Ҳамчун шаҳрванд, шумо метавонед ҳамаи қонунҳоро истифода баред ва дорои ҳамаи афзалиятҳое мебошед, ки ин кишвар ба шумо пешниҳод мекунад. Ҳамаи онҳо аз они мо мебошанд! Вақтро ғанимат донед. Ҳамаи афзалиятҳоеро, ки тибқи қонун ба шумо дода шудаанд, ба даст оред!

**Барои чӣ Подшоҳии Худо ба ганҷ монанд карда мешавад?**

Чунки агар шумо ба донишҳои осмонӣ дастрасӣ дошта бошед, стратегияҳои нотакрор ва ғайриоддиеро, ки Худо ба шумо додааст, истифода бурда, хоҳед донист, ки дар ҳар вазъият чӣ хел рафтор кунед. Пурра халосӣ ёфтан аз қарзҳо баробари он аст, ки дар ҳавои соф озод нафас мекашед, ва ҳаёт комилан накҳати тоза мегирад. Бо пули нақд барои 55 акр (22 гектар) замин пардохт кардани мо мӯъҷиза буд, чун хоб буд, ҳайратовар буд. Вале ба ҳар ҳол ба мо хонае дар қитъаи замин лозим буд. Мо аз тарзҳои сохтани бино комилан бехабар будем ва намедонистем, ки аз чӣ оғоз кунем. Вале мо ба дуокунӣ шурӯъ кардем, ки ЧӢ ТАВР хонаи ба мо лозимаро дар қитъаи худ пайдо кунем. Мо ба Рӯҳулқудс такя карданро зарур шуморидем, то ки Ӯ ба мо мадад кунад.

Мо қарздор шудан нахоста, ба омӯзиши усулҳои ғайрианъанавии сохтмони хона сар кардем. Як роҳи ба даст овардани хона бо нархи арзон ин сохтани хонаи модулӣ буд. Хонаи модулӣ – ин трейлер набуда, балки дар завод қисм ба қисм сохта, ва баъд дар қитъаи

шумо сарҷамъ карда мешавад. Ин хонаҳо дорои сифати ҳамон гуна хонаҳое мебошанд, ки аз чӯбу тахта сохта мешаванд, вале ба туфайли усулҳои самараноки сохтмонӣ, ки дар завод ба кор бурда мешавад, нархашон арзонтар мебошанд. Ҳамин тариқ, мо ду ё се ширкати махсусгардонидашудаи хонаҳои модулиро дида баромадем, ва моделҳои пешниҳодкардаи онҳоро омӯхтем. Пас аз омӯхтан ва дида баромадани хонаҳо, мо тасмим гирифтем, ки маҳз бо ҳамин роҳ равона мешавем, ва ширкат ва моделеро интихоб кардем, ки ба андешаи мо ба хонаи боҳашамат табдил хоҳад ёфт. Мо тайёр будем, баъди баргаштан аз анҷуман оид ба таълими хонагӣ, ки ба он моро барои баромад кардан дар Вирҷиния даъват карда буданд, шартнома имзо кунем. Мо тасмим гирифтем, то барои муҳокима кардани ҷузъиётҳое, ки мо аз онҳо бехабар монда метавонистем, нақшаҳоро бо худ гирем, ва вақте ки ба хона бармегардем, пеш аз имзо кардани шартнома, боварӣ ҳосил кунем, ки қарорҳоямон дуруст аст.

Ман дар хотир надорам, чӣ хел шуд, ки моро барои баромад кардан ба анҷумане таклиф карданд, ки дар Вирҷиния доир мегардид, вале ҳангоми дар он ҷо буданамон ба мо пешниҳод карданд, ки дар хонаи яке аз оилаҳое, ки ба таълими хонагӣ машғул буданд, биистем. Ба хонаи зебои онҳо, ки бо усули ҷанубӣ сохта шуда буд, омада ва бо дӯстони нави худ шинос шуда, мо дар бораи он сӯҳбат кардем, ки хонаи онҳо чӣ қадар боҳашамат аст. Дар ҷараёни сӯҳбат мо фаҳмидем, ки онро худи онҳо сохтаанд. Дар аввал ман ба ҳайрат афтодам.

- Чӣ, шумо бинокор ҳастед? – пурсидам ман.
- Не, – ҷавоб доданд онҳо.

Падари хонавода ба мо хабар дод, ки ба ҳайси муҳосиб дар ширкати калони маҳаллӣ кор мекунад.

- Пас, аз куҷо донистед, ки хонаи худро ҳамин тавр созед? – пурсидам ман.

Онҳо доир ба ҷиҳатҳои гуногун сухан ронданд, ва дар ҷараёни

сӯҳбат мо гуфтем, ки мо низ хона сохтан мехоҳем ва баъди баргаштан ба шаҳр шартнома имзо карданӣ ҳастем. Онҳо аз шунидани ин суханон хурсанд шуданд ва дар бораи хонаи нави мо пурсидан гирифтанд. Мо ба онҳо дар бораи Подшоҳии Худо ва дар бораи он ки чӣ тавр ҳаёти мо дигаргун шуд, нақл кардем. Мо ҳикоя кардем, ки чӣ тавр барои 55 акр замин бо пули нақд пардохт кардем ва аз тарк кардани ҳамон хонаи деҳқонӣ чӣ қадар хурсанд будем.

Мо ёдрас кардем, ки бо худ нақшаҳои воқеӣ дорем, ва онҳо пурсиданд, ки оё онҳоро аз назар гузаронида метавонанд. Албатта мо аз шунидани фикри онҳо хурсанд мешудем. Ҳамин тариқ, мо нақшаҳоро гирифта, ба мизи ошхона нишастем ва коғазҳоро паҳн кардем. Хеле зуд соҳибхоназан ба сухан даромада, ким-чиҳо ба мисли “не, ин масоҳат кифоя нест”, ё “ба шумо ошхонаи калонтар лозим аст”, ё “шумо оё фикр кардед, ки вақте фарзандонатон калон мешаванд, бо ин хона чӣ мешавад? Ба шумоён шубонҳо барои фароғат ҷои васеътар лозим аст” барин гапҳо гуфт. Умуман, дар охир онҳо нишон доданд, ки барои чӣ ин хонаро сохтан нашояд, ва мо маҷбур будем, ки бо ҳар далели онҳо розӣ шавем.

- Вале бо ҳамон маблағе, ки мо дорем, чӣ тавр хонаи калонтар созем?
- Хеле осон, – гуфтанд онҳо. – Худатон созед!

Вақте ки ман ин суханонро шунидам, худро базӯр аз ханда кардан нигоҳ доштам. “Ман худам барои худ хона созам?” Чуноне ки аллакай гуфта будам, ман дар бораи хонаҳо ҳеҷ чиз намедонистам. Аммо онҳо моро рӯҳбаланд карда, гуфтанд, ки ин кор он қадар мушкил нест. Онҳо китоби Уоррен В. Ҷегерро бо номи “Пудратчии асосии худ шуда, то 50 000 доллар сарфа кунед: Чӣ тавр ба нақша гирифтан, пудратҳои ғайриасосиро ба кор андохтан ва хонаи орзуи худро сохтан мумкин аст” барои хондан тавсия карданд.

Бинобар ин, ба хона баргашта, мо тасмим гирифтем, ки барои сохтани хонаи модулӣ шартнома имзо намекунем. Мо китобро фармоиш додем ва ҳар боби онро мулоҳизаронӣ карда, хондем.

Мо ҳамчунин нақшаҳои хонаҳоеро, ки аз рӯи фармоиш сохта шуда буданд, ба омӯхтан сар кардем. Ниҳоят, мо нақшаи хонаеро ёфтем, ки ба мо писанд омад, ва қадам ба қадам ба дида баромадани он сар кардем. Мо бо дӯстон ва шиносҳоямон, ки низ худашон хонаҳо сохта буданд, сӯҳбат кардем. Дар натиҷа ба хулоса омадем, ки мо ин корро карда метавонем! Мо нақшаҳои сохтмонро аз назар гузаронидем ва аз худ пурсидем: “Мо худамон чӣ кор карда метавонем, то ки хонаро ба буҷети худ мувофиқ созем?” Мутааҷҷибона, ман қарор додам, ки ба тамоми хона ноқилҳоро гузаронида метавонам, гарчанде дар умри худ боре ҳам ноқили 12/2-ро ба даст нагирифта будам. Як дӯстам, ки ба кори ноқилҳо сарфаҳм мерафт, гуфт, ки ин осон аст ва ба ман чӣ тавр кашидани ноқилҳоро нишон медиҳад.

Азбаски ман ба кори худ банд будам, Дренда тасмим гирифт, ки худи вай пудратчии асосӣ мешавад ва бо пудратчиҳои ғайриасосӣ кор мекунад. Мо барои сохтани чаҳорчӯбаи хона пурдратчӣ ёфтем, боқимондааш ба мо вобаста буд. Сипас рӯзҳои пуршиддат, вале ҳаяҷонбахши ҳаёти мо фаро расиданд. Хулоса, мо хонаеро сохтем, ки масоҳати он назар ба хонаи модулии пешбинишуда ду баробар зиёд аст. Мо дарҳои чӯбини сахт, фаршҳои паркетӣ, зеҳтахтаҳои чӯбини сахт, аз рӯи фармоиш мебели зебои ошхона бо ҷиҳози нави маишӣ аз пӯлоди зангногир доштем. Мо ҳисоб кардем, ки хонаро худамон сохта, 200 000 доллар сарфа кардем!

Ҳоло ман хеле хушбахтам, ки барои тарҳрезӣ кардани нақша аз Рӯҳулқудс кӯмак талабидем. Натиҷаи заҳмати мо аз ҳар чизе, ки орзу карда будем, чандин маротиба афзалтар ҳастанду афзалтар хоҳанд буд. Аз рӯзе, ки Худо ҳамон сафарро ба Вирҷиния фароҳам овард ва моро бо ҷуфте, ки ба наздикӣ сохтмони хонаи худро ба анҷом расонида буданд, вохӯронид, то ҳол шукргузорию ҳаяҷон қалби маро тарк намекунад. Ман мутмаинам, ки агар ин вохӯрӣ рух намедод, мо, эҳтимол, хонаи модулӣ месохтем. Ман намегӯям, ки хонаи модулӣ барои як замоне ҳалли масъала шуда наметавонист, балки он баъди андак вақт ба мо тангӣ мекард. Хонае, ки мо сохтем, то ҳол барои ман мисоли он аст, ки Рӯҳулқудс ба шумо дар ҳар вазъият ёрӣ медиҳад,

нақша дода, роҳнамой мекунад, ки болотар аз интизориҳои шумо аст!

Ҳамин тавр, иҷозат диҳед, ки бори дигар таъкид кунам...

**Дар Худо нақшаи ШУМО вуҷуд дорад!**

Аммо шумо гуфта метавонед: "Гэри, ҳамаи ин хуб аст, вале дар Инҷили Матто 13:44 гуфта шудааст, ки нақша ниҳон аст!" Бале, ҳамин тавр аст, ва ин ба фоидаи шумо аст. Нигоҳ кунед, ки дар ҷои дигари Инҷили Матто Исо чӣ мегӯяд:

> *Ва шогирдонаш омада, ба Ӯ гуфтанд: "Чаро ба онҳо бо масалҳо сухан мегӯӣ?" Дар ҷавобашон гуфт: "Чунки* ***ба шумо донистани*** *асрори (чизҳое, ки ниҳон ҳастанд) Малакути Осмон ато шудааст, лекин ба онҳо ато нашудааст".*
>
> – Матто 13:10, 11

Ин дониши махфӣ барои шумо пешбинӣ шудааст, на барои шайтон ё одамони бадкирдор, ки онро барои бадкорӣ истифода бурда ё ба нақшаҳои Худо монеа эҷод карда метавонистанд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки агар шайтон пайхас кунад, ки Худо чӣ кор кардан мехоҳад, вай тактикаашро дигар мекунад.

> *Балки дар бораи ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст, ки онро ҳеҷ яке аз мирони ин ҷаҳон надонист; зеро,* ***агар медонистанд, Худованди ҷалолро маслуб намекарданд.***
>
> – 1 Қӯринтиён 2:7, 8

Ман доимо мегӯям, ки асрори Худо барои шумо ниҳон карда шудаанд, на аз шумо! Шайтон дар торикӣ сокин аст ва нақшаҳои Худоро намедонад. Ӯ танҳо ба он коре, ки Худо анҷом медиҳад, эътино карда метавонад. Вақте ӯ мефаҳмад, ки чӣ рӯй дода истодааст, аллакай дер мемонад! Бинобар ин минбаъд, агар шумо ҳанӯз то нимишабӣ ҷавоб нагирифта, андаке асабонӣ мешавед, донед, ки

Худо ҳеҷ гоҳ дер намемонад, ва он чизе, ки ба назари шумо чунин вонамуд мешавад, ки гӯё ба таъхир афтодааст, ба манфиати шумо кор мекунад, ва то даме ки вақти ошкор кардани он фаро нарасад, ниҳон мемонад.

**МАН ДОИМО МЕГӮЯМ, КИ АСРОРИ ХУДО БАРОИ ШУМО НИҲОН КАРДА ШУДААНД, НА АЗ ШУМО! ШАЙТОН ДАР ТОРИКӢ СОКИН АСТ ВА НАҚШАҲОИ ХУДОРО НАМЕДОНАД.**

> *Боз Малакути Осмон монанди ганҷест, ки дар киштзор НИҲОН бошад, ва онро касе ёфта,* ***пинҳон кард,*** *ва аз шодии он рафта, ҳар чи дошт, фурӯхт ва он киштзорро харид.*
>
> – Матто 13:44

Мо муҳокима кардем, ки ин киштзор чӣ аст ва он дар куҷост, ва ҳамчунин чаро ганҷ пинҳон карда шудааст. Мо ҳамчунин муҳокима кардем, ки дар Рӯҳ дуо карда ва овози Рӯҳулқудсро гӯш карда, чизеро, ки дар Подшоҳии Худо ниҳон аст, шунида метавонем. Вале дар ин марҳила боз як принсипи муҳиме ҳаст, ки дар Навиштаҷот оварда шудааст ва онро шумо бояд донед. Сарфи назар кардани он сабаби барбод рафтани бисёр нақшаҳои хубу наҷиб гардидааст ва харобкориҳои зиёдро ба ҳаёти одамон овардааст. Агар шумо мушоҳида карда бошед, дар Навиштаҷот гуфта мешавад, ки агар одам аз Худо оиди ганҷ, идея, роҳнамоӣ ё нақша чизе шунавад, дар як лаҳза онро пинҳон мекунад. Ӯ ЗУД АМАЛ НАМЕКУНАД! Ӯ ба дӯстону ҳамсоягони худ дар бораи он, ки аз Худованд чӣ шунид, ё оиди нақшаҳои нави аҷоибу ғароиби худ нақл намекунад, ба ҳар ҳол, на ба зудӣ. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки вай дониши худро боз пинҳон мекунад, ва рафта, ҳар чизе, ки дошт, мефурӯшад ва баргашта киштзорро мехарад. Ба таври оддӣ, то даме ки ӯ соҳиби ганҷ намешавад, ҷои онро ба касе ошкор кардан намехоҳад. Ӯ интизор мешавад, зеро соҳибият ба ӯ дилпурӣ медиҳад, ки ҳеҷ кас ганҷи ӯро дуздида наметавонад.

Дар Китоби Муқаддас ҳамчунин гуфта мешавад, ки вақте одам аввалин бор ганҷ меёбад, қудрати пардохт кардани онро надорад ва бояд омодагии муайянеро, ки барои ба даст овардани он ганҷ ёрӣ мерасонад, паси сар кунад. Ин принсип аз чаҳорчӯбаи масоили пулӣ ва хариду фурӯши оддӣ хеле берун мебарояд. Агар шумо ба муваффақият ноил шудан хоҳед, ин принсип ба мо чизҳои муҳим ва мутобиқи роҳнамоии Рӯҳулқудс амал карданро меомӯзонад.

Навиштаҷот мегӯяд, ки идея ё роҳнамоиро шунида, то даме ки қобилияти мувофиқро пайдо намекунед, шумо набояд амал кунед. Гумон мекунам, ҳамаи мо ба таври осон дида метавонем, ки ин дар робита бо пул чӣ тавр кор мекунад. Агар барои харидани замин пули кофӣ надошта бошед, шумо, албатта, ба касе намегӯед, ки дар киштзор ганҷ ҳаст. Агар дар ин бора ҳама хабардор мешуданд, мутмаин буда метавонед, ки каси дигар аввалин шуда онро мехарид. Ба ҷои ин шумо рафта, ҳар кори ғайриимконро иҷро мекунед, то ки барои харидани замин пул дарёфт кунед, ва дар айни замон оиди ганҷи пинҳонкардашуда хомӯш мемонед.

Ин принсип барои ҳар гуна роҳнамоӣ ё дастуре, ки Худо ба шумо медиҳад, низ дуруст аст. Масеҳиён бо мақсади зудтар расидан ба ҳадаф, аксар вақт оғозро ба назар намегиранд. Рӯҳулқудс бисёр вақт ба мо идеяеро ошкор мекунад, аммо на барои он ки мо дар ҳамон лаҳза барои амаликунӣ саъй кунем, балки тайёр шавем ва воқеан ҳам аз имконият истифода бурда тавонем. Марҳилаи тайёрии ҳар иқдом – ин қисми аз ҳама муҳимтарини ҷараён. Дар варзиш вобаста ба он, ки то чӣ андоза дастаҳо ҳангоми машқҳо, вақте ки ҳеҷ кас нигоҳ намекунад, ба бозӣ тайёр мешаванд, бозиҳо бо бохт ё пирӯзӣ анҷом меёбанд. Аммо иқрор мебояд шуд, ки машқҳо ҳаловат намебахшанд, онҳо хастакунанда ва пурмашаққат мебошанд. Барои муқоиса, ҳама ҷӯшу хурӯши бозӣ, издиҳоми тамошобинон, шавқу рағбати пирӯзиро дӯст медоранд.

Мутаассифона, агар тайёриро сарфи назар кунем, ин орзуҳо ба дарду ғам мубаддал мешаванд. Шумурда наметавонам, ки ман чӣ қадар одамонеро дидаам, ки аз надонистани ин принсип ҳаёти

худро хароб кардаанд. Ман одамонеро дидаам, ки аз ҷониби Худо даъват шудаанд, тадҳин ёфтаанд, калисо таъсис додаанд, вале азбаски аз ҷиҳати эмотсионалӣ ва молиявӣ ба ин тайёр набуданд, дар охир ба ҷои амалӣ кардани орзу ба нокомӣ мубтало шудаанд. Ман одамонеро дидаам, ки Худо ба онҳо барои бизнес идеяҳо медиҳад, ва онҳо, ба муваффақият дилпур шуда, зуд бе омодагӣ ва санҷиш кори доимии худро тарк мекарданд, ва дар натиҷа ба муфлисӣ гирифтор мешуданд. Аз ин ҳикояҳо аз ҳама таассуфовараш ин аст, ки айб ба дӯши Худо гузошта мешавад, ва одамон на танҳо аз худ ноумед мешаванд, балки аз Худо низ. Ман намефаҳмам, ки чаро одамон гумон мекунанд, ки муваффақият зуд фаро мерасад. Вале ба одамон ҷараёни ноил шудан ба муваффақиятро, ки дар як ҷои оддии Навиштаҷот баён карда шудааст, таълим додан лозим аст.

Одамон ба назди ман омада, мегӯянд: "Эй, шубон, Худо гуфт, ки ин калисои ман аст". Ва дигар ӯро намебинед. "Эй, шубон, Худо ба ман барои бизнес идеяи олиҷаноб дод". Баъдтар мешунавед, ки хонаи ӯ ба фурӯши иҷборӣ гузошта шудаасту мошинаш мусодира гардидааст. Ин НА он чиз аст, ки Худо барои шумо пешбинӣ кардааст.

Вақте ки мо аз Рӯҳулқудс ягон идеяро мешунавем, ин маънои онро надорад, ки бояд зуд амал кунем. Аксар вақт Ӯ моро водор мекунад, ки ин орзуро пинҳон кунем ва барои ба амал баровардани он тайёр шавем. Одатан, мо барои бо муваффақият ба амал баровардани он ҳама чизи заруриро надорем. Вобаста ба он ки Худо шуморо барои иҷрои кадом кор даъват кардааст, тайёрӣ метавонад як ҳафта ё ҳатто солҳо давом кунад. Шумо бояд дарк кунед, ки тайёрӣ ва вақти мувофиқ ҳамчунин муҳим ё ҳатто муҳимтар аз худи идея аст!

Аз рӯи донистанам, ман дар 19-солагӣ барои мавъизаи Инҷил даъват шуда будам. Ба ман рӯъёи ошкоро намудор шуд, ки дар он ман худро бо Китоби Муқаддас дар даст дидам, ва Худованд се бор гуфт: "Ман туро барои мавъиза кардани Каломи Худ даъват мекунам". Ин таассуроти хеле воқеӣ ва қавӣ буд. Аммо Худо ба ман нагуфт, ки ҳамон лаҳза рафта, мавъиза кунам. Ба ҷои ин Ӯ ба ман фармуд, ки ба коллеҷ равам. Мебинед, қариб буд, ки ман бо 1,3 хол

аз мактаб хориҷ шавам. Ғайр аз ин, ман хеле шармгин будам ва аз муносибат бо одамон канораҷӯӣ мекардам. Иҷозат диҳед, ки ба таври возеҳ баён кунам. Ман барои ғамхорӣ зоҳир кардан ба одамон ҳатто андаке ҳам таҷриба надоштам! Бинобар ин ба коллеҷ рафтам, ва ин душвор буд, хеле душвор, аммо ман сабру тоқат зоҳир карда, курси чорсоларо хатм намудам.

Пас аз хатми коллеҷ ба андешаи он афтодам, ки оё барои ман вақти мавъиза кардан фаро расид ё не. Аммо Худо фармуд, ки дар ширкати молиявии маҳаллӣ ба кор дароям. Ин ширкат ба фурӯши суғуртаҳо ва коғазҳои қиматбаҳо машғул буд. Гарчанде ин барои ман ягон аҳамияте надошт, ман медонистам, ки ин овози Худо аст, ва ба кор дохил шудам. Ин кор назар ба таҳсил дар коллеҷ боз ҳам душвортар буд. Ман маҷбур будам, ки тамоми рӯз занг занам ва бо одамон муносибат карданро омӯзам. Бо фоизҳои комиссионӣ низ зиндагӣ кардан осон набуд, ва, росташро гӯям, ман ҳар рӯз аз кор озод шудан мехостам, аммо медонистам, ки наметавонам.

Ниҳоят, пас аз якчанд сол ман дар кори худ ба муваффақият ноил шудам. Илова бар ин, ман ва Дренда филиаламонро аз 5000 филиалҳои ширкат дар саросари кишвар беҳтар гардонидем.

Маҳз ҳамон вақт Худо ба ман гуфт, ки вақти таъсиси калисо фаро расид. Дар он вақт ман 40 сола будам. Ба Худо 21 сол лозим шуд, то ки маро барои татбиқи рӯъёе, ки дар 19-солагиам дода буд, тайёр кунад. Вақте ки ман ҳамчун шубон ба кор сар кардам, фаҳмидам, ки чаро ин қадар тайёрӣ лозим будааст. Аз он андоза, ки ман фикр мекардам, шубонӣ кори мушкилтар будааст. Вале ба туфайли таҷрибаам оид ба муносибат бо одамон ва маҳорати сарукор кардан бо нуқсонҳо дар бизнес ман тавонистам, ки дар ҳаёти худ ба даъвати Худо содиқ монам. На ҳар як вазифа 21 сол тайёрӣ талаб мекунад, аммо принсип барои ҳама як хел хоҳад буд.

Ман ба туфайли ин принсипи тайёрӣ Инҷили Матто 13:44-ро ба таври дигар ифода карданро дӯст медорам:

***Подшоҳии Худо*** *андарунатон ба дониш ва фаҳмидани асрори ниҳоние, ки Худо медонад, дастрасӣ медиҳад. Ин донишҳо аз Рӯҳи Худо, ки Худаш дар даруни мо сокин аст, ба мо дода мешаванд. Вақте ки одам дониши ниҳониро, ки барои вай ганҷ ҳисоб мешавад, дарёфт мекунад ё мешунавад, онро аз нав дар қалб ва зеҳни худ пинҳон мекунад. Ва сипас ҳамаҷониба тайёр шуда, бо шодӣ ва бо тамоми қувват ба самте, ки ба ӯ боз шудааст ва мутобиқи дастур равона мешавад ва бо ин тарз ба гирифтан ва фаҳмидани ҷавоби худ ноил мегардад.*

БОБИ 8

# ҲОЛАТИ ДУШВОР БАРОИ ПЕШРАВӢ

Дӯсти ман шубон Питер ва ҳамсари ӯ Бев, шубонҳои калисои калон дар Зеландияи Нав, барои муддати кӯтоҳ ба Иёлати Муттаҳида ташриф оварданд. Ин рӯзҳои ҷашни мавлуди Масеҳ буданд, ва онҳо хостанд, ки барои як-ду рӯз дар Колорадо-Спрингс дар меҳмонхонаи Broadmoor бимонанд, то аз ороишҳои идона лаззат баранд ва истироҳат кунанд. Агар шумо дар Broadmoor набудед, донед, ки ин яке аз осоишгоҳҳои беҳтарини амрикоӣ мебошад, ки дар пасманзари кӯҳҳои Серхарсанг ҷойгир шудааст; он бо фазои ҳайратовари идонаи худ машҳур аст. Шубон Питер ба мо занг зад, то хабар диҳад, ки онҳо дар он ҷо хоҳанд буд, ва пурсид, ки оё мо ба онҳо ҳамроҳ шудан мехоҳем. Мо бо хурсандӣ розӣ шудем ва дар он ҷо се рӯз бо ҳам вақти олиҷаноб гузаронидем.

Вақте ки ман бо шубон Питер вомехӯрам, мо аксар вақт дар бораи хидматгузорӣ сӯҳбат мекунем, чунки ӯ ба мушовараи ман дохил шудааст. Ин дафъа ҳам ҳамин тавр буд. Мо ҳарду дар бораи нақшаҳо барои соли оянда ҳарф задем ва ҳамту дар бораи идеяҳо мубодилаи афкор кардем. Ниҳоят вақти хайрухуш фаро расид, ва ин барои мо каме ғамангез буд, чунки ин фурсатҳо барои мо хеле қимат буданд. Ман ва Дренда одатан дар як ё ақаллан дар ду сол як маротиба ба Зеландияи Нав сафар карда, онҳоро хабар мегирем, вале имсол ман хеле банд будам ва барои сафар нақша надоштам.

Ҳамин тариқ, мо ба хона баргаштем ва бо беқарорӣ мунтазири соли нав будем. Тааҷҷубовар аст, аммо 9 январ ман хобе дидам. Дар хоб ба ман гуфта шуд, ки шубон Питер дар моҳи феврал маро барои мавъиза кардан дар калисои худ таклиф кардан мехоҳад. Тавре ки дар ёд дорам, ман андеша кардам, ки ин хеле ғайриоддӣ аст, чунки ман бо ӯ се рӯз вақт гузаронидам, ва ӯ дар ин бора ҳарфе ҳам ба забон наовард, то феврал бошад, рӯзҳои башумор монда буд. Ман ба Дренда ҳангоми наҳорӣ кардан дар ошхона, дар бораи он ки Худованд ба ман дар хоб чӣ гуфт, нақл кардам.

Компютери ман дар мизи ошхона истода буд, ва ман зимнан онро ба кор даровардам. Вақте ки ман нишаста, қаҳва менӯшидам, дидам, ки аз шубон Питер ба ман нома омадааст. Номаро кушода, бо тааҷҷуб хондам, ки шубон Питер маро барои мавъиза кардан дар анҷумани солонае, ки аллакай пас аз се ҳафта доир мегардад, таклиф кардан мехоҳад. Албатта, ман ба тааҷҷуб афтодам, вале сахт не, чунки ман инро аллакай дар хобам дида будам. Ман зуд ҷадвали худро аз назар гузаронидам, ки оё ин воқеан имконпазир аст, зеро ман дар давоми моҳ тақрибан дар ҳамон вақте, ки Питер маро ба Зеландияи Нав таклиф кард, ман сафарҳои зиёдро ба нақша гирифта будам. Ман ва Дренда аллакай ба нақша гирифта будем, ки якчанд рӯз пеш аз расидан ба Окленд, ба Буэнос-Айрес, пойтахти Аргентина, сафар кунем. Илоҷи ягонаи дер накардан ба он ҷо аз он иборат буд, ки пас аз анҷуман Буэнос-Айресро тарк карда, бо бурофурои навбатӣ ба рейси Окленд, рост ба Сидней, Австралиё, парвоз кунем. Ман худам ҳеҷ гоҳ чунин сафарро ташкил карда наметавонистам, аммо азбаски Худованд ба ман сухан ронд, ман медонистам, ки бояд равем.

Сафари мо ба Аргентина корпоративӣ буд ва он аз ҷониби яке аз таъминкунандагоне, ки бо он ширкати ман ҳамкорӣ мекард, маблағгузорӣ карда мешуд. Ин сафари хуб буд, ва мо бо дӯстонамон, ки одатан дар як сол як бор вомехӯрем, вақти олиҷаноб гузаронидем. Дар он давра Аргентина мушкилоти ҷиддии молиявиро аз сар мегузаронид, ва дар шаҳр тазоҳуротҳо аланга гирифта меистоданд, аммо умуман ин сафари бағоят хуб буд, чунки ман пештар ҳеҷ гоҳ

дар он ҷо набудам. Парвози мо 16 соат тӯл кашид. Ин барои ман дар умрам аз ҳама парвози тӯлонитарин буд. Парвоз аз Қутби ҷанубӣ гузашта мерафт, ва ин барои ман ҳайратовар буд, чунки ман умед доштам, ки ин қисми оламро аз осмон бубинам.

Ҳангоми парвоз, аз тирезаи ҳавопаймо чизеро, ба ғайр аз барф ва ях, дар поён надида, дарк кардам, ки ман дар ҳавопаймои ширкати ҳавоии Аргентина, ки ҳамчунин мушкилоти молиявии кишварро дар худ ҳис мекарду бо тамоми қувват базӯр фаъолиятро давом медод, парвоз карда истодаам. Ҳамон лаҳза дар сарам фикре пайдо шуд, ки агар ин ширкат аз ҳисоби хизматрасонии техникии ҳавопаймоҳои худ ба сарфакорӣ маҷбур мешуд ва мо дар ин қисми олам ба фалокат дучор мешудем, ин хеле таассуфовар буда метавонист. Аммо ман медонистам, ки дар дастони боэътимод қарор дорам, чунки Худи Худованд маро ба ин сафар роҳнамоӣ кардааст.

**ЗЕРО ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ РОҲНАМОЯШОН РӮҲИ ХУДОСТ, ФАРЗАНДОНИ ХУДО ҲАСТАНД.**

**– РУМИЁН 8:14**

Пас аз расидан ба Сидней мо зуд ба шубон Питер ва ҳамсари ӯ Бев занг задем ва мо хабари онро, ки шубон бар асари хурӯҷи ҷиддии бемории дил дар шифохона қарор дорад, шунида, сахт ба изтироб афтодем. Ӯ ҳангоми ҳафтаи молиявии худ комилан мавъиза карда наметавонист ва аз ман пурсид, ки оё дар тӯли ҳамаи чорабинӣ мавъиза карда метавонам ё не. Акнун ман медонистам, ки чаро Худованд маро ба Зеландияи Нав фиристодааст, ва ман дар ҳайрат будам, ки Рӯҳулқудс қадамҳои моро ҳидоят мекунад. Ин хотиррасонкунии хубе мебошад, ки дар Нома ба Румиён 8:14 гуфта шудааст.

> *“Зеро ҳамаи онҳое ки роҳнамояшон Рӯҳи Худост, фарзандони Худо ҳастанд” (Рум. 8:14).*

Боз ҳам, мо дар бораи қобилияти шунидани дастурҳо, идеяҳо ва

нуқтаи назари Рӯҳулқудс гап зада истодаем. Дар Китоби Муқаддас барои тасдиқи дарси навбатии ман оид ба он, ки чӣ тавр шунидани Рӯҳулқудс ба ҷавобҳое, ки шумо эҳтиёҷ доред, мусоидат мекунад, аз саргузашти Дониёл дида беҳтар ҷое нест. Биёед онро дида мебароем.

*Ва дар соли дуюми подшоҳии Набукаднесар, Набукаднесар хобҳо медид, ва рӯҳи ӯ музтариб шуд, ва хобаш аз ӯ дур шуд. Ва подшоҳ амр фармуд, ки ғайбдонон ва афсунгарон ва дуохонон ва мунаҷҷимонро бихонанд, то ки онҳо ба подшоҳ хобҳои ӯро бигӯянд. Ва онҳо омада, ба ҳузури подшоҳ истоданд. Ва подшоҳ ба онҳо гуфт: “Хобе дидам, ва рӯҳи ман музтариб шуд — мехоҳам хоброро бидонам”.*

*Ва мунаҷҷимон ба подшоҳ ба забони арамӣ гуфтанд: “То абад зинда бош, эй подшоҳ! Хоброро ба бандагони худ бигӯй, ва мо таъбири онро баён хоҳем кард”.*

*Подшоҳ ба мунаҷҷимон ҷавоб гардонда, гуфт: “Аз ҷониби ман чунин қароре қабул шудааст, ки агар хоб ва таъбири онро ба ман ошкор накунед, пора-пора хоҳед шуд, ва хонаҳотон харобазор хоҳад гардид, вале агар хоб ва* ***таъбири онро ошкор кунед, тӯҳфаҳо ва инъомҳо ва ҷалоли азиме аз ҷониби ман пайдо хоҳед кард;*** *пас, хоб ва таъбири онро ба ман бигӯед”.*

– Дониёл 2:1-6

*Мунаҷҷимон ба ҳузури подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфтанд: “Касе бар рӯи замин нест, ки инро тавонад ба подшоҳ ошкор кунад, дар сурате ки ҳеҷ подшоҳи бузург ва пуриқтидор чунин чизро аз ҳеҷ ғайбдон, афсунгар ва мунаҷҷим талаб накардааст. Ва он чи подшоҳ талаб мекунад, чунон мушкил аст, ки ғайр аз худоёне ки масканашон бо башар нест, ҳеҷ каси дигар наметавонад онро ба ҳузури подшоҳ ошкор кунад”.*

*Аз ин сабаб подшоҳ ба ғазаб омада, бағоят хашмгин шуд ва амр фармуд, ки ҳамаи ҳакимони Бобилро несту нобуд кунанд. Ва фармон дода шуд, ки ҳакимон бояд кушта шаванд; ва Дониёл ва рафиқонашро ҷустуҷӯ мекарданд, то он шахсонро ба қатл расонанд.*

– Дониёл 2:10-13

*Он гоҳ Дониёл ба хонаи худ рафта, ба рафиқонаш Ҳананё, Мишоил ва Азарё дар ин бобат хабар дод, то аз Худои осмон дар бораи ин роз марҳамат талаб кунанд, то ки Дониёл ва рафиқонаш бо дигар ҳакимони Бобил несту нобуд нашаванд. Дар он шаб ин роз ба Дониёл дар рӯъё ошкор шуд, ва Дониёл Худои осмонро муборак хонд, ва Дониёл сухан ронда, гуфт: "Исми Худо аз азал то абад муборак бод, ки ҳикмат ва қудрат аз они Ӯст! Ва Ӯ вақтҳо ва замонҳоро тағйир медиҳад, подшоҳонро сарнагун мекунад ва подшоҳонро барқарор менамояд, ба ҳакимон ҳикмат ва ба оқилон дониш мебахшад.* ***Ӯ чизҳои амиқ ва ниҳонро ошкор мекунад, он чиро, ки дар зулмот аст, медонад, ва нур бо Ӯ сокин аст".***

– Дониёл 2:17-22

Дониёл дар ҷои даҳшатнок дар байни ҳаёт ва мамот қарор дошт. Аммо дар ин ҷо барои пешрафти минбаъдаи шумо калиди муҳиме мавҷуд мебошад. Худо ӯро истифода мебурд, то ки пешравии ӯро таъмин кунад, на афтиши ӯро. Ба туфайли дониши махфии Рӯҳулқудс Дониёл метавонад, ки ба Набукаднесар хоби ӯ ва маънои онро таъбир кунад. Тавре ки мо аз порчаи навбатӣ мебинем, шоҳ ба ваҷд омад.

*Он гоҳ подшоҳ Набукаднесар рӯйнокӣ афтода, ба Дониёл саҷда бурд ва амр фармуд, ки барои ӯ ҳадияҳо ва бухур биёранд. Подшоҳ ба Дониёл ҷавоб гардонда, гуфт: "Ба ростӣ Худои шумо Худои худоён ва Ҳукмфармои подшоҳон*

*ва Ошкоркунандаи розҳо мебошад, зеро ки ту тавонистӣ ин розро ошкор намоӣ!"*

***Он гоҳ подшоҳ ба Дониёл бузургӣ бахшид ва инъомҳои сершумор ва гаронбаҳо ба ӯ дод, ва ӯро ҳоким бар тамоми вилояти Бобил, ва раиси сардорон бар ҳамаи ҳакимони Бобил таъин намуд.** Ва Дониёл аз подшоҳ илтимос кард, ва ӯ Шадрак, Мешак ва Абднаҷуро бар корҳои вилояти Бобил гузошт. Ва Дониёл дар боргоҳи подшоҳ буд.*

– Дониёл 2:46-49

Натиҷаи қобилияти Дониёл дар мавриди шунидани овози Худо аз чӣ иборат буд? Пешравӣ дар хидмат ва сарват!

Ҳамон гуна натиҷаро дар саргузашти қиссаи дигари библиявӣ, саргузашти Юсуф, дидан мумкин аст. Юсуф ба ҳамин гуна вазъият рӯ ба рӯ шуда, имкон ёфт, ки хоби фиръавнро таъбир кунад. Баъд аз он ки Юсуф хоби фиръавнро бо муваффақият таъбир кард, ва сипас нақшаи наҷоти Мисрро аз хушксолии оянда, ки хоб пешакӣ огоҳ карда буд, пешниҳод кард, фиръавн ана ҳамин тавр ҷавоб дод:

*Азбаски Худо тамоми ин нуктаро ба ту маълум кардааст, касе мисли ту оқил ва ҳаким нест; ту бар хонаи ман бош, ва тамоми қавми ман каломи туро риоя кунанд; ман фақат дар хусуси тахт аз ту бузургтар бошам.*

– Ҳастӣ 41:39, 40

Дар ҳар ду ҳикоя сароғоз дар ҳар чиз умеде намонда буд, аммо воқеа бо пешравӣ дар хидмат ва доροӣ анҷом ёфт. Ба таври оддӣ гӯем, дунё ба одамоне, ки мушкилиҳои бузургро ҳал мекунанд, пули бештар медиҳад. Рӯҳулқудс мехоҳад, ки шуморо ба маркази мушкилиҳои бузург андозад! Вақте ки ин рӯй медиҳад, ҳаросон нашавед, балки ба ситоиш кардани Худо шурӯъ кунед, чунки Ӯ, тавре ки ба Дониёл ва Юсуф ёрӣ расонд, ба шумо низ ёрӣ дода метавонад! Ман ҳамеша мегӯям, ки Худо ҷалолро мегирад, ман бошам -

маошро! Ба ман суханони Дониёл, ки дар бораи Худованд гуфтааст, писанд мебошанд: ***“Ӯ чизҳои амиқ ва ниҳонро ошкор мекунад, он чиро, ки дар зулмот аст, медонад, ва нур бо Ӯ сокин аст”.*** Дониёл мегӯяд, ки нур бо Ӯ сокин аст. Ин чунин маъно дорад, ки агар шумо чароғро даргиронед, дар торикӣ ба кӯча баромада, медонед, ки ба куҷо рафта истодаед! Равшанӣ тарсро меронад, ва шумо медонед, ки куҷо равед. Павлус дар ин оят мегӯяд, ки дар вақти мушкил Худо ба мо сухан меронад ва ёрӣ медиҳад.

> *“Медонед, ки шумо, вақте ки бутпараст будед, назди бутҳои* **безабон** *тавре мерафтед, ки гӯё шуморо кашида мебурданд” (1 Қӯр. 12:2).*

Павлус мегӯяд, ки бутҳо гап зада наметавонанд, Худо гап мезанад!

Эҳтимол, ба шумо аҷиб аст, ки чаро ман номи ин бобро “Ҳолати душвор барои пешравӣ” номидам. Чунки маҳз дар ҳолати душвор Рӯҳулқудс ҷавобҳо дорад. Маҳз ҳолати душвор ба шумо барои тасмим гирифтан имкон медиҳад. Ҳолати душвор барои пешравии шумо имконияти олӣ аст! Мутаассифона, бисёр имондорон аз вазъиятҳои мушкил мегурезанд. Дар асл бисёриҳо фикр мекунанад, ки агар онҳо ба ҳолати душвор афтода бошанд, пас Худоро аз даст додаанд.

Дар ёд дорам, ки вақте мо акнун ба кори телевизион машғул шудем, дар як моҳ ҳисобҳо 9 000 долларро ташкил медоданд. Худоё, ман фикр мекардам, ки ин пули бисёр аст, ки ҳар моҳ бояд дарёфт кард. Баъдтар ҳисобҳо дар як моҳ аз 20 000 доллар зиёд шуданд, ва сониян аз 50 000 низ. Боре, ҳангоме ки ҳамаи мо дуо мекардем, духтари ман Эми атои нубувватро истифода бурда, сухан рондан гирифт:

“Дарав барои ту хеле бисёр аст. Ман туро имтиҳон мекунам. Ту танҳо бо Рӯҳи Ман фаҳмида метавонӣ, ки ҳоло чӣ рӯй медиҳад! Оё қадаме ба пеш мениҳӣ, оё ба Ман иҷозат медиҳӣ, ки туро ба чизи душвор, дастнорас, имконнопазир ҳидоят кунам?”

Қабл аз он ки ҳикояеро дар асоси он, ки шумо ҳоло медонед,

нақл кунам, оё гуфта метавонед, ки чӣ тавр инро маънидод кардан мумкин аст? ПЕШРАВӢ! Ба ман писанд аст, ки Худо ба ман ҳуқуқи интихоб карданро додааст. Ӯ пурсид, ки оё ман барои роҳ рафтан бо Ӯ тайёрам. Ӯ ба розигии ман муяссар шуд. Агар ман “не” мегуфтам, Ӯ ба ягон каси дигар муроҷиат мекард. Аммо ман афзал медонистам, ки худам ба болоравӣ муваффақ шавам, шумо чӣ?

Ман ҷавоб додам:

– Оре, Худованд, Ту медонӣ, ки ман розӣ ҳастам.

Пас аз чанд ҳафта хатти Daystar ба мо вақти ҳаррӯза пешниҳод кард, дар ҳоле ки мо пештар танҳо дар як ҳафта як бор ба эфир мебаромадем. Агар мо розӣ мешудем, хароҷоти мо барои телевизион дар як моҳ то ба 200 000 доллар меҷаҳид. Аммо ба туфайли ин каломи нубувват ва баракати Рӯҳулқудс дар дарун, ман розӣ шудам. Ҳама ба ман мегуфтанд, ки дар ду моҳи аввал, то даме ки барнома оммавӣ мегардад, аз рӯи ҳисобҳо барои вақти эфир мо ба минус меравем. Маҳз ҳамин тавр ҳам шуд, аммо, шояд, каме ҷиддитар аз он ки мо интизор будем. Дар панҷ моҳ ман барои ТВ-эфир 500 000 доллар қарздор шудам. Зиёда аз ин, харидори вақти эфир ба мо нома навишта, гуфт, ки аз сабаби дер кардани пардохтҳо адвокатҳои ӯ каме асабонӣ мешаванд.

Ман ҳақиқатан ҳам дар ин бобат бо Худо талош кардам, чунки номи барномаи ман “Ҳалли мушкилоти молиявӣ” мебошад. Ман рӯҳафтода шуда, ба Дренда гуфтам, ки, эҳтимол, ман бояд вақти эфирҳои телевизиониро камтар кунам ё аз онҳо пурра даст кашам. Аммо вай гуфт:

– Худо чӣ гуфт? Ӯ гуфт, ки пардохт мекунад, дуруст?

Дар давоми чанд рӯз, вақте ки ман бо вай дар ин бора ҳарф мезадам, ӯ ҳамин тавр ҷавоб додан мегирифт. Мо дуо кардем, ва гарчанде ки дар он лаҳза ман ҳеҷ гуна ҷавоб намегирифтам, ман оромии Худоро ҳис мекардам.

Ҳамон ҳафта ман хоб дидам, ки дар он як даста чекҳо ба назарам намудор шуданд. Дар ин хоб тааҷҷубовараш он буд, ки ман на танҳо

дастаи чекҳоро, балки миқдори пул ва номи имзокунандагони ин чекҳоро низ дидам. Вақте ки бедор шудам, ман медонистам, ки ҳисобҳо барои эфир пардохт шудаанд, ва оромӣ ёфтам. Ҳамин тавр, ҳамон рӯзҳои истироҳат, рӯзҳои истироҳати пурра маъмулӣ, ба шумо мегӯям, чуноне ки дар хоб нишон дода шуда буд, 500 000 доллар даромад шуд. Ҳамаи маблағҳое, ки ман медидам, ва номҳои имзокунандагони чекҳо – ҳама иҷро шуданд.

Мебинед, ҳолати душвор – ин бад не! Ин ҷои пешравӣ аст, дӯстам. Одамон мегӯянд, ки кӯшиш мекунанд, то ба вазъияти душвор наафтанд, чунки онҳо аз хато кардан метарсанд. Аммо агар мо ба суханони Рӯҳулқудс гӯш диҳем, Ӯ қодир аст, ки моро аз ҳар гуна хатои эҳтимолӣ огоҳ кунад.

Дар ёд дорам, ки чанд сол пеш, вақте ки ман ширкати худро оиди раҳо шудан аз қарзҳо роҳбарӣ мекардам, як муштарӣ аз буҷети хонаи худ пул кандан хост, то ки ба ширкате, ки ба ман маъқул нашуд, маблағгузорӣ кунад. Дар хотирам ҳаст, вақте ки ман бо зинапоя ба утоқи корӣ мебаромадам, яке аз намояндагонам бо ман дар ин бора ҳарф зад. Ногаҳон ман эҳсос кардам, ки Рӯҳулқудс маро водор мекунад, ки ин масъаларо ҳаллу фасл кунам. Ман ба намояндаи худ гуфтам: “Шумо шартнома баста метавонед, аммо бигзор муштарӣ номае нависад, ки он бояд як қисми пакети қарзӣ гардад ва дар он гуфта шавад, ки мо як қисми ширкати маблағгузорӣ нестем, ва танҳо тибқи хоҳиши муштарӣ қарз медиҳем”. Дар давомаш мо арз кардем, ки дар робита бо бехатарӣ ё самаранокии маблағгузории зикршуда ҷавобгариро ба дӯш намегирем ва муштариро водор намекунем, ки ба ин ширкат маблағгузорӣ кунад. Хӯш, тақрибан пас аз шаш моҳ ҳамаи ин ҳамту кафида рафт. Ширкати маблағгузорӣ ҳамаи пулҳои ин муштариро гум кард. Бар зидди ширкати маблағгузорӣ ва ширкати ман ба суд арз карда шуд. Аммо, вақте ки адвокати онҳо мактуберо, ки ман имзо карданашро аз муштарӣ талаб карда будам, дид, мо аз қатори ҷавобгарони ин парванда баровarda шудем.

Маҳз Рӯҳулқудс ҳамон рӯз маро дар зинапоя боздошт ва водор

кард, ки ба намояндаи худ имзо кардани чунин як мактубро барои ҳамроҳ кардан ба маҷмӯи ҳуҷҷатҳо баҳри анҷом додани муомила фармоиш диҳам. Шумо ба Рӯҳулқудс, ки ба шумо ёрӣ мерасонад ва аз ҳар гуна вазъият мегузаронад, эътимод карда метавонед. Чуноне ки Исо гуфтааст: “Натарсед”.

Ман ин воқеаро дар яке аз китобҳои дигари худ нақл кардаам, аммо онро дар чаҳорчӯбаи мусоҳибаи имрӯза мебояд такрор кард. Боре оилаи мо ба истироҳати серӯза рафт. Ҳама аллакай дар микроавтобус буданд, ва вақте ки ман онро ба кор даровардан хостам, Рӯҳулқудс ногаҳон гуфт, ки мошинро аз нав ҷойгузорӣ кунам. Дар паҳлӯи микроавтобус дар пайроҳа боз як мошин меистод. Рӯҳулқудс гуфт, ки мошинро аз нав ба майдон ҷойгузорӣ кунам. Ин хеле ғалатӣ буд. Ман фикр кардам: “Чаро Рӯҳулқудс ба ман мегӯяд, ки мошинро аз пайроҳа ба сабзазор ҷойгузорӣ кунам?” Ман намефаҳмидам. Аммо таассуроти калон бардоштам! Бинобар ин ман ба Дренда гуфтам, ки чӣ кор кардан мехоҳам, ва рафта мошинро аз пайроҳа ба сабзазор ҷойгузорӣ кардам. Ман то даме, ки рӯзи якшанбе ба хона баргаштем, дар бораи ин воқеа гап назадам. Дар он ҷое, ки мошин истода буд, акнун дарахти калоне мехобид, ки ба роҳ ба таври кӯндаланг, айнан ба он ҷое, ки мошин пештар меистод, афтода буд. Акнун мошин дар сабзазор бехатар истода буд, чунки дарахт ба он осеб нарасонид. Агар он дар ҷои пештарааш меистод, пас дарахт онро нобуд мекард.

**ШУМО БА РӮҲУЛҚУДС, КИ БА ШУМО ЁРӢ МЕРАСОНАД ВА АЗ ҲАР ГУНА ВАЗЪИЯТ ШУМОРО МЕГУЗАРОНАД, ЭЪТИМОД КАРДА МЕТАВОНЕД.**

Ман ва Дренда, албатта, мисолҳои зиндаи он мебошем, ки ин тавр бо пул муносибат кардан мумкин нест. Аммо ҳар чизе, ки ба мо зарур буд, ин якчанд стратегияи махфӣ ва каме хиради пурасрор буданд, то аз шароитҳое, ки моро иҳота кардаанд, болотар истем. Ман ҳоло табассум мекунам, чунки барномаи телевизионие, ки дар

саросари ҷаҳон тамошо мекунанд, «Ҳалли мушкилоти молиявӣ» ном дорад!

Дӯсти ман, имрӯз ана ин аст тақдири шумо.

> *«Аз заъф боқувват шуданд, дар ҷанг қавӣ гардиданд, фавҷҳои бегонаҳоро торумор карданд» (Ибр. 11:34б).*

Вақте ки шумо ҷавобро медонед, ҳолати душвор ва илоҷнопазир дигар ин тавр намудор намешавад!

## БОБИ 9

# САДОИ ОРОМУ СОКИТ

Вақте ки ман дар бораи овози Рӯҳулқудс таълим доданро шурӯъ мекунам, бисёриҳо ба ман мегӯянд, ки ҳеҷ гоҳ овози Худоро нашунидаанд. Аммо ман ҳамеша ба онҳо мегӯям: "Не, шунидаед!". Агар дар шумо низ ба мисли дигарон айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки ҳеҷ гоҳ овози Худоро нашунидаед, пас ба Китоби сеюми Подшоҳон рӯ оред.

*Ва гуфт: "Берун ой ва бар кӯҳ ба ҳузури Худованд биист". Ва инак, Худованд убур менамояд, ва боди азим ва пурзӯре кӯҳҳоро ба ҳузури Худованд аз ҳам ҷудо ва сахраҳоро пора-пора мекунад, вале Худованд дар бод нест. Ва баъд аз бод — зилзилае, вале Худованд дар зилзила нест. Ва баъд аз зилзила — оташе, вале Худованд дар оташ нест. Ва баъд аз оташ — садои пичирроси оҳиста.*

– 3 Подшоҳон 19:11, 12

Ҳарчанд ман овози Рӯҳулқудсро бо дараҷаҳои гуногуни шиддатнокӣ шунидаам, овози маъмулии Рӯҳулқудс – ин пичирроси оҳиста. Ин садои орому сокит аст. Чуноне ки ман қаблан дар ин китоб гуфтам, одатан овози Худо ҳамчун фикре садо медиҳад, ки тобиши дигар дорад. Ба монанди он ки шумо садои кӯдаки худро дар байни издиҳом мешиносед, Рӯҳулқудсро хеле хуб шинохта метавонед, то ки ҳангоми сухан рондани Ӯ овози Ӯро бишносед. Аммо дар ин боб ман бо шумо дар бораи овози Худо, ки ҳеҷ кас дар борааш фикр

намекунад, аммо ҳама шунидаанд, сӯҳбат кардан мехоҳам.

Вақте ки ман дар коллеҷи назди Донишгоҳи Орал Робертс таҳсил мекардам, дар бораи илоҳиётшиносӣ якчанд курсҳоро шунида будам, чунки тахассуси ман Аҳди Қадим буд. Дар он ҷо иттилооти зиёде буданд, ки пештар ман қисми зиёди онро наомӯхта будам. Азбаски ман дар мактаби миёна хуб таҳсил накарда будам, ва ба хондан он қадар шавқ надоштам, бо мақсади аз дарсҳо ақиб намондан, махсусан дар ҳафтаи қабули имтиҳоноти ҷамъбастӣ, хеле зиёд саъй мекардам. Дар ин курси муайян ман бояд дар кадом-як мавзӯи Аҳди Қадим кори курсӣ менавиштам, ҳоло дар ёдам нест, ки кадом мавзӯъ буд. Аммо навиштани он маро ба тарс меовард. Аслан дар соли аввали коллеҷ ба ман лозим шуд, ки кори аввалини худро нависам, ва вақте ки онро бозпас гирифтам, дар сарлавҳа бо ранги сурх баҳои ду ҷилвагарӣ мекард, ва дар зери он навишта шуда буд: “Шумо умуман дар мактаб таҳсил кардаед?” Ман дар омӯзиши забони англисӣ ва грамматика он қадар суст будам, ки вақте ба донишгоҳ дохил шудам, муаллим ба ҳайрат афтод. Ман маҷбур будам, ки барои омӯзиши забони англисӣ дарси иловагӣ гирам, то ки дар соли аввал хориҷ нашавам.

Акнун дар арафаи ҳафтаи имтиҳонсупорӣ ба ман лозим буд, ки боз як кори курсӣ нависам. Худоё, ман аз ин лоиҳа чӣ қадар метарсидам. Тарзи навиштани кори хаттиро ба ман ҳеҷ гоҳ ёд надода буданд, аз ин рӯ ҳангоми навиштан, ман ҳамту маълумотҳоро дарёфт карда, калимаҳоро каме дигар карда, рӯйбардор мекардам, то касе гуфта натавонад, ки ман қисми зиёди кори худро аз сарчашмаҳои гуногун нусхабардорӣ кардаам. Виҷдони ман пок буд, чунки ман инро ягон кори хато ҳисоб намекардам ва чизҳои хондагиамро бо суханони худ менавиштам; аммо гап дар сари он аст, ки ман дар ҳақиқат навишта наметавонистам.

Ин дафъа ман вақт надоштам. Як рафиқе, ки дар хобгоҳ ҳамсояи ман буд, ҳамон дарсеро дошт, ки ман низ доштам, аммо дар вақти дигари рӯз. Ҳама дар синф ҳамон як мавзӯъро бояд менавиштанд, аз ин рӯ ман аз рафиқам пурсидам, ки сохтори кори худро нишон

диҳад. Ҳамин тариқ, вақте ки ӯ кори худро ба ман дод, аз чӣ бошад, ман чунин шуморидам, ки ба мисли ӯ чунин хуб иншо намекунам, ва тасмим гирифтам, ки онро нусхабардорӣ мекунам. Медонам, медонам, шумо ба ҳайрат афтодед. Фаромӯш накунед, ки дар он лаҳза ман тамоман масеҳии нокомил будам. Хайр, ман ҳамаашро нусхабардорӣ накардам, аммо тақрибан нисфашро ба кори худ рӯйбардорӣ кардам. Дар охири ҳафтаи имтиҳонсупорӣ ман ин кори худро ба профессор супоридам, ва оҳи сабук кашидам, ки дигар навиштан лозим нест. Вале баъдтар воқеае рӯй дод, ки ба ман дар мавриди шунидани овози Худо сабақи калон дод.

Вақте ки ман ҳамон шаб ба ҷойхоби худ даромада хоб кардан хостам, хобам наомад. Ин виҷдони ман чунон баланд гап мезад, ки хоб карда наметавонистам. Ман фаҳмидам, ки нодуруст рафтор кардаам, яъне дуздӣ кардам, ва баъд дурӯғ гуфтам. Ман ҳамчунин нисбат ба рафиқи худ беҳурматӣ зоҳир кардам ва обрӯи ӯро резонидам. Ман худро хеле бад ҳис мекардам! Дар соати сеи шаб ба назди рафиқам рафтам, ӯро бедор карда, гуфтам, ки чӣ кор кардам, ва аз вай бахшиш пурсидам. Вай ба ман хоболудона нигоҳ карду гуфт: “Ба бистарат баргард, Гэри”. Ва ӯ ҳамту ба тарафи дигар рӯ гардонда, боз хоб кард.

Рӯзи дигар ман ба назди профессор омада, ба кори хатои худ иқрор шудам. Албатта, ӯ барои кор ба ман баҳои ду гузошт, вале табассум карда, гуфт, ки рафтори маро қадр мекунад. Сипас ӯ гуфт, ки, азбаски ман ба назди ӯ омадам, ӯ аздусар ба ман барои ин фан баҳои чор мегузорад. Вақте ки овози маҳкумкунанда хомӯш шуд, ман чӣ қадар нафаси озод кашидам, то чӣ андоза худро беҳтар эҳсос кардам, ва ман озод шудам ва оромӣ ёфтам.

Иҷозат диҳед, ки ба шумо як савол диҳам: “Чӣ тавр рафиқи ман ҳамту ба тарафи дигар тоб хӯрда, ба хоб рафта тавонист, вақте ки ман азобҳои пурэҳсосро аз сар мегузаронидам? Чаро ӯ чунин азобҳоро аз сар намегузаронид? Чаро ман аз бехобӣ азоб мекашидам ва ин қадар бадбахт будам?” Вақте ки ман ба хоб кардан кӯшиш мекардам, овоз ҳар дафъа бо ман гап мезад. Он маро маҳкум мекард – ин виҷдони ман буд! Мафҳуми виҷдон чунин аст: ба таври инстинктивӣ

донистани неку бад. Ин калима таҳтуллафзӣ маънои “донистан бо ёрии” ё “дорои дониш будан роҷеъ ба”-ро дорад.

Ба мисли шамъ, нури он торикиро нобуд мекунад. Он ҳар як фикр ва ҳар як рафтореро, ки шумо боре ба амал овардаед, қайд мекунад. Ҳамчун шоҳид дар толори додгоҳ, он дар бораи он чиз, ки аз ҳама чуқуртар ниҳон карда шудааст, шаҳодат медиҳад. Он ба шумо мегӯяд ва хотиррасон мекунад, ки чӣ тавр дуруст рафтор кардан ва аз корҳои нодуруст худдорӣ кардан мумкин аст. Виҷдон – ин овози Худо дар даруни ҳар як инсон. Виҷдон аз ҳар як мард ва зан даъват мекунад, ки ба амалҳои худ ҷавобгар бошанд. Виҷдон, чуноне ки дар толори додгоҳ аст, аз ҳар як одам талаб мекунад, ки дар назди Худо ҳисобот диҳад. Ҳамчун шоҳид, ки барои шаҳодат додан даъват карда мешавад, виҷдони мо низ ё аз номи мо сухан меронад (ҳимоя мекунад), ё моро маҳкум мекунад (айбдор мекунад).

Таҳқиқоте, ки Medical Xpress гузаронидааст, ин фактҳоро тасдиқ мекунад:

“Дар замони ҳозира назарияе доир ба инкишофи инсон васеъ паҳн шудааст, ки тибқи он инсон ҳаёти худро аз “ҳолати хушку холии маънавӣ” сар мекунад, аммо тадқиқоти нав ин нуқтаи назарро рад мекунад. Муҳаққиқон ошкор карданд, ки тифлон аллакай дар синни шашмоҳагӣ ҳукмҳои ахлоқӣ мебароранд, ва онҳо чунин меҳисобанд, ки мо аллакай бо майнае, ки меъёрҳои ахлоқӣ дар он “ҷо карда шудаанд”, таваллуд шуда метавонем”[3].

> *Ва аз ин хоҳем донист, ки мо аз ростӣ ҳастем, ва дили худро ба ҳузури Ӯ ором хоҳем кард, дар ҳар чизе ки дил моро маҳкум менамояд, чунки Худо аз дили мо бузургтар аст ва ҳар чизро медонад. Эй маҳбубон! Агар дили мо моро маҳкум накунад, мо ба ҳузури Худо ҷуръат дорем, ва ҳар чӣ талаб кунем, аз Ӯ меёбем, чунки аҳкоми Ӯро риоят мекунем ва он чи ба ҳузури Ӯ мақбул аст, ба амал меоварем.*
>
> – 1 Юҳанно 3:19-22

Виҷдон – ин дар ҳар як мард ва зан овози Худо, осори Офаридгор ва талаботи Ӯ барои он ҳаёте мебошад, ки барояш мо офарида шуда будем. Ҳеҷ кас аз виҷдони худ гурехта наметавонад. Пештар ман аз он ҳайрон мешудам, ки одаме, ки касеро кушта, ё бонкро ғорат карда, беҷазо мондааст, ногаҳон худаш ба полис таслим мешавад. Аммо акнун ман медонам, ки назар ба виҷдоне, ки одамро ҳамчун айбдор маҳкум мекунад, бештар азобе нест! Павлус дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён 1:12 мегӯяд, ки виҷдон шаҳодат медиҳад, он сухан меронад.

**ВИҶДОН – ИН ДАР ҲАР ЯК МАРД ВА ЗАН ОВОЗИ ХУДО, ОСОРИ ОФАРИДГОР ВА ТАЛАБОТИ Ӯ БАРОИ ОН ҲАЁТЕ МЕБОШАД, КИ БАРОЯШ МО ОФАРИДА ШУДА БУДЕМ.**

> *Зеро фахри мо ин аст, ки виҷдони мо шаҳодат медиҳад, ки нисбат ба ҷаҳон, алалхусус ба шумо дар беайбӣ ва самимияти илоҳӣ рафтор кардаем, ва ин ба воситаи ҳикмати ҷисмонӣ набуд, балки аз файзи Худо буд.*
>
> – 2 Қӯринтиён 1:12

Шумо гуфта метавонед: "Виҷдон бо кадом асос гап мезанад? Барои чӣ шаҳодати ӯ дар суди рӯҳонӣ бояд қувват дошта бошад?" Чунки ин овози Худо аст. Павлус, боз ҳам дар Нома ба Румиён 2:14, 15, изҳор мекунад, ки виҷдон бо мо фаъолона гуфтугӯ мекунад.

> *Зеро, ҳар гоҳ халқҳое ки шариат надоранд, табиатан фармудаҳои шариатро ба ҷо меоваранд, онҳо шариат надошта бошанд ҳам, худашон барои худ шариат ҳастанд: рафторашон нишон медиҳад, ки амали шариат дар дилашон навишта шудааст; виҷдон ва афкорашон низ, ки якдигарро гоҳе айбдор ва гоҳе сафед мекунанд, дар ин бобат гувоҳӣ медиҳанд.*
>
> – Румиён 2:14, 15

Ҳар як одам виҷдон дорад. Шумо метавонед розӣ нашавед. Шумо метавонед одамонеро шиносед, ки беҳис ба назар мерасанд. Аммо ман кафолат медиҳам, ки онҳо на ҳама вақт ин тавр буданд. Агар одам ба овози виҷдони худ муқобилият кардан гирад, ин овоз хомӯштару хомӯштар шудан мегирад.

> *“Ба воситаи риёкории дурӯғгӯёне ки виҷдонашон гӯё бо доғе беҳис шудааст” (1 Тим. 4:2).*

Павлус мегӯяд, ки ин одамон виҷдони худро кунд кардаанд, ё дили худро бар зидди он сахт карда, худро барои шунидан ва ҳис кардани виҷдон ноқобил кардаанд. Дар бораи бадани худ фикр кунед. Агар шумо пӯсти худро шахшӯл кунед, яъне сӯзонед, он, то даме ки пӯсти нав набарояд, ва пӯсти кӯҳнаи дағалгашта бошад наафтад, ҳиссиёти худро гум мекунад. Бо виҷдони мо низ айни ҳамин чиз рӯй медиҳад. Виҷдон шуморо барои иҷро кардани ягон кор маҷбур карда наметавонад. Он танҳо гап мезанад. Шумо ба он зид баромада ё онро сарфи назар карда метавонед. Аммо Павлус огоҳ мекунад, ки агар шумо виҷдони худро сарфи назар кунед, ин ба шумо нохушиҳои зиёд меорад, чуноне ки Павлус мегӯяд, ҳаёти шуморо нобуд месозад.

> *Туро, эй фарзандам Тимотиюс, мувофиқи нубувватҳое ки пештар дар ҳаққи ту шуд, чунин насиҳат медиҳам, ки ту мутобиқи онҳо амал намуда, ҳамчун сарбози нек ҷанг кунӣ, ва имон ва виҷдони нек дошта бошӣ, ки баъзе касон онро рад карданд, ва киштии имонашон ғарқ шуд.*
>
> – 1 Тимотиюс 1:18, 19

Асосан одамоне, ки бар зидди овози виҷдон дили худро сахт мекунанд, қобилияти идора кардани ҳаёти худро аз даст медиҳанд. Қутбнамои онҳо осеб дидааст, ва дигар кор намекунад. Он муайян карда наметавонад, ки ба кадом самт мебояд ҳаракат кард. Павлус мегӯяд, ки мо бояд виҷдони нек, виҷдони софро нигоҳ дорем, то

мутмаин бошем, ки ба самти дуруст ҳаракат карда истодаем. Павлус мегӯяд, ки пайравӣ кардани шариат ва дуруст рафтор кардан муҳим аст, чунки бе ин мо дили худро сахт карда, қобилияти ҳис кардани некию бадиро гум мекунем.

*"Бинобар ин на фақат аз тарси ҷазо, балки низ аз рӯи виҷдон итоат кардан лозим аст" (Рум. 13:5).*

Агар шумо ба қонун итоат накунед, виҷдонатон шуморо маҳкум мекунад. Аз ин рӯ Павлус мегӯяд, ки ба қонун итоат кардан лозим аст, коре бояд анҷом дод, ки дуруст аст, то ки виҷдон нарму латиф боқӣ монад ва барои шуморо аз хатар нигоҳ доштан тавре амал кунад, ки Худо муқаррар кардааст.

Дар робита бо виҷдон, ман боз як рафтори ахмақонаи ҳаёти худро ба ёд меорам, ки ин принсипро фаҳмонида медиҳад. Ин воқеа пеш аз шубон шудани ман рӯй дода буд. Вақте ки шумо ин ҳикояро мешунавед, мефаҳмед, ки барои чӣ Худо ҳанӯз дар он вақт ба ман иҷозат надод, ки шубон бошам. Ин қисса бо як мошини ман алоқаманд аст. Ин купе Peugeot 505 буд, ки ман дӯсташ медоштам. Боре дар назди чароғак аз ақиб ҷавоне ба мошини ман омада зад. Дар натиҷаи садама бағоҷдони мошин пачақ ва рама каҷ шуд, ғайр аз ин боз ким-кадом ҷойҳои кузов осеб диданд. Агенти суғуртавии он ҷавон, ки ба ман омада зад, ба ферма омад, то ки мошинро дида, баҳо диҳад.

Пеш аз он ки баъди омадани вай чӣ шуд, нақл кунам, бояд бигӯям, ки чанд ҳафта пеш аз ин садама садонишонаки мошини ман канда шуда афтода буд. Муҳаррики панорамавии сақфи мошин, ки дар бағоҷдон буд, низ чанд ҳафта пеш аз он, ки агенти суғуртавӣ барои ба расмият даровардани даъво биёяд, аз кор монда буд. Вақте ки ӯ ба муоинаи мошин сар кард, садонишонакро дар замин дар паҳлӯи мошин дида (ман онро махсусан ба ҷои намоён гузошта будам) пурсид, ки оё он бар асари садама канда шуда афтодааст. Ман ҷавоб додам: "Бале, тақсир", вале неши гуноҳро ҳис кардам. Сипас ӯ аз ман пурсид, ки оё муҳаррики сақф, ки ба гуфти ман, низ

кор намекард, бар асари садама аст. Ман боз ҷавоб додам: “Бале”.

Дар рӯҳи худ ман шунидам, ки виҷдони ман дод мезад: “Гэри, ту чӣ кор карда истодаӣ? Ту дурӯғ гуфтӣ!” Акнун гӯш кунед, ки чӣ тавр ман худро фиреб медодам. Ман ҳоло низ дар ёд дорам, ки чӣ тавр дар бораи ба эътибор нагирифтани ин овоз фикр кардам, зеро гумон кардам, ки он хомӯш мешавад. Имрӯз ман ба худ бовар карда наметавонам, ки он вақт ҳамин тавр фикр карда будам. Хайр, шумо хурсандед, ки он вақт ман ҳанӯз шубони калисо набудам? Ман боварӣ дорам, ки Худо хурсанд буд!

Ба ҳар ҳол мошинро ба устохона бурданд ва тақрибан пас аз ду ҳафта занг заданд, ки омада онро гирам. Вақте ки ман мошини худро дар устохона дидам, хеле шод шудам. Он олиҷаноб буд! Ман хурсанд шуда, ба хона баргаштам, ки ҳамаашро таъмир карданд. Тақрибан пас аз як ҳафта ман қарор додам, ки ба хона гузашта, бо Дренда ва фарзандон хӯроки нисфирӯзӣ хӯрам. Хонаи фермерӣ аз дафтари корӣ, ки ман барои ширкати молиявии худ иҷора мегирифтам, ҳамагӣ дар масофаи ду мил ҷойгир шуда буд. Ман мошинро дар пайроҳаи назди дари даромад гузошта, ба хона рафтам ва баҳузур хӯрок хӯрдам.

Вақте ман хостам, ки аз дари пеш бароям, мушоҳида кардам, ки мошин дар ҷои худаш нест. Ман безобита шудам. Мошин ба куҷо гум шуд? Ман ба ҳар тараф нигоҳ карда, онро надидам. Хонаи мо дар қуллаи теппа меистод, ва зоҳиран, ман фаромӯш карда будам, ки тормози дастакиро ба кор андозам. Гарчанде ман пештар ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекардам, ин дафъа фаромӯш кардам, чунки мошин ақибнокӣ аз пайроҳа ба поён ҳаракат карда, ба дарахт бархӯрдааст. Вақте ки ман ба назди мошин омадам, ба ҳайрат афтодам. Бағоҷдон пачақ шуда буд, ва вайрониҳо ба он монанд буд, ки бар асари садама ҳанӯз пеш аз таъмир ба вуҷуд омада буд. Рамаи мошин ба мисли пештара каҷ шуда буд, садонишонак канда шуда афтода буд, муҳаррики сақфи мошин низ кор намекард. Ҳамааш айнан ҳамон тавре буд, ки мошин пас аз садама ба устохона бурда шуда буд.

Дар он ҷо рост истода, ногаҳон ман ҳамаашро фаҳмидам ва ба

хандидан сар кардам. Худо ба ман сабақе дод, ки худи ин воизи ҷавон пеш аз роҳнамоӣ кардани одамон мебоист ёд гирад. Ман дигар ҳеҷ гоҳ мошин таъмир накардам. Ба ҷои ин ман онро барои қисмҳои эҳтиётӣ супоридам. Ман боз танҳо як воқеаро аз ҳаёти худ дар ёд дорам, ки виҷдонам бо овози баланд маро боздоштанӣ буд. Ман инро воқеа бо дучарха меномам.

Умедворам, ки он ба шумо фоида медиҳад. Медонам, шумо ҳеҷ гоҳ фикр накардаед, ки ман то ин дараҷа нодуруст рафтор мекунам, аммо шумо хато мекунед. Ман хурсанд будам, ки наҷот ёфтаам, чунки ман чунин ҳиссиёт доштам, ки агар наҷот намеёфтам, ҳаёти ман тамоман дигар хел мебуд.

Воқеае, ки бо дучарха рӯй дод, пас аз чанд соли ҳодисае, ки ман ба шумо ҳоло нақл кардам, ба амал омада буд, ва дарвоқеъ, ман акнун дар калисои нав ба ҳайси шубон ба хидмат сар карда будам. Ман рӯзи шанбе ба назди падарам омада, ҳангоми рафтан бо “доҷ-корвон”-и нуқрагуни худ дар роҳи асосии дураха, ки дар канораш падари ман зиндагӣ мекард, ақибнокӣ ҳаракат мекардам. Хонаи падарам дар домани теппаи нишебдор, ки роҳи мошингарди онро аз ҳар тараф маҳкам мекард, ҷойгир шуда буд. Бо кадом як сабабе ман дучархасаворро, ки аз баландӣ мефаромад, надида мондам. Ман оҳиста ҳаракат мекардам, ва дар ақиб ҳеҷ кас набуд, аммо вай аз каҷроҳа пайдо шуда, айнан дар ҳамон вақт, ки ман ба фишанги пешбар гузашта, ба ҳаракат шурӯъ кардам, ба ман бархӯрд.

Тамоми ин вақт аз дучархасавор огоҳие надоштам, аммо ногаҳон аз қисми паҳлӯии микроавтобус садои баланди ГУМ, ГУМ, ГУМ-ро шунидам. Ман ба оинаи тарафи ақиб нигоҳ карда, дар қафои мошин дучархасаворро дидам, ки чанбаракро монда, бо ҳар ду дастони худ имову ишораҳои ношоиста нишон медод ва бо овози баланд ҳақорат мекард. Ман аз ин рафтори ҷавон ҳайрон мондам ва худро пурра таҳқиршуда ҳис кардам. Ман медонистам, ки ӯ, вақте ки аз баландӣ мефаромад ва дид, ки ман ба ақиб ҳаракат карда истодаам, ба осонӣ суръати ҳаракати дучархаро суст карда метавонист. Ман ҳамчунин медонистам, ки агар ӯ мехост, ба осонӣ бо суръати баланд аз назди

ман тоб хӯрда гузашта метавонист. Аммо ба ҷои ин ӯ хост, ки ба ман адаб ёд диҳад.

Ман аз он дар ҳайрат афтода будам, ки ӯ мехост бо мошин рақобат кунад. Хайр, ман фикр кардам, ки касе бояд ба ин маҳмаддоно адаб ёд диҳад, аз ин рӯ суръатро суст карда, интизор шудам, ки вай ба микроавтобус наздиктар шавад, ва баъд тормозро пахш кардам. Вай барои он ки ба ақиби мошини ман барнахӯрад, зуд фишанги тормозро ба кор медаровард, ва ман аз дидани ин қаноатмандӣ ҳосил мекардам. Ин ӯро ба хашм овард, ва чунон маро дашному ҳақорат дод, ки дар умрам нашунида будам. Ҳақорат medоду ҳақорат медод.

Ман оҳиста ҳаракатро давом дода, ақибнокӣ ба пайроҳаи мошингард он тавр рондам, ки микроавтобуси ман ба тарафи роҳ рӯйнокӣ меистод. Он дар кунҷ истода, дучархаронро, ки ба тарафи ман педали худро тоб медод, ба ҳадаф мегирифт. Ба фикрам, ниҳоят ӯ фаҳмид, ки ӯ дучарха меронад, ва мошин аз дучарха бузургтар аст. Ман шишаи тирезаро поён карда, интизор шудам, то ки ӯ ба мошини ман наздик шавад. Вақте ки ӯ аз наздам мегузашт, ман фарёд задам, ки агар бори дигар ӯро дар ин роҳ бинам, маҷақ мекунам. Ва микроавтобусро, ки дар масофаи 15 фут рост ба вай нигаронида шуда буд, ба ҳаракат даровардам. Ман қариб вайро зада будам ва ҳис кардам, ки чӣ тавр мошин бо дучарха соиш хӯрд. Ман ҳис кардам, ки то андозае адолат тантана кард. “Ман аниқ ба ӯ адаб ёд додам” – фикр кардам ман, вале бисёр не.

Дар рӯҳи худ шунидам, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс бо овози пурқудрат ва ҷарангосӣ сухан ронд: “Гэри, ту чӣ кор карда истодаӣ?” Бо чоп кардани ин суханон дар коғаз, фаҳмонидан ғайриимкон аст, ки чӣ тавр ин суханон барои ман садо доданд. Ногаҳон ман фаҳмидам, ки қариб ин одамро мекуштам. Ман ба оинаи тарафи ақиб нигоҳ карда дидам, ки чӣ тавр ӯ сарашро хам карда, оҳиста ҳаракат мекард. Ӯ ё осебдида ба назар мерасид, ва ё дар тааҷҷуб буд, ки зинда монд. Аниқашро намедонам. Ман роҳи худро давом додам, аммо виҷдонам маро ором намегузошт. Ҳамчун шубони навтаъиншуда, ман мефаҳмидам, ки чӣ воқеа рӯй дода метавонист. Ман рӯзномаҳоро дида метавонистам: “Шубони калисои “Ҳаёт бо имон” дучархасаворро дар садамаи

автомобилӣ пахш кард". Рӯҳулқудс ба ман хотиррасон кард, ки Ӯ маро даъват кардааст, то дар ин ҷамоат маҳз барои ҳамин гуна одамон калисо таъсис диҳам. Ман аз рафтори худ сахт дар хиҷолат будам ва бо ашкрезӣ дар назди Худованд тавба кардам.

Ҳамин тариқ, биёед, иқрор мешавем, ки шумо аллакай овози Худоро шунидаед. Аммо ин виҷдонро бояд нарм нигоҳ дошт ва набояд ба он имкон дод, ки кунд шавад, то ки шумо ҳамеша овози Худоро шунида тавонед. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки писарони Исроил қалби худро бар зидди Худо сахт карданд ва аз ҳамин сабаб ба замини мавъуд дохил шуда натавонистанд. Муаллифи Нома ба Ибриён моро, имондорони Аҳди Ҷадидро, огоҳ месозад, ки ба мисли онҳо рафтор накунем.

> *Бинобар ин, чунон ки Рӯҳулқудс мегӯяд, "имрӯз агар овози Ӯро бишнавед, дилҳои худро сахт накунед, мисли замони ошӯб, мисли рӯзи озмоиш дар биёбон".*
>
> – Ибриён 3:7, 8

Ин огоҳӣ ҳадди ақал се бор дар бобҳои се ва чор такрор карда шудааст. Барои чӣ? Барои он ки Худо шуморо баракат додан мехоҳад ва хоҳони он аст, ки шумо дорои ҳама чизҳое бошед, ки Исо нархашро пардохт кардааст.

Сангдилӣ курраеро ба ёдам меорад, ки ман дар овони бачагӣ доштам. Он ҳайвони аз ҳама бадфеълтарин, вале бо вуҷуди он доное буд, ки ман боре дидаам. Ман ягона шахсе будам, ки ба ӯ савор шуда метавонист, ё гуфтан мехостам, ягона касе будам, ки ба савор шудан ҷуръат мекард. Ёд дорам, боре ба назди ман як дӯстам омад. Ӯ мегуфт, ки аспҳоро дӯст медорад ва ҳамаашро ӯҳда карда метавонад. Ӯ бо исрор талаб мекард, ки ба Тони (номи ҳамон курра) савор шавад. Пас аз чанд вақт ӯ муваффақ шуд, ки маро розӣ кунонад, ва ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки вақте ӯ ба Тони савор шуд, чӣ рӯй дод. Ӯ он лаҳза ки ба Тони савор шуд, онҳо якбора аз ҷояшон ҷаҳиданд. Тони бо тамоми суръат ба тарафи кӯле, ки дар масофаи

**БИНОБАР ИН, ЧУНОН КИ РӮҲУЛҚУДС МЕГӮЯД, «ИМРӮЗ АГАР ОВОЗИ ӮРО БИШНАВЕД, ДИЛҲОИ ХУДРО САХТ НАКУНЕД, МИСЛИ ЗАМОНИ ОШӮБ, МИСЛИ РӮЗИ ОЗМОИШ ДАР БИЁБОН».**

**– ИБРИЁН 3:7, 8**

50 ярд (45 метр) аз хона ҷойгир шуда буд, давид. Ҷеки бо тамоми қувват лаҷомро кашида, фарёд мезад, то ки курра бозистад, аммо Тони ба вай итоат намекард. Ба ҷои он вай бо тамоми вуҷудаш рост ба тарафи кӯл медавид, ва сипас ногаҳон, сарашро ба поён хам карда, дар худи канори об бозистод. Албатта, Ҷеки аз болои курра парида, рост ба кӯл афтод. Аммо худи Тони, тоб хӯрда, гӯё ки ҳеҷ ҳодиса рӯй надода бошад, ба алафхӯрӣ сар кард.

Мебинед, лаҷоми Тонироончунон бисёр мекашиданд, ки акнун вай дардро эҳсос намекард. Даҳонаш шахшӯл шуда буд, вай ба лаҷомкашӣ одат карда буд ва дигар ба он диққат ҳам намедод. Ҳамчун курра, Тони ба ғайр аз ман ба каси дигар ҳеҷ фоидае намеовард. Барои чӣ? Зеро, тавре ки ман аллакай гуфтам, вай доно буд. Ман ба вай ғизо медодам. Ва ӯ мефаҳмид, ки илоҷи ягонаи баромадан аз оғил ба ҳавои тоза ва ба алафи кабуд, ки хӯрданашро хеле дӯст медошт, – иҷозат додан ба ман барои савор шудан ба ӯ буд. Аммо ман бояд вайро назорат мекардам. Ӯ ҳаросида, гардани худро ба як тараф каҷ мекард, то бинад, ки ман ба зин чӣ тавр мешинам. Вай интизор мешуд, ки чӣ тавр ман рӯи худро ба тарафи муқобил мегардонам. Он гоҳ ӯ зуд худро ба ақиб кашида, пои маро мепучид. Ва, ба шумо мегӯям, ин дарднок буд, аз ин рӯ ман ҳамеша ҳушёр меистодам. Аммо дар мавриди фоида, вай фоида намеовард.

Ва агар мо ба қалби худ иҷозат диҳем, ки сахт шавад, ба мисли Тони, мо барои Худо бефоида мешавем. Боре мо Тониро дар кӯча бо занҷир бастем. Падарам ба сатил барои Тони об рехт. Вақте ки ӯ баргашта, рафтанӣ шуд, Тони ба вай наздик шуда, ӯро аз ақиб газид. Чӣ ҳам мегуфтам, падарам имондор набуд, хислаташ чунин буд, ки якбора ба хашм меомад. Дар паҳлӯи сатил як пачка намак меистод, ва падарам

намакро гирифта ва бо тамоми қувваташ ба сӯи курра ҳаво дод. Аммо Тони зинда монд. Оё ман ба Тони бовар мекардам? Ҳеҷ гоҳ!

Дар ҳаёти одамон низ ҳамин тавр мешавад. Онҳо фикр мекунанд, ки ҳамту ба эътибор намегиранд, ин дафъа ба виҷдони худ муқобил мебароянд. Аммо онҳо намефаҳманд, ки ҳар боре, ки ин тавр мекунанд, дар онҳо бофтаҳои шахшӯл пайдо мешаванд. Агар онҳо қарор диҳанд, ки ба Худо итоат намекунанд ё кореро, ки Ӯ мефармояд, иҷро намекунанд, рӯзе онҳо низ ба Тони монанд мешаванд, ва на дарду на азоби виҷдонро ҳис намекунанд. Воситаи раҳоӣ аз ин – тавбаи саривақтӣ, вақте мефаҳмед, ки шумо ба виҷдони худ зид баромадед.

Шоҳ Довуд, пас аз он ки бо Батшобаъ гуноҳ содир кард, таронаи 50-ро навишта буд. Ин таронаи тавба аст.

> *Ба ман, эй Худо, аз рӯи лутфи Худ марҳамат намо, ва ҷиноятҳоямро аз рӯи фаровонии марҳаматҳои Худ маҳв кун. Маро аз гуноҳам чандинбора шустушӯ намо, ва аз хатоям маро пок кун, зеро ки ман ба ҷиноятҳои худ иқрор ҳастам, ва хатоям доим пеши назари ман аст. Ба Ту, ва танҳо ба Ту хато кардаам, ва пеши назари Ту бадӣ кардаам, бинобар ин Ту дар ҳукми Худ барҳақ ҳастӣ ва дар доварии Худ пок. Инак, ман дар гуноҳ офарида шудаам, ва модарам дар хато ба ман ҳомила гардидааст. Инак, Ту ростиро дар замирам хоҳон ҳастӣ, ва дар ботинам ҳикматро ба ман меомӯзӣ. Маро бо зуфо татҳир намо, ва ман пок хоҳам шуд; маро шустушӯӣ кун, ва ман аз барф сафедтар хоҳам шуд. Маро аз шодӣ ва хурсандӣ баҳраманд гардон, то устухонҳое ки Ту шикастаӣ, хушнӯд шавад. Рӯи Худро аз хатоям бипӯшон, ва ҳамаи гуноҳҳои маро маҳв кун. Худоё,* ***дили поке дар ман биофарин,*** *ва рӯҳи дурусте дар ботинам нав бикун. Маро аз пеши Худ дур нааандоз, ва Рӯҳулқудси Худро аз ман нагир. Шодии наҷоти Худро ба ман баргардон ва бо рӯҳи олиҳимматӣ маро дастгирӣ намо.*
>
> – Забур 50:3-14

*Зеро ки Ту қурбониро намехоҳӣ, вагар на меовардам; ба қурбонии сӯхтанӣ таваҷҷӯҳ намекунӣ. Қурбониҳои дилхоҳи Худо рӯҳи шикаста аст; дили шикаста ва залилро Ту, эй Худо, хор нахоҳӣ дид.*

– Забур 50:18, 19

Довуд ба сӯи Худо нола мекунад, то ки дар вай қалби поку самимӣ ва рӯҳи шикаста биофаринад. Дар асл, Довуд мегӯяд, ки дилеро пайдо кардан мехоҳад, ки аз нав эҳсос кунад. Аммо агар Довуд ба виҷдони худ гӯш медод, ҳеҷ гоҳ ба бало намеафтод. Бинобар ин дар ёд дошта бошед, агар шумо овози виҷдони худро хомӯш гардонед, дилатон сахт мешавад, ва шумо бори дигар, ва бори дигар, ва бори дигар ба осонӣ ин корро иҷро карда метавонед, ва ниҳоят овози Худоро дигар шунида наметавонед. Виҷдон – ин танҳо яке аз роҳҳои шунидани Худо. Албатта, Рӯҳулқудс ба мо бевосита сухан ронда, ҳидояту роҳнамоӣ мекунад. Ва, чи тавре ки ман аллакай гуфтам, Рӯҳулқудс моро ҳам бо овози баланд ва пурқудрат ва ҳам бо овози сокиту ором ислоҳ мекунад. Ман шунидаам, ки Ӯ ҳамчунин бо воситаи хобҳо ва рӯъёҳо сухан меронад. Ман роҷеъ ба ин дар боби навбатӣ нақл мекунам. Дар ин боб мо фаҳмидем, ки агар Худоро шунидан хоҳем, бояд виҷдони худро аз маҳкумиятҳо поку тоза нигоҳ дорем ва зуд тавба карда, онро нарму латиф маҳфуз дорем, то ки шунида тавонем!

## БОБИ 10

# РӮЪЁҲО ВА ХОБҲО

Ман якбора ба бистар нишастам ва ба Дренда гуфтам:

– Ту ба духтарча ҳомиладор ҳастӣ!

Аз панҷ фарзанди мо танҳо як бор Худо ба мо ҷинси онро гуфта буд. Ин Полли, фарзанди чоруми мо, буд. Ба фикрам, барои он ҳамин тавр карда шуда буд, ки мо вайро ҳифз карда тавонем, зеро вақте ки Дренда дар моҳи шашуми ҳомиладорӣ буд, оилаи мо ба садамаи нақлиётӣ дучор шуда буд. Ҷавоне, ки бо суръати 55 мил (90 километр) дар як соат ҳаракат мекард, рост рӯ ба рӯи мо якбора тормоз кард. Барои боздоштан вақт набуд, ва мо ба он мошин бархӯрдем. Ҳеҷ кас сахт осеб надид, вале ҳамаи мо ба беморхона рафтем. Дренда, ки ҳомиладор буд, аз тасмаи бехатарӣ, ки ба шиками вай бархӯрд, варам бардошт. Ӯ дар бораи Полли нороҳат шуд. Ба ҳар ҳол, азбаски Худо бо мо дар бораи Полли гап зада буд, мо худро ором ҳис мекардем ва медонистем, ки бо Полли ҳама чиз хуб аст, чуноне ки ҳамин тавр ҳам буд.

Дар бораи Полли ҳарф зада истода, дар ёд дорам, ки вай аллакай, ҳамчун зани шавҳардор, ба кӯдаки аввалини худ ҳомиладор буд. Ман ва Дренда бояд барои сафари хидматӣ ба хориҷа мерафтем. Мутаассифона, мӯҳлати зоиши Полли айнан ба байни ин сафари хидматӣ рост меомад. Ва албатта, агар ҳамсари маро мешиносед, Дренда намехост, ки вақти зоиши духтари худро монда, ба сафар равад. Аз ин рӯ, андеша кардем, ки оё сафарамонро бекор кунем.

Ман роҷеъ ба ин масъала андак вақтро бо дуо гузаронидам, ва Рӯҳулқудс ба ман гуфт, ки санаи зоиш нодуруст муайян карда шудааст ва кӯдак як рӯз пас аз баргаштани мо таваллуд мешавад. Ман ба Дренда нақл кардам, ки Худо ба ман оиди санаи аниқ сухан ронд, ва мо ба сафар баромадем. Вақте ки мо ба хона баргаштем, маҳз ҳамон рӯз, ки Худо нишон дода буд, Полли кӯдак таваллуд кард. Айвори, набераи навбатии мо, айнан дар мӯҳлати гуфташуда таваллуд шуд.

Ин мисолҳое мебошанд, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс бо мо дар бораи проблемаҳои зиндагӣ сӯҳбат мекунад, илова бар ин, суханони Рӯҳулқудс аз рӯҳи худи мо бармеояд. Аммо роҳҳои дигаре низ мавҷуд мебошанд, ки Рӯҳулқудс бо мо сӯҳбат мекунад ва онҳоро мо бояд донем.

> *Ва баъд аз он чунин воқеъ хоҳад шуд, ки Ман Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт, ва писарони шумо ва духтарони шумо нубувват хоҳанд намуд; пирони шумо хобҳо хоҳанд дид, ҷавонони шумо рӯъёҳо хоҳанд дид. Ва дар он айём бар ғуломон ва канизони шумо низ Рӯҳи Худро хоҳам рехт.*
>
> – Юил 2:28, 29

Тибқи суханони Юили набӣ, рӯзе фаро мерасад, ки Худо Рӯҳи Худро ба тамоми инсоният мерезад. Мо ҳоло дар ҳамин давра зиндагӣ карда истодаем. Дар рӯзи Пантикост Рӯҳулқудс ба онҳое нозил шуд, ки дар болохона интизор буданд. Издиҳом дид, ки ҳамаи одамоне, ки дар болохона буданд, бо забонҳои ғайр гап мезананд ва Худоро ситоиш мекунанд, гумон кард, ки онҳо мастанд, ва пурсид: “Ин чӣ маъно дорад?” Петрус бархоста, ба издиҳом муроҷиат кард.

> *Он гоҳ Петрус, бо он ёздаҳ нафар, бархоста ва овози худро баланд карда, ба онҳо гуфт: «Эй мардони Яҳудо ва ҳамаи сокинони Ерусалим! Инро бидонед ва суханони маро гӯш кунед: инҳо маст нестанд, чунон ки шумо гумон мекунед, зеро ки ҳоло соати сеи рӯз аст, балки ин ҳамон чиз аст,*

*ки Юили набӣ гуфтааст: “Ва дар рӯзҳои охир, мегӯяд Худо, чунин хоҳам кард: Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт, ва писарону духтарони шумо нубувват хоҳанд кард, ва ҷавонони шумо рӯъёҳо ва пирони шумо хобҳо хоҳанд дид; ва ҳатто бар ғуломону канизони Худ дар он рӯзҳо Рӯҳи Худро хоҳам рехт, ва онҳо нубувват хоҳанд кард”».*

– Аъмол 2:14–18

Хобҳо ва рӯъёҳо – ин қисми зиёди он чизҳое, ки Рӯҳулқудс ба мо гап мезанад. Ман намедонам, ки чаро Рӯҳулқудс баъзан бо садои ороми сокит, ва баъзан дар хоб гап мезанад. Ба фикрам, ҷавоб қисман аз хеле банд будани мо иборат мебошад. Вақте ки мо хомӯш мешавем, Ӯ диққати моро ҷалб карда метавонад. Ё шояд, аз он сабаб бошад, ки мо дар чунин парешонҳолӣ қарор дорем ё вазъиятҳо чунонанд, ки ин овози ороми сокитро шунидан душвор аст. Рӯҳулқудс танҳо боварӣ ҳосил кардан мехоҳад, ки мо паёмро фаҳмидем. Охир, аз сад бор шунидан як бор дидан беҳтар аст. Бо ҳар сабабе ки ҳам бошад, ман Худоро барои хобҳо ва рӯъёҳо шукргузорӣ мекунам. Хобҳо ва рӯъёҳо ба ҳам монанданд. Ҳам ин ва ҳам он лавҳаҳое мебошанд, ки мо мебинем, ва фақат фарқ дар он аст, ки мо рӯъёҳоро дар вақти бедорӣ мебинем, аммо хобҳо лавҳаҳое мебошанд, ки дар вақти хобидан мебинем.

Дар мавриди рӯъёҳо, ман ҳамагӣ якчанд бор рӯъёҳое дида будам, ки онҳоро рӯъёҳои кушод меномам, яъне рӯъёҳое, ки шумо бедор ҳастед ва онро ҳамчун воқеият мебинед. Рӯъёи муҳимтарини ман вақте буд, ки дар 19-солагиам ман барои мавъиза кардан даъват шуда будам. Тақрибан як моҳ пеш аз он ман бо Рӯҳулқудс таъмид гирифта будам. Албатта, ҳамаи ин барои ман нав буд, чунки дар калисои мазҳабие, ки ман ба он равуо мекардам, дар бораи Рӯҳулқудс на он қадар зиёд таълим медоданд.

Вале ин зодрӯзи ман буд, ва маро ба таоми шоми бароҳат бо дӯстон даъват карданд. Мо ба сари миз нишастем, барои хӯрок шукргузорӣ кардем, ва ногаҳон ман ҳис кардам, ки Рӯҳулқудс бо

фаровонӣ ба ман нозил шуд. Боз ҳам, ман дар ин корҳо навёдгир будам, аммо аз рӯи таъмид бо Рӯҳулқудс медонистам, ки вақте Ӯ ба ту нозил шавад, чиро ҳис мекунӣ. Дар он лаҳза ман чи кор карданамро намедонистам, аз ин рӯ иҷозат пурсидам, ки аз сари миз бархоста, ба берун бароям, чунки дари баромад рост дар пушти ман буд.

Вақте ки ман ба кӯча баромадам, ман рӯъёи кушод дидам, яъне ба мисли он ки ман имрӯз ба ягон чизи воқеӣ нигоҳ карда истода бошам, ин чизҳоро ба таври воқеӣ дидам. Ман дидам, ки дар сари минбари калоне истодаам ва бо одамон дар толор сӯҳбат мекунам. Дар бино тақрибан 30-40 нафар ҳузур доштанд, ҳама дар курсиҳои қатшаванда нишаста буданд. Ман мефаҳмидам, ки ҳоло шаб аст, зеро аз тиреза намоён буд, ки дар берун ҳаво тамоман торик мебошад. Сипас овозе ба гӯшам расид, ки мегуфт: "Ман туро барои мавъиза кардани Каломи Худ даъват мекунам". Ин се бор такрор шуд, сипас тасвир нопадид шуд, ва тадҳин ҳам гум шуд. Вақте ки ман ба хона баргаштам, дӯстонам аз ман пурсиданд, ки чӣ воқеа рӯй дод, ва ман ҷавоб додам: "Ба фикрам, ман худи ҳозир барои мавъиза кардан даъват карда шудам!"

Дар ёд дорам, ки чӣ тавр ба хона баргашта, ба падарам ҳодисаи рӯйдодаро нақл кардам. Ӯ гуфт, ки воизон на он қадар хуб пул кор мекунанд. Ин ҳама чизе буд, ки ӯ гуфт. Дар он вақт ӯ масеҳӣ набуд, аммо, ҷалол ба Худо, вақте ки 80-сола буд, ба Исо қалби худро тақдим кард, ва ҳоло ӯ дар Малакути Худо аст.

Дар ҳолати мазкур, ман бовар дорам, ки Рӯҳулқудс бо ман дар рӯъёи кушод гап зад, чунки, аввалан, ман ҷавон будам. Ӯ медонист, ки дар роҳи хидмати Ӯ аз тарафи оилаи худ ба таъқибот дучор мешавам ва ба ман барои роҳи дарпешистода ин лангар лозим аст. Ва воқеан, ин рӯъё тамоми ин солҳо ба ман зоҳир шудан мегирад.

Боз як рӯъёи кушоди ман дар хонаи кӯҳнаи деҳқонӣ, ки мо дар он зиндагӣ мекардем, рӯй дода буд. Мо дар ин хонаи кӯҳнаву валангор қариб нӯҳ сол зиндагӣ карда будем, ва қисми зиёди ин вақт аз камбағалии сахт азият мекашидем. Аммо вақте мо донистем, ки

Подшоҳии Худо чӣ тавр амал мекунад, ба некӯаҳволӣ шурӯъ кардем ва аз қарзҳоямон пурра раҳо шудем.

Маҳз дар ҳамон лаҳза Худо он рӯъёеро, ки дар 19-солагиам аён шуда буд, яъне дар он вақт, ки маро Ӯ барои мавъиза кардан даъват карда буд, иҷро кард. Маҳз дар ҳамон лаҳза, пас аз 21 соли ба хидмат даъват шудани ман Худо ба ман гуфт, ки калисо таъсис диҳам. То ин лаҳза ман дар коллеҷ таҳсил мекардам ва дар соҳаи молия дар давоми 21 сол кор мекардам. Ва акнун, вақте ки ман 40 сола будам, Худо ба ман гуфт, ки амал намоям ва калисои худро таъсис диҳам.

Мо дар таҳхонаи радиостансияи масеҳӣ калисо кушодем, ва дар шоми аввал, вақте ки дар он ҷо ҷамъ омадем, ҳама чиз бо рӯъёе, ки Худо 21 сол муқаддам ба ман дода буд, мувофиқ омад. Дар ҳамон ибодати аввалин ман ҳамон одамонеро дидам, ки дар курсиҳои қатшаванда нишаста буданд, ва ҳамон тирезаҳоеро дидам, ки за сабаби фарорасии шаб торик менамуданд. Ман ҳамон минбари хурдакакро низ дидам.

Ман ва Дренда калисо таъсис додем ва аз Подшоҳии Худо чунон рӯҳбаланд будем, ки барои мо дар куҷо зиндагӣ кардан комилан фарқ надошт. Мо медонистем, ки охири охирон мо бояд хонаи деҳқониро тарк кунем, зеро мо акнун панҷ фарзанд доштем, ва ба мо ҷой тангӣ мекард. Аммо мо чунон бо бизнеси ривоҷёбанда ва калисо фаро гирифта шуда будем, ки ҳамин тавр ҳам худро хушбахт ҳис мекардем.

Аммо боре, аз калисо ба хона баргашта, ба меҳмонхона даромадам ва ба диван нишастам. Вақте ки ман нишастам, ногаҳон ҳуҷра дар атрофи ман нопадид шуд, ва ман айни ҳамон ҳуҷраро медидам, ки дар он ҷо нишаста будам, вале акнун бе ягон ҷиҳози хона. Аз даре, ки худи ҳозир ба воситаи он ба ҳуҷра даромада будам, ошхона намудор буд ва диване, ки ман дар он нишаста будам, дар рӯ ба рӯи дар меистод. Ман аз ҷои худ дар меҳмонхона нишаста, ошхонаро медидам. На танҳо меҳмонхона комилан холӣ буд, балки ошхона низ. Рӯъё ҳамагӣ панҷ сония давом кард, ва, онро дида, ман

фаҳмидам, ки фурсати тарк кардани ин хона фаро расидааст. Вақте ки рӯъё тамом шуд, ман зуд ба Дренда нақл кардам, ки чӣ рӯй дод ва гуфтам, ки вақти рафтан фаро расид.

Ва боз ман боварӣ дорам, ки дар ин ҳолат рӯъё барои он истифода бурда шуд, ки нақшаи Худо маълум карда ва фаҳмонида шавад. Мо банд будем, ва минбаъд ҳам ба таъхир гузоштан осон мебуд. Аммо дар рӯъё зарурияти ногузир эҳсос карда мешуд: “Вақти рафтан фаро расид!!!” Танҳо дертар мо фаҳмидем, ки сабаби таъҷилӣ чӣ буд. Мо хонаи деҳқониро дар давоми ин нӯҳ сол ба иҷора гирифта будем ва медонистем, ки вақте сохтмони манзиле, ки хеле пештар ба нақша гирифта шуда буд, сар мешуд, мо бояд аз он ҷо мерафтем.

Хулоса, Худо моро ба замини дилпазире ҳидоят кард, ки дар он мо хонаи нави худро бино кардем. Мо ба нақша гирифта будем, ки шитоб накарда, сохтмони хонаро ба пеш барем, зеро вақт доштем ва ба назар гирифта будем, ки барои ин як ё ду сол лозим мешавад. Аммо вақте ки мо тақрибан якуним сол ба сохтмони хонаи нав машғул шудем, соҳибхона занг зада, гуфт, ки пас аз як моҳ мо бояд аз он хоначаи деҳқонӣ кӯчида равем. Мо ба вай гуфтем, ки хонаи нав сохта истодаем, ва хоҳиш кардем, ки мӯҳлатро ду-се моҳ дароз кунад, ӯ ба ин розӣ шуд, вале бе таъхиргузории минбаъда.

Хуб, мо ғайрат кардем ва айнан дар охири вақти имтиёзӣ муяссар шудем, ки ба хонаи нав кӯчем. Агар Худо ҳамон вақт дар рӯъё ба мо дар бораи кӯчидан намегуфт, ба мо лозим мешуд, ки чанд маротибаи дигар кӯч кунем, ва азбаски мо хеле банд будем, ин бароямон мушкил мешуд.

Бешубҳа, воқеаи ҷилои кабудранг, ки дар аввали ин китоб ба шумо нақл кардам, воқеае, ки ҳаёти маро дигар кард, низ рӯъёи кушод буд. Он аз он ҷиҳат андаке фарқ мекард, ки ман манзараи ояндаи ҳаёти худро надидам, аммо ман бо ҷилои кабудранг фаро гирифта шуда будам ва овози Рӯҳулқудсро, ки маро ба сӯи халқҳо ҳидоят мекард, ба таври возеҳ мешунидам.

Ман боварӣ дорам, ки боз чандин рӯъёҳои кушод доштам, аммо

ба назарам чунин менамуд, ки хобҳо хеле зиёд буданд. Вақте ки ман ба Албаниё рафтанӣ будам, тақрибан як ҳафта пеш аз сафар дар бораи саёҳати дарпешистода хоб дидам. Дар он давраи ҳаёти худ ман, мисли ҳозира, умуман сафар намекардам, ва то даме ки Худо он рӯз бо ман сухан нагуфт, ҳеҷ гоҳ ба ин гуна сафарҳо шавқ надоштам.

Вале як ҳафта пеш аз рафтан ман хоб дидам. Дар хоб ман дар ҳуҷраи духтур дар мизи муоина дароз кашида будам, ба ҳуҷра ҳамшираи шафқат ворид шуд ва гуфт, ки вай бояд хун гирад, ва дасти маро гирифта, ангушти мобайниамро барои таҳлил интихоб кард, ки ин ба назарам аҷиб намуд. Вале шумо медонед, ки дар хоб чӣ гуна аст; чизҳое ҳастанд, ки шумо ҳамту медонед.

Ва дар ин хоб ман ҳамту медонистам, ки пеш аз тарк кардани сайёра, ҳар як ангушти ман барои гирифтани хун сӯрох карда хоҳад шуд. Ин ба ман таъсир расонд, зеро дар мактаби библиявӣ ба ман таълим дода буданд, ки дастро барои ба ёд овардани панҷ хидматгузорӣ дар калисо истифода бурдан мумкин аст: ангушти калон – ҳавворӣ, ангушти ишоравӣ – набӣ, ангушти миёна – башоратдиҳанда, ангушти халқа – шубон ва ангушти хурд – муаллим, ки бо шубон якҷоя кор мекунад.

Аз ин рӯ ман фаҳмидам, ки ҳамшира ба ман чӣ гуфт. Ман медонистам, ки дар давоми умри худ, ҳадди ақал дар ягон лаҳзаи он, ман дар ҳар хидматгузорӣ кор хоҳам кард. Албатта, ман шубон ва муаллим ҳастам, вале ҳамчунин ман медонам, ки дар робита бо Подшоҳии Худо ва молиёт ба калисо нубувват мекунам. Вақте ки ман дар Албаниё будам, Исо маро маҳз ба ҳамин кор даъват карда буд. Дар хобам ҳамшира ба ангушти миёнаи ман сӯзан зад, ва ман фаҳмидам, ки барои Хушхабар расонидан ба халқи Албаниё маро ба ҳайси башоратдиҳанда мефиристанд. Ман ҳоло акнун дар ин давраи умри худ ба хидмати ҳавворӣ машғул шуда истодаам.

Ба ҳар ҳол, дар идомаи хоб, пас аз сӯзан задан ба ангушти миёна, ҳамшира кафи дастони худро ба ҳамдигар гузошта, чуноне ки бачагони хурдсол ҳангоми дуо ин тавр мекунанд, ба ман нигоҳ

кард ва гуфт: “Дуо кун”. Ӯ ин суханро бо овози шунаво нагуфт, балки танҳо бо лабҳо, чуноне ки дар ҷойҳое, ки гап задан мумкин нест, ҳамин тавр мекунанд. Аз ин хоб ман фаҳмидам, ки маро ба ҳайси башоратдиҳанда ба Албаниё мефиристанд, ва ман дар бораи ин сафар бояд дуо кунам.

Ман бисёр хобҳо дида будам, хеле бисёр, то ки онро ҳисоб кардан ё ин ҷо тасвир кардан мумкин бошад, аммо хобҳо – ин овози Рӯҳулқудс. Ман одамонеро вохӯрдаам, ки қариб ҳар шаб хоб мебинанд, ва ҳамааш ин қадар “рӯҳонӣ” мебошанд. Ман чунин меҳисобам, ки хоб аз хоб фарқ дорад, ва баъзе одамон, ки худро шахси рӯҳонӣ вонамуд кардан мехоҳанд, ба худ раво мебинанд, ки аз ҷиҳати рӯҳонӣ ба ғурур дода шаванд, ва хобҳоеро мебинанд, ки аз Худо нестанд. Аммо ман на ҳама вақт хоб мебинам. Мумкин аст, ки ман дар як сол аз чор то дувоздаҳ хобҳо дида бошам, ки, ба донистанам, аз Худо мебошанд ва ба ман дар бораи ягон чизи муҳим хабар медиҳанд. Албатта ин шумора метавонад кам ё зиёд бошад. Фикр намекунам, ки дар ин маврид шумора муҳим аст. Муҳим он аст, ки шумо ба воситаи хобҳо чиро мефаҳмед.

Хоби тақдирсоз, ки ҳаёти маро айнан дигар кард, он вақт ба ман аён шуд, ки Худо фармуда буд, то ки ман ширкати молиявиро тарк кунам. Ман дар он ширкат ҳашт сол кор карда будам. Худо ба воситаи хоб ба ман гуфт, ки ширкати хусусиеро таъсис диҳам, то ин ширкат ба одамон барои раҳо шудан аз қарзҳояшон ёрӣ диҳад. Ин хоб хеле пураҳамият буд.

Ҳамчунин хобҳои огоҳкунанда вуҷуд доранд. Ман як хоби хеле даҳшатнокро ба ёд оварда метавонам, ки огоҳӣ буд. Ман он хобро вақте дида будам, ки дар хидматгузорӣ ҳолати мо дар масъалаи пул хеле бад буд, мо фишори молиявӣ эҳсос мекардем. Дар хоб ман дар бистари худ дароз кашида, хоб кардан мехостам. Дари хонаи хоб кушода буд, ва ман дар роҳрав овози пастро шунидам (дар хоб) ва ба тарафи дар нигоҳ кардам. Ман дар он ҷо деви хурдеро бо сеюним фут дидам, ки халтаи пур аз пулро кашола карда мебурд. Он халтаи Бобои Барфиро ба ёдам меовард. Халта аз паси дев кашола шуда

мерафт ва он аз пул пур буд. Дев ба самти баромадгоҳи хона равона буд. Ман шунидам, ки вай чӣ тавр ба кунҷ тоб хӯрда, ба ошёнаи сеюми мо баромад. Вақте ки ман бедор шуда, дар бораи ин хоб фикр мекардам, он гоҳ ман фаҳмидам, ки Худованд ба ман нишон дод, ки пулҳо duздида ё гум шудаанд.

Мутааҷҷибона, ман миқдори пулеро, ки дар ин халта буд, пайхас мекардам. Дар ёд дорам, ки ба назарам, дар он тақрибан 25 000 доллар пул буд. Ман ҳамчунин тавре ки ҳис кардам, азбаски дев аз хона набаромад, балки танҳо пулро ба боло баровард, пас шахс ё одамоне, ки дуздӣ карданд ё пулро аз рӯи таъинот истифода набурданд, аъзои хона буданд, ва дар зери мафҳуми хона ман хидматгузориро мефаҳмидам. Хуб, аввалин, коре, ки ман рӯзи минбаъда кардам, ин буд, ки ман ба пресвитери калон занг задам ва аз вай хоҳиш кардам, ки китобҳои муҳосиботиро дар шӯъбаи молиёт тафтиш кунад. Ҳангоми тафтиш мо хароҷотҳои зиёди нолозимаро мушоҳида кардем. Вақте ки мо ин хароҷотҳои ҳармоҳаи барзиёдро ҷамъ кардем, онҳо қариб 25 000 долларро ташкил доданд. Мо муайян кардем, ки дар асл касе дуздӣ накардааст, вале аз фориғболӣ пулҳо беҳуда сарф шудаанд, ва мебоист аз ягон ҷиҳат сарфакорӣ карда, пулҳоро нигоҳ доштан мумкин буд.

**ХУДО ҲАМЧУНИН ХОБҲОРО ИСТИФОДА БУРДА, БА ШУМО СТРАТЕГИЯ ДОДА МЕТАВОНАД.**

Худо ҳамчунин хобҳоро истифода бурда, ба шумо стратегия дода метавонад. Дар соли 2018 ман хоби оддие дидам, ки дар он чунин суханонро шунидам: “Киштиҳоро даъват кунед”. Ман инро навишта гирифтам, аммо ҳеҷ фаҳмида наметавонистам, ки ин чӣ маъно дорад. Ман аз Худованд пурсиданро давом медодам ва ба ҳеҷ кас, ба ғайр аз Дренда, дар бораи ин хоб нагуфтам.

Дар ҷамъомади мардонаи мо дар моҳи январ ман вазифаҳои худро барои як сол изҳор кардам. Яке аз онҳо ташкили гурӯҳҳои хурд дар сатҳи миллӣ буд, ки аллакай чандин сол дар назар доштам,

аммо ҳис мекардам, ки ҳамин сол амалӣ кардан зарур аст. Баъд аз ҷамъомад яке аз ҷавонон ба наздам омад ва гуфт, ки ба ман баён кардани чизеро, ки гуфтан мехоҳад, ба нақша гирифта, худро аблаҳ ҳис мекунад, аммо ниҳоят гуфт: "Худованд гуфт, ки шумо ҳамчун Елена Троянская ҳастед". Ман намефаҳмидам, ки суханони вай чӣ маъно дорад, аз ин рӯ вай ба фаҳмонидан шурӯъ кард, ки чиро дар назар дорад. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки ба ман номае фиристонад ва дар он нома чизеро, ки ба ман гуфтан мехоҳад, такрор кунад. Ана ин аст номаи ӯ:

*Шоҳи Спарта Менелай фармон дод, ки барои аз трояниҳо наҷот додани занаш Елена 1000 киштӣ равона кунанд. "Шахсе, ки ҳазор киштиро ба кор андохтааст" – тарзи гуфтори хеле машҳуре аст, ки ба Елена Троянская тааллуқ дорад.*

*Рӯзи чоршанбе, 30 январи соли 2019, вақте ки шубон дар ҷамъомади мардона дар Апекс баромад кард, Худованд гуфт, ки ӯ ба Елена Троянская монанд аст, вақте подшоҳ 1000 киштиро ба кор меандозад, то шахсонеро, ки раҳгум задаанд, имони худро гум кардаанд, оила ва пулҳои худро аз даст додаанд, наҷот диҳад.*

*Дар хидмати Ӯ,*

*Ҳорун*

Рӯзи дигар ӯ ба ман боз як нома фиристод.

*Шубон.*

*Ман мехоҳам, ки аз нуқтаи назари ҳарбӣ ба Елена Троянская баҳо диҳам. Барои бисёр шахсон ин қиссаест дар бораи подшоҳе, ки барои наҷот додани зани худ 1000 киштиро ба кор андохтааст. Аммо барои шахсе, ки тафаккури ҳарбӣ дорад, ин амалиёти ҷангие буд, ки номи "Елена Троянская"-ро гирифт. Ба ҳар як амалиёти ҷангӣ ном гузошта мешавад.*

*Масалан, амалиёти ҳарбии “Гурбаҳои баҳрӣ-6” оид ба забт кардани бошишгоҳи Усома ибни Лодан “Найзаи Нептун” ном дошт. Ман дар амалиётҳое, ки чунин номҳои гуногун ба мисли “Майк, ба пеш”, “Элвис Маршалл” ва “Санта-Клаус” доштанд, иштирок кардаам.*

*Ба амалиётҳои ҷангӣ ном мегузоранд, то ки онҳо ба таври осон муайян карда шаванд ё намуди амалиёт ва шахсоне, ки барои ташкил кардан ва гузаронидани он масъул мебошанд, тавзеҳ ёбанд. Вақте Худованд гуфт, ки шумо ба Елена Троянская монанд ҳастед, зеҳни низомии ман онро чунон тафсир кард: шубон Гэри барои наҷот додани шахсоне, ки роҳгум задаанд, дар имон, дар оила ва дар молиёт гум шудаанд, амалиёти “Елена Троянская”, яъне миссияро оид ба сар додани 1000 киштӣ ба об амалӣ мекунад.*

*Зиёда аз ин, вақте ки ман дар бораи ба кор андохтани 1000 киштӣ мешунавам, ман ҳамчунин оиди шумораи сарбозон, шахсони ёрирасон, омӯзиш, таъминот ва рафти идоракунӣ, ки барои ба кор андохтани ҳар як киштӣ лозим мебошанд, андеша мекунам. Ҳеҷ кас пурқудраттар аз шумо нест, ки ба ин қувваҳо фармон диҳад ва ин лашкарро барои Подшоҳии Худо сафарбар кунад. Шумо солҳои зиёдро ба харҷ додед, то ки моро барои ин лаҳза омода кунед. Ман ва оилаам боварӣ дорем, ки узвҳои боқимондаи Бадан амалиётро бесаброна интизор ҳастанд.*

*Дар хидмати Ӯ,*

*Ҳорун*

Ҳорун “гурбаи баҳрӣ” буд ва дар 21 соли хидмати ҳарбӣ дар 9 амалиёти ҷангӣ иштирок кардааст· Саргузашти ӯ нишон медиҳад, ки чӣ тавр ҳаёти ӯ бо қуввати Салиб куллан дигаргун гаштааст· Худованд дар хоб ба ман гуфта буд, то ки ман киштиҳоро даъват кунам· Ӯ дар бораи ин чизе намедонист. Аммо ба туфайли «каломи дониш»-и ӯ

дар он фикр мустаҳкам шудам, ки ман дуруст шунидаам, ва ин ба ман ёрӣ дод, то ба роҳе, ки Худо барои ман тайёр карда буд, равона шавам. Ҳадафи мо ташкили 1000 гурӯҳи хурд дар саросари кишвар аст, то ки Хушхабари Подшоҳии Худо дар ҳама ҷо паҳн шавад. Агар шумо узви ин артиш шудан хоҳед, бо воситаи вебсайти ман Garykeesee.com. бо ман тамос гиред.

Ба фикрам, шумо асли гапро фаҳмидед. Хоб – ин усули беҳтарине, ки бо ёрии он Худо бо халқи Худ гап мезанад, вайро роҳнамоӣ мекунад, стратегия медиҳад, огоҳ месозад ва тасаллӣ мебахшад.

Пеш аз тамом кардани ин боб, ман боз усулеро илова кардан мехоҳам, ки Худо барои муайян кардани самти стратегия истифода мебарад, ва ин атои нубувват аст. Ҳорун дар мавриди нақшаҳои ман оиди ба кор андохтани иқдоми нав каломи дониш гирифт. Каломи дониш айнан он маъноеро ифода мекунад, ки садо медиҳад – каломи дониш. Ин донишест, ки аз Рӯҳи Худо ба шумо дода мешавад, чизеро, ки худи шумо дониста наметавонистед. Каломи дониш дар боби 12-уми Нома ба Қӯринтиён ҳамчун яке аз нӯҳ атои Рӯҳулқудс зикр карда мешавад. Дар ин китоб ман дар бораи атоҳои рӯҳонӣ таълим доданӣ нестам, аммо дар бораи яке аз онҳо, яъне оиди каломи нубувват нақл кардан мехоҳам.

Он қадар шумораи зиёди одамон аз сабаби фаҳмиши нодурусташон оиди ин ато ҳаёти худро хароб кардаанд, ки дар бораи он ёдоварӣ карданро зарур мешуморам. Вақте ки одамон дар бораи нубувват фикр мекунанд, онҳо набиеро тасаввур мекунанд, ки онҳоро даъват мекунад, бо ангушт ба рӯяшон ишора менамояд ва чизе ба мисли ин мегӯяд: "Шумо бояд ба Африқо равед" ё "Шумо барои шубон шудан даъват шудаед". Ҳар дуи ин изҳорот метавонанд ифодаи аниқи нубуввати ҳаққонӣ буда бошанд, аммо комилан нодуруст ҳам буда метавонанд. Ҳамааш аз он вобаста аст, ки шумо онҳоро чӣ тавр мехонед. Агар ин изҳоротро ҳамчун роҳнамоии мушаххас тафсир кунед, ҳар дуи онҳо нодуруст мешаванд, аммо агар ҳамчун як андеша тафсир кунед, пас онҳо дуруст буда метавонанд.

*“Аммо касе ки нубувват мекунад, вай ба одамон барои обод кардан ва насиҳату тасаллӣ додан сухан меронад” (1 Қӯр. 14:3).*

Ана ҳамин тавр. Дар он ягон гапе нест, ки шумо бояд ба воситаи нубувват роҳнамоӣ ёбед, аммо аксари одамон ба гумони он, ки нубувват роҳнамоӣ медиҳад, онро маҳз ҳамин тавр қабул мекунанд. Аммо, тибқи гуфтаҳои Павлус, нубувват танҳо самтро тасдиқ мекунад, вале онро намедиҳад. Мефаҳмед, он лаҳза ки шумо аз олами боло таваллуд шудед, Рӯҳулқудс дар дарунатон мегӯяд, ки шумо чӣ кор бояд кунед.

**“АММО КАСЕ КИ НУБУВВАТ МЕКУНАД, ВАЙ БА ОДАМОН БАРОИ ОБОД КАРДАН ВА НАСИҲАТУ ТАСАЛЛӢ ДОДАН СУХАН МЕРОНАД”.**

**– 1 ҚӮРИНТИЁН 14:3**

Ба шумо марде ё зане лозим нест, то ба шумо гӯяд, ки шумо барои Исо чӣ кор бояд кунед. Аммо каломи нубувват он чиро, ки шумо медонед, тасдиқ мекунад.

Масалан, изҳоротеро мегирем, ки ман овардам: «Шумо бояд ба Африқо равед». Ман гуфтам, ки ин мисоли ҳаққонии каломи нубувват шуда метавонад, агар Рӯҳулқудс аллакай дар ин бора ба шумо гуфтааст ва Ӯ онро ба воситаи ин калом тасдиқ мекунад. Вале агар шумо дар бораи сафар ба Африқо фикр накардаед ва аввалин бор шунидед, пас дар калисои Аҳди Ҷадид ин мисоли ҳақиқии каломи нубувват шуда наметавонад.

Ин як беақлӣ аст – шунидани он, ки одамон чӣ мегӯянд. Ба назди ман масеҳиён омада, мегӯянд: “Худо дар ҷамъомад гуфт, ки ман бояд равнақ ёбам”. Дар асл умуман лозим набуд, ки касе ба шумо гӯяд, ки равнақ хоҳед ёфт; Китоби Муқаддас дар ин бора ба мо гуфтааст. Ман мебинам, ки чӣ тавр масеҳиён дар гирду атроф гаштугузор карда, аз одамон мепурсанд, ки оё касе барои онҳо каломе дорад. Лозим нест, ки касе ба шумо калом гӯяд! Рӯҳулқудс дар шумо бо шумо

сӯҳбат мекунад, ва ҳамчунин Худо каломи нубувват мефиристад, то ки шуморо рӯҳбаланд кунад, вале на барои он ки шуморо роҳнамоӣ кунад.

Аз ҳама мисоли таъсирбахши ин дар ҳаёти ман вақте рӯй дода буд, ки ман бо Дренда вомехӯрдам. Ман ба назди оилаи ӯ ба Ҷорҷия рафтанӣ будам, то ки вайро хостгорӣ кунам. Ман ба нақша гирифта будам, ки дар он ҷо ба калисои маҳаллии онҳо равем. Дар он вақт ба ман дар соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ кор пешниҳод карда буданд, вале ман муддати дароз ба он муқобилат мекардам. Ман дар 19-солагӣ барои мавъиза карда даъват шуда будам ва навакак коллеҷро аз рӯи Аҳди Қадим бо дараҷа хатм карда будам, аммо худро барои розӣ шудан ба ин кор дар соҳаи молиёт вазифадор ҳис мекардам. Ман ҳайрон будам, ки чӣ кор бояд кунам.

Пас аз ибодати рӯзи якшанбе дар калисои маҳаллии Дренда як зани ба ман ношинос, вале аниқ ба Дренда шинос ба назди ман омад ва гуфт, ки ӯ барои ман калом дорад. Ӯ гуфт: «Шумо дар бораи пешниҳоди кор фикр карда истодаед. Ин кор 10 ҷиҳатҳои зерин дорад...» Ва он зан ҳар кореро, ки ман дар ин корхона бояд иҷро мекардам, номбар кард. Ӯ гуфт: «Шумо бояд ин пешниҳодро қабул кунед, ин иродаи Худо аст». Дар ин ҳолат худи ман ба ин майл мекардам, аммо намефаҳмидам, чаро ин тавр ҳис мекунам. Каломи нубуввати ӯ ба кадом самт ҳаракат кардани маро тасдиқ карда, ба ман рӯҳбаландӣ ва тасаллӣ овард. Боз ҳам такрор мекунам, Рӯҳулқудс шуморо ҳидоят мекунад ва мушовири шумо мешавад.

БОБИ 11

# РӮҲУЛҚУДС ҲАМЧУН САРДОРИ МАН САДО МЕДИҲАД

Вақте ки калисои ман хурд буд, мо як оила доштем, ки ба кор эҳтиёҷ дошт. Онҳо оилаи олиҷаноб буданд ва ҳамеша ба калисо кӯмак кардан мехостанд. Аммо баъзан чунин менамуд, ки онҳо ба пул эҳтиёҷ доранд. Боре падари хонавода боз бекор монд, ва ман тасмим гирифтам, ки ба онҳо кӯмак кунам. Он вақтҳо ман ба сохтмони хонаи худ машғул будам ва тамоми корҳои электрикиро худам анҷом медодам. Ман фаҳмидам, ки падари хонавода кореро, ки ба нерӯи барқ марбут аст, хуб мефаҳмад, ва ба вай пешниҳод кардам, ки каме пул кор кунад, чунки дар оилаи ӯ хӯрок тамом мешуд. Вай омада, тамоми корҳои электрикиеро, ки ба вай бовар карда супоридам, бо сифати баланд анҷом дод.

Ман феълан дар ин бора фикр накардам, вале тақрибан як моҳ пас ин ҷавон ба ман занг зад. Ӯ гуфт, ки чанд нафар одамон ҷамъ шуданд, то ки дар ҳаққи ман дуо гӯянд. Ман пурсидам: “Дар бораи чӣ?” Ӯ гуфт, ки дар калисо чизеро иваз кардан лозим аст ва иборат аз 10 пункт рӯйхате дорад, ки онҳо муҳокима кардаанд. Чизи аввалин дар рӯйхат ин буд, ки хонаи ман хеле калон аст. Ӯ рӯирост аз ман пурсид, ки калисо ба ман чанд пул маош медиҳад, то сохтани ин гуна хонаро ман ба худ раво бинам. Ман зуд ба ӯ ҷавоб додам, ки калисо ба ман

як сент ҳам намедиҳад, ва ман аз калисо маош намегирам. Баъд аз ин суханон чанд лаҳзае хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Баъд ӯ гуфт: “Калисо ба шумо маош намедиҳад?” “Айнан ҳамин тавр”, – ҷавоб додам ман. Боз хомӯшӣ ҳукмфармо шуд, ва ӯ ниҳоят гуфт: “Хуб, эҳтимол, бояд медод”. Ва бо ҳамин сӯҳбат тамом шуд.

Тақрибан пас аз як ҳафта ё наздик ба ин, ман шунидам, ки дар як ширкат ҷои кор ҳаст. Ба назари ман чунин менамуд, ки ин ширкат дар доираи таваҷҷӯҳи ӯ аст, ва ман дар ин бора ба ӯ хабар додам. Ӯ рафта, ариза дод ва ба кор қабул шуд. Фаромӯш накунед, ки дар ин лаҳза оилаи ӯро аз хона ронданӣ буданд. Бинобар ин, вақте баъд аз як ҳафтаи кор ӯ ба калисо омада гуфт, ки аз кор хориҷ мешавад, ман ба ҳайрат афтодам: “Ту аз кор хориҷ мешавӣ? Барои чӣ?” Ӯ нақл кард, ки рӯзи ҷумъа баъди ҷаласаи ҳарҳафтаина аз ӯ хоҳиш карданд, ки фаршро рӯбучин кунад. Ӯ гуфт, ки ҳамон замон аз кор даст кашид ва ба онҳо гуфт, ки барои рӯбучини фарш ба кор қабул нашудааст. Ман ба он чизе, ки шунидам, бовар карданам мушкил буд. Ман медонистам, ки агар ин ҷавон дар зиндагӣ комёб шудан хоҳад, ӯро имтиҳонҳои вазнин интизоранд. Ман ҳамеша ба ҳамсари ин ҷавон раҳм мекардам. Дере нагузашта онҳо калисоро тарк карданд, ва ман намедонам, ки бо онҳо чӣ рӯй дод. Бо вуҷуди ин ман дар пешгӯӣ кардан бад нестам. Бо назардошти муносибати мағрурона ва ба кор майл надоштани ӯ, ман тахмин карда метавонам, ки дар ҳолномаи ӯ дар бораи кор бисёр қайдҳо мешаванд, ва аксари онҳо кӯтоҳмуддат хоҳанд буд. Некӯаҳволии ӯ асосан дар сатҳи зинда мондан хоҳад буд. Маро нодуруст нафаҳмед. Одамон дигар мешаванд, ва ман дар ҳақиқат умедворам, ки ӯ ба хотири манфиати худаш дигар мешавад. Аммо ман аз рӯзе, ки ӯро мешиносам, аниқ медонам, ки ӯ ба самти нодуруст ҳаракат мекард. Мебинед, ӯ овози Худоро ба эътибор намегирифт.

“Дар бораи кадом овози Худо шумо ҳарф мезанед?” – мепурсед шумо. Боварӣ дорам, ки агар аз вай мепурсидед, ҳамин тавр ҷавоб медод, чунки дар он вақт ӯ камтарак ҳам фаҳмиш надошт. Аммо ӯ яке аз усулҳои асосии омӯзиш ва омодакунии одамонро барои

тақдирашон, яъне омӯхтани итоаткориро сарфи назар мекард.

Ман медонам, ки номи ин боб шуморо ҳайрон карда метавонад. Сардори ман ба Рӯҳулқудс чӣ робита дорад? Дар ин боб шумо хоҳед донист, ки сардоратон ба қобилияти шумо оид ба шунидани Рӯҳулқудс алоқамандии зиёд дорад!

Ман тадқиқи ин мавзӯи ҳаётан муҳимро аз Инҷили Матто сар кардан мехоҳам.

> *Чун Исо вориди Кафарнаҳум шуд, мирисаде назди Ӯ омад ва илтимос карда, гуфт: "Худовандо! Хизматгори ман гирифтори фалаҷ шуда, дар хона хобидааст ва азоби сахте дорад".*
>
> *Исо ба вай гуфт: "Ман омада, ӯро шифо хоҳам дод".*
>
> *Мирисад дар ҷавоб гуфт: "Худовандо! Ман лоиқи он нестам, ки Ту зери сақфи ман биёӣ; балки фақат сухане бигӯ, ва хизматгори ман шифо хоҳад ёфт;* ***зеро ки ман як фармонбар ҳастам, ва дар зери итоати худ низ сарбозонро дорам; ба яке мегӯям: "Бирав", меравад; ба дигаре мегӯям: "Биё", меояд; ба ғуломи худ мегӯям: "Фалон корро бикун", мекунад".***
>
> *Ва Исо ин суханонро шунида, дар тааҷҷуб монд ва ба пайравони Худ гуфт: "Ба ростӣ ба шумо мегӯям: чунин имоне дар Исроил ҳам наёфтаам".*
>
> – Матто 8:5-10

Барои чӣ ин шахс ин қадар осон бовар кард, ки Исо хизматгори ӯро шифо дода метавонад? Худи ӯ ба ин савол ҷавоб медиҳад. "Зеро ки ман як фармонбар ҳастам, ва дар зери итоати худ низ сарбозонро дорам; ба яке мегӯям: "Бирав", меравад; ба дигаре мегӯям: "Биё", меояд; ба ғуломи худ мегӯям: "Фалон корро бикун", мекунад". Ин аз он сабаб буд, ки ӯ чӣ тавр кор кардани қудратро медонист. Чуноне ки ӯ фармонбардор буд, ҳамчунон хизматгорони ӯ фармонбардори ӯ

буданд. Ӯ мефаҳмид, ки сухани сардори ӯ ҳамчун овози Қайсар садо медод. Дар асл, рости гап, овози сардори ӯ овози Қайсар ҳам буд. Ӯ ҳамчунин мефаҳмид, ки овози ӯ барои хизматгоронаш ҳамчун овози Қайсар садо медиҳад. Қудрат ана ҳамин тавр кор мекунад. Аз ин рӯ, азбаски ӯ маънои фармонбардор буданро мефаҳмид, ӯ осон фаҳмид, ки чӣ тавр Исо танҳо сухан ронда, вазъиятро ба зери назорати Худ гирифта метавонист. Ин ҳама коре буд, ки Ӯ бояд мекард. Агар Ӯ ба хизматгор мегуфт, ки чӣ кор бояд кунад, вай иҷро мекард. Ана ҳамин тавр ба осонӣ. Ин аст ҳақиқате, ки шумо бояд омӯзед:

**ШУМО ТАНҲО ҲАМОН ВАҚТ ДОРОИ ҚУДРАТ МЕГАРДЕД, КИ АГАР БА ҚУДРАТ ИТОАТ КУНЕД!**

Агар шайтон ҳама гуна ҳурмату эътиборро, ки ба қудратмандон хос аст, аз байн бубарад ва ҳамаро бовар кунонад, ки онҳо ҳар кореро, ки мехоҳанд, карда метавонанд, он гоҳ ҷаҳон вайронаву бесарусомон мегардад. Ӯ маҳз ҳамин тавр Ҳавворо дар боғи Адан ба васваса андохт: “Оё дар ҳақиқат Худо гуфтааст?” Мутаваҷҷеҳ бошед, ҳар як одам дар ин сайёра ба ягон нафар ё ҳатто ба чандин нафар итоат мекунад. Идроки он, ки дар зери қудрати кӣ ҳастед, ба шумо ёрӣ медиҳад, ки ба кӣ итоат кардан ва ба кӣ итоат накардани худро бифаҳмед. Аммо ҳоло ҳама мехоҳанд, ки ба ҳеҷ кас итоат накарда, соҳиби қудрат бошанд, вале ин ғайриимкон аст.

**ИДРОКИ ОН, КИ ДАР ЗЕРИ ҚУДРАТИ КӢ ҲАСТЕД, БА ШУМО ЁРӢ МЕДИҲАД, КИ БА КӢ ИТОАТ КАРДАН ВА БА КӢ ИТОАТ НАКАРДАНИ ХУДРО БИФАҲМЕД.**

Ба наздикӣ ман бо пудратчие сӯҳбат кардам, ӯ нақл кард, ки барои аз андоз ва пардохтҳои суғуртавӣ канораҷӯӣ кардан ба коргарон бо пули нақд маош медиҳад.

Аммо ман аллакай медонам, ки оқибати ин кор чӣ хоҳад буд. Рӯзе коргар ҷароҳат мебардорад, бо сабаби корношоямӣ барои ёрдампулӣ ариза медиҳад, ва баъд мефаҳмад, ки сардор тибқи барномаҳои ҳатмии ҷубронпулиҳо барои вай пул насупоридааст, ва

он гоҳ пудратчиро ба суд медиҳад, чунки аз рӯи қонун вай бояд аз сабаби корношоямӣ ёрдампулӣ гирад. Дар калисои мо бо чанде аз пудратчиҳо айни ҳамин воқеа рӯй дода буд.

Ҳафтаи гузашта ман бо як зан сӯҳбат кардам. Ӯ мегуфт, ки вай ба шубон ниёз надорад; барои вай муносибати байниҳамдигарии Рӯҳулқудс ва ӯ кифоя аст. Ӯ ҷиддӣ мегӯяд? Хайр, ӯро лозим аст, ки бо Исо гуфтугӯ кунад, чунки маҳз Ӯ дар Нома ба Эфсӯсиён боби 4 шубонҳоро таъин кардааст ва калисои маҳаллиро таъсис додааст. Агар он зан ба Исо итоаткор бошад, пас ба қудрате, ки Ӯ барқарор кардааст, итоат кунад. Гап дар сари он аст, ки вай ба Исо итоаткор нест ва аз рӯи хоҳиши худ рафтор кардан мехоҳад. Аниқтараш, аз ҳамин сабаб ӯ қурбони фиреб шуда, ба мушкилиҳо дучор мешавад.

Ба наздикӣ ман бо фурӯшандае сӯҳбат кардам, ки ширкати худро оид ба фурӯш таъсис дода, ҳамаи муштариёни худро аз ширкати пешина бо худ бурдааст, гарчанде онҳо дар бораи даст кашидан аз рақобат шартнома имзо карда буданд. Ва онҳо ҳамин тавр рафтор карда, оё гумон мекунанд, ки ба комёбӣ ноил мешаванд? Ин дуздӣ асту халос!

Медонам, эҳтимол ин боб дар муқоиса бо бобҳои дигар, ки ман дар онҳо оид ба воқеаҳои фавқуттабиӣ, яъне корҳои аҷоибе, ки Рӯҳулқудс ба амал меорад, нақл кардаам, ба шумо маъқул нашавад, вале агар шумо ин бобро дуруст нафаҳмед, пас ҳамаи чизҳои боқимондаро фаромӯш карда метавонед, чунки Худо маҳз ҳаминро таҳсин мекунад.

Ман воқеаеро оиди он дар ёд дорам, ки боре як зан дар ҷамъомади дуо ба наздам омада, бо ашкрезӣ аз ман пурсид, ки барои чӣ ҳангоми дуо ман ба вай имкони суханронӣ кардан надодам. Ман ба ҳайрат афтодам! Ин чӣ кори бузурге аст, ки туро ҳатман бояд барои бурдани дуо таклиф кунанд, магар ҳуввияти ӯ дар асоси таваҷҷӯҳи оммавӣ бунёд мешавад?

Ва, албатта, ман дар як лаҳза метавонистам бигӯям, ки чаро ба вай сухан надодам, агар вай умуман лаёқати гӯш кардани касеро медошт.

Ин зан шавҳари худро гӯш намекард ва доимо дар нишастҳои беохир камбудии рӯҳонии ӯро таъкид мекард. Аз ин рӯ ман вайро таклиф накардам. Бар хилофи дигарон, ин зан худро дар муқоиса бо аъзои дигари гурӯҳ шахси рӯҳонӣ меҳисобид. Аммо далели он, ки вай бо ашкрезӣ ба наздам омад, нишон дод, ки ӯ сардоронро ҳурмат намекунад ва бо ин тариқ хавф эҷод мекунад.

Иҷозат диҳед, ки ба шумо саволе диҳам. Оё шумо дорои ҳамон гуна тахассус ҳастед, ки ба самти орзуҳои худ равона шавед? Агар ман шубон ё сардори шуморо мепурсидам, ки ақидаи самимонаи онҳо дар бора шумо чӣ гуна аст, онҳо чӣ ҷавоб медоданд? Мебинед, то даме ки дар итоаткорӣ аз имтиҳон нагузаред, қудратро ба даст гирифта наметавонед. Ин ҳарфи ман нест, инро Исо гуфтааст.

> *Касе ки дар чизи андак мӯътамад бошад, дар чизи бисёр низ мӯътамад аст, ва касе ки дар чизи андак ноинсофӣ кунад, дар чизи бисёр низ ноинсоф аст. Пас, модоме ки шумо дар сарвати ноинсофона мӯътамад набудед, кист, ки сарвати ҳақиқиро ба шумо месупурда бошад? Ва модоме ки дар чизи бегона мӯътамад набудед, кист, ки чизи худатонро ба шумо медода бошад?*
>
> – Луқо 16:10–12

**Оё ба шумо қудратро бовар карда додан мумкин аст? Ҷавоб – дар итоаткории шумо.**

Биёед як қиссаеро, ки дар Китоби Муқаддас нақл карда шудааст, дида мебароем. Он ба муваффақияти шумо дар ҳаёт таъсири ҷиддӣ расонида метавонад.

> *Ва фалиштиён барои ҷанг кардан ба муқобили Исроил ҷамъ шуданд, ки сӣ ҳазор ароба, ва шаш ҳазор савора, ва қавми сершуморе мисли реги соҳили баҳр доштанд; ва онҳо омада, дар Михмос, ба тарафи шарқии Байт-Овин ӯрду заданд. Ва мардуми Исроил диданд, ки аҳволашон табоҳ шудааст, зеро*

*ки қавм ба танг омадаанд. Ва қавм дар мағораҳо, ва дар сӯроххо, ва дар миёни сахраҳо, ва дар бурҷҳо, ва дар ҳафраҳо пинҳон шуданд; ва баъзе аз ибриён аз Урдун гузашта, ба замини Ҷод ва Ҷилъод омаданд; ва Шоул ҳанӯз дар Ҷилҷол буд, ва тамоми қавм бо тарсу ларз назди ӯ шитофтанд. Ва ҳафт рӯз, то мӯҳлате ки Самуил таъин намуда буд, интизорӣ кашиданд, вале Самуил ба Ҷилҷол наомад; ва қавм аз пеши Шоул пароканда мешуданд. Ва Шоул гуфт: «Қурбонии сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатиро назди ман биёред!» Ва қурбонии сӯхтаниро баровард.*

– 1 Подшоҳон 13:5-9

*Ва Самуил ба Шоул гуфт: «Беақлона амал кардаӣ! Ҳукми Худованд Худои худро, ки Ӯ ба ту амр фармудааст, ба ҷо наовардаӣ, ва ҳол он ки алҳол Худованд подшоҳии туро бар Исроил то абад устувор мегардонид; вале алҳол подшоҳии ту устувор нахоҳад гардид;* ***Худованд барои Худ шахси дигарро ба муддаои табъи Худ хоҳад талабид, ва ӯро Худованд бар қавми Худ раис таъин хоҳад кард,*** *зеро ки ту он чиро, ки Худованд ба ту амр фармуда буд, ба ҷо наовардаӣ».*

– 1 Подшоҳон 13:13, 14

Шоул корношоям шуд, чунки ба қудрат итоат накард. Инак, мо боз мебинем, ки агар шумо ба қудрат итоат накунед, онро ба даст оварда наметавонед. Ба як чизи муҳим таваҷҷӯҳ кунед. Худованд мехост, ки шахси дигарро бо муддаои табъи Худ пайдо кунад. “Муддаои табъ” чӣ маъно дорад?

*Вақте ки ӯро аз миён бардошт, Довудро бар онҳо подшоҳ таъин кард ва дар ҳаққи ӯ шаҳодат дода, гуфт: “Довуд ибни Йисойро мувофиқи табъи дили Худ ёфтам,* ***ки ӯ тамоми хостаи Маро ба ҷо хоҳад оварد”.***

– Аъмол 13:22

Худо шахсеро, ки “муддаои табъи Ӯст”, чӣ гуна муайян мекунад? Дар асл, ин шахсе аст, ки чизеро, ки Худо бад мебинад, вай ҳам бад мебинад, ва чизеро дӯст медорад, ки Худо онро дӯст медорад, шахсе аст, ки он кореро иҷро мекунад, ки агар Худо дар он ҷо мебуд, иҷро мекард. Ба ибораи дигар, агар Худо гуноҳро бад бинад, онҳо низ гуноҳро бад мебинанд. Агар хоҳиши Худо он бошад, ки коре иҷро гардад, онҳо мехоҳанд, ки он иҷро карда шавад. Дар ин дунё мо фикр мекунем, ки шахси муддаои табъи Худо – ин шахсе, ки аз ҷиҳати рӯҳонӣ лаёқатноктар аст. Мо фикр мекунем, ки рӯҳоният – ин мусиқии ороми парастиш. Аммо Худо возеҳ мегӯяд, ки парастиши рӯҳонӣ – дар итоаткорӣ.

> *Ва Самуил гуфт: “Оё барои Худованд қурбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳо ончунон матлуб аст, чунон ки шунидани овози Худованд? Шунидан, охир, аз забҳ хубтар аст,* ***ва гӯш андохтан — аз чарбуи кӯчқорон.*** *Зеро ки беитоатӣ мисли гуноҳи ҷодугарист, ва муқобилият — мисли бутпарастӣ. Азбаски ту каломи Худовандро рад кардӣ, Ӯ низ туро аз подшоҳӣ рад кард”.*
>
> – 1 Подшоҳон 15:22, 23

Ҳамин тариқ, бори дигар иҷозат диҳед, то бигӯям, ки овози Худо ҳамчун овози сардори шумо садо медиҳад! Худо имкон медиҳад, ки аксуламали шуморо нисбат ба қудрат бисанҷад, дар ҳоле ки ҳеҷ кас номи шуморо намешиносад. Аксари одамон намедонанд, ки ҳамаи ин чӣ тавр кор мекунад.

**ҲАМИН ТАРИҚ, БОРИ ДИГАР ИҶОЗАТ ДИҲЕД, ТО БИГӮЯМ, КИ ОВОЗИ ХУДО ҲАМЧУН ОВОЗИ САРДОРИ ШУМО САДО МЕДИҲАД!**

Онҳо кори нопурравақтаи худро аҳамиятнок намеҳисобанд; дар он ягон чизи муҳим нест. Аммо онҳо намедонанд, ки худро ба итоаткории боғаразона одат мекунонанд, то ки бо назардошти хоҳишҳо ва ҳадафҳои худ аз нуқтаи назари худ

муайян кунанд, ки чӣ сазовори итоаткорӣ аст.

Ба одамон таълим намедиҳанд, ки барои сазовори боварӣ гардидан ба гирифтани кори нопуррае розӣ шаванд, чуноне ки ин кор гӯё кори шахсии онҳо бошад. Аксари одамон ба ин чизҳо дигар хел менигаранд. Онҳо дар назди худ мақсадҳои фарохтар мегузоранд. Ниҳоятан ин фақат як кори нопурраест барои гирифтани даромади иловагӣ, чизи махсусе нест. Нодуруст!

Чунин фаҳмише вуҷуд надорад, ки кор ночиз аст. Вазифаҳои хурд вуҷуд надоранд. Кори Довуд ночиз буд, яъне чаронидани гӯсфандон. Аммо барои вай ин кор ночиз набуд; ӯ ҳадди ақал ду бор ҷони худро дар хатар гузошта буд, то ки гӯсфандонро муҳофизат кунад. Ба ибораи дигар, ӯ ба вазифае, ки ба вай бовар карда, супорида буданд, ҷиддӣ муносибат мекард. Гарчанде ҳеҷ кас намедонист, ки ӯ кӣ аст, Худо медонист! Ва Худо аниқ медонист, ки дар ҳар лаҳза ӯ дар куҷо аст.

Худо ҳамчунин медонад, ки шумо дар куҷо ҳастед, ва Ӯ медонад, ки муносибати шумо ба қудрат чӣ гуна аст. Мағзи гап дар он аст, ки агар шумо ба одаме, ки мебинед, итоат накунед, ба Худо, ки намебинед, итоат намекунед. Шумораи зиёди одамоне, ки ман вомехӯрам, психологияи вобастагӣ, психологияи қурбонӣ доранд: доимо каси дигар айбдор аст. Онҳо ҳамеша мегӯянд, ки дар ҳама чиз сардор, ҳукумат гунаҳкор аст, танҳо то ба андозае кор мекунанд, ки зиндагиашонро нӯг ба нӯг таъмин кунанд, танҳо вақте кор мекунанд, ки касе онҳоро маҷбур созад. Онҳо, одатан, мафкураи иҷрокунандаро доранд, ба ҷои он ки мустақилона фикр кунанд, ба онҳо лозим аст, ки дигарон чӣ кор карданро ба онҳо бигӯянд. Бо писарони Исроил низ ҳамин тавр буд. Онҳо аз занҷирҳои бисёрсолаи асорат раҳо шуда бошанд ҳам, ба мисли ғулом фикрронӣ карданро давом медоданд, новобаста ба он ки озод шуда буданд. Вақте ки онҳо бо азимҷуссаҳои замини мавъуд вомехӯрданд, мафкураи ғуломонаи онҳо боиси мағлубияти онҳо шуда метавонист. Худо ҳанӯз пеш аз дохил шудани онҳо ба замини мавъуд, бояд онҳоро ба муваффақият омода мекард. Ба Ӯ лозим мешавад, ки пеш аз ворид шуданатон ба замини ваъдашуда, шуморо низ тайёр кунад. Замине, ки ман дар

бораащ мегӯям, – ин тақдири шумо. Пас оё Ӯ онҳоро таълим дод?

> *Ва Ӯ туро азият дод, ва туро гурусна мононид, ва туро манн хӯронид, — ки на ту онро медонистӣ ва на падаронат медонистанд, — то ба ту бифаҳмонад, ки одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худованд барояд, одамизод зиндагӣ мекунад.*
>
> – Такрори Шариат 8:3

> *Ва туро дар биёбон манн хӯронид, — ки падаронат онро намедонистанд, — то ки* ***туро азият дода, биозмояд, ва оқибат бар ту марҳамат намояд.***
>
> – Такрори Шариат 8:16

Худо онҳоро фурӯтан сохт, яъне онҳоро нокомил, мӯҳтоҷи ёрӣ гардонид. Онҳо мебоист ба Худо таваккал карданро ёд мегирифтанд, на ба худашон. Дар пеш онҳоро, ғайр аз ҷустуҷӯи ғизо, имтиҳонҳои хеле ҷиддитар интизор буданд. Дар пеш азимҷуссаҳо ва шаҳрҳои истеҳкомдоре буданд, ки агар онҳо аз ҳар гуна мушкилӣ бузургтар будани Худоро намедиданд, осон ба тарсу ҳарос афтода метавонистанд.

Ғайр аз ин, онҳо бояд мустақилона, бе маҷбурӣ, интихоби дуруст карданро ёд мегирифтанд. Имрӯз ман мебинам, ки волидон ба ҷои он, ки қалби фарзандони худро дигар кунанд, саъй мекунанд, ки дар онҳо интизомро ба вуҷуд оваранд. Ба бача амр мекунанд, ки хонаро рӯбучин кунад, ва ӯ итоат кунад ҳам, на бо қалби фурӯтан, балки бо ғазаб вазифаро иҷро карда, бо хашм дарро аз пасаш сахт пӯшида меравад. Волидайне, ки бо фарзандони худ дӯст шудан мехоҳанд, ба хона ворид шуда, чун мебинанд, ки он тоза аст, ба фарзанди худ мегӯянд, ки ӯ кори худро чӣ қадар нағз иҷро кардааст. Нодуруст. Бача зоҳиран итоат кардааст, вале на дарунакӣ. Итоаткорӣ ин вазифаи қалб аст. Рӯзе мешавад, ки волидайн барои талқин кардани қарорҳои дуруст дар паҳлӯи онҳо намеистанд. Вақте ки волидайн

парастории худро бас мекунанд, бача соҳибихтиёр мешавад, то ки аз рӯи салоҳдиди худ рафтор кунад. Акнун ҳар чизе, ки дар дилаш ниҳон буд, ошкор мешавад. Маҳз дар ҳамин лаҳза волидайн мушоҳида мекунанд, ки бача ба нохушиҳо гирифтор мешавад, ва ҳайрон мешаванд, ки Ҷоннии хурдакак ҳамеша бачаи хуб буд, ва вақте ки ӯ ба коллеҷ дохил мешавад ё зиндагии мустақилонаро сар мекунад, рафтори ӯ онҳоро ба ҳайрат меорад.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо санҷидани Исроилро ба нақша гирифта буд, то ки дар охир бо ӯ ҳама чиз бо хубӣ анҷом ёбад. Ин маҳз ҳамон чиз аст, ки мо дар борааш мегӯем. Дар муқоиса бо волидайне, ки бештар дар бораи он ғамхорӣ мекунанд, ки ба бача маъқул шаванд, Худо дар бораи некӯаҳволии дарозмуддати бача ғамхорӣ мекунад. Ӯ ҳолати қалби онҳоро пеш аз он, ки ба рафтори ҳамешагии онҳо табдил ёбад, ислоҳ мекунад. Вақте мегӯянд, ки Худо онҳоро имтиҳон кардан мехоҳад, маҳз ҳамин чиз дар назар дошта шудааст. Худо онҳоро то ба андозае ислоҳ мекунад, ки ҳангоми талаб кардани итоаткорӣ дар умқи дили онҳо чӣ гуна муносибат ошкор мегардад.

Ҳар кас бояд дар итоаткорӣ озмуда шавад! Аммо Худо моро дар куҷо таълим медиҳад, дар ҳоле ки биёбоне мавҷуд нест, то аз он гузар кунем? Дар куҷо мо овози Ӯро шунида метавонем, то ки фармонбардориро ёд гирем ва ба болоравии навбатӣ ноил гардем? Оё дар ёд доред, ки Худо дар бораи Шоул чӣ гуфта буд? Итоаткорӣ аз қурбонӣ беҳтар аст. Амалҳои зоҳирии шумо дар калисо асоси пешравии шумо шуда наметавонанд. Оё Худо ба шумо қудратро бовар карда метавонад? Он аз куҷо сар мешавад? Аз хона.

> *Эй фарзандон, ба падару модари худ дар Худованд итоат намоед, зеро ки ин аз рӯи инсоф аст. «Падар ва модари худро иззат намо», ин аст ҳукми аввалин бо чунин ваъда: «То ки некӯаҳвол бошӣ ва бар замин умри дароз бинӣ».*
>
> – Эфсӯсиён 6:1-3

Барои чӣ итоат ба волидайн сабаби умри дароз ва муваффақият

дар ҳаёт мегардад? Магар Худо барои итоаткорӣ ба шумо холҳо илова мекунад? Не, вале агар шумо волидайни худро, ки бар ҳаёти шумо қудрат доранд, иззату икром кунед, он гоҳ Худоро иззату икром хоҳед кард. Агар шумо қудрати илоҳиро дар ҳаётатон эҳтиром кунед, ба Ӯ итоат кунед, барои шумо ҳама чиз хуб хоҳад шуд. Бинобар ин ман гуфта метавонам, ки вақте шумо наврас ҳастед ва дар зери парастории волидайн қарор доред, онҳо ҳамчун Худо садо медиҳанд.

Ҷои дуюм, ки ба қудрат мутеъ шуданро Худо ба шумо ёд медиҳад, – ин мутеъ шудан ба қудрат дар ҷамъият. Сардори шумо, шубони шумо, корманди полис ва ҳокимият – ҳамаи ин намунаҳои қудрат, ки Худо дастур медиҳад, ки мо ба онҳо мутеъ шавем.

Як оиларо дар калисоямон ёд дорам, ки доимо шикоят мекард ва дар бораи мушкилиҳои худ ҳарф мезад. Қариб монда буд, ки онҳо аз хонаи худ маҳрум шаванд, ва ба 10 000 доллар эҳтиёҷ доштанд, то ки онро ба ҳолати лозима биёранд ва аз мусодира шудани он халос шаванд. Онҳо саргузашти худро, эҳтимол, ба даҳҳо одамон дар калисо гуфта бошанд. Ниҳоятан як оилаи дигар тасмим гирифт, ки ба онҳо кӯмак кунад ва 10 000 доллар дод. Аммо пас аз чанд моҳ онҳо ба ҳолати пештара баргаштанд ва аз хона маҳрум шуданд. Ман бо ин зану шавҳар дар бораи вазъияти бавуқӯъомада сӯҳбат кардам, ҳар дуи онҳо бекор буданд. Ман ба онҳо пешниҳод кардам, ки то пайдо кардани кори мувофиқ ба ягон кори дигар машғул шаванд. Онҳо метавонистанд дар ягон тарабхонаи шаҳр кор кунанд, аммо гуфтанд, ки ин гуна кор на барои онҳо аст. Ба фикрам, зоҳиран, проблемаи онҳо на дар пул, балки аз нафаҳмидани қудрат ва масъулият буд. Бо ким-кадом сабабе онҳо намефаҳмиданд, ки барои ҳаёти худ ҷавобгаранд ва бояд барои ҳалли ин проблема тамоми кӯшишҳои заруриро ба харҷ диҳанд.

Рик Реннер, дӯсти ман, мегӯяд, ки пеш аз ягон касро киро кардан, ӯ хоҳиш мекунад, ки мошинашро нишон диҳад, ё бе огоҳӣ ба хонаи ӯ меравад. Ӯ мефаҳмад, ки агар касе мошини худро тоза нигоҳ надорад, пас ҳеҷ гоҳ чизҳои худро ба тартиб оварда наметавонад. Аз

ин рӯ фақат масъалаи вақт аст, то ки утоқи кории ӯ низ ба мошинаш монанд шавад.

Ман давраи санҷишҳои худро дар ҷои дурдаст гузаронидаам. Ва ман шодам, ки Худо ба ман иҷозат надод, то ба қудрат муносибати бепарвоёна ҳосил кунам. Ӯ маро фурӯтан сохт ва имтиҳон кард, то ки барои иҷро кардани вазифаи худ омода шавам.

Вақтҳое буданд, ки ҳангоми зиндагӣ карданамон дар хонаи деҳқонӣ аз пул танқисӣ мекашидам. Хушбахтона, ман як созишномаи калони сармоягузориро ба имзо расонидам, ки ба туфайли он ман ҳисобҳои худро, дер-дер бошад ҳам, пардохт карда метавонистам. Аммо чек дар вақташ наомад, ва дар ман фикри олие пайдо шуд, то дар бонке, ки бонки асосии ман набуд, суратҳисоби худро барои пардохт кардани ҳисобҳо боз кунам, ва бо мақсади пас аз як рӯз гирифтани чек ва гузоштани он ба пасандоз, бидуни пӯшонидан ба суратҳисоби асосии ман чек кашам, то ки чеки таъминнашударо дар бонки нав пӯшонам. Аммо дар давоми ду ҳафта чек наомад! Ҳар рӯз ман то омадани чеки навбатии таъминнашуда дар яке аз бонкҳои худ чеки пӯшониданашудае менавиштам. Ин дар давоми ду ҳафта кор кард, ва аллакай миқдори чеки пӯшониданашуда аз 2000 доллар зиёд шуд, зеро ба ман лозим буд, ки маҳсулоти хӯрокворӣ бихарам. Дар давоми ин давра миқдори он афзудан гирифт.

Аммо ҳамааш тамом шуд, вақте ки менеҷери бонк саҳарии барвақт ба ман занг зада, гуфт: “Ҷаноб Киси, ман медонам, ки шумо чӣ кор карда истодаед, ва ман ҳисоби шуморо мебандам. Шумо бояд барои пӯшонидани ин ҳисоб пул биёред, ва шумо дигар ҳеҷ гоҳ дар бонки мо ҳисоб кушода наметавонед”. Ман дастгир шудам! Дар ин вазъият аз ҳама бадтаринаш он буд, ки дар чекҳое, ки ман истифода мебурдам, аз Навиштаҷот иқтибосҳо буданд, ва ман ба менеҷери бонк шаҳодат дода будам, ки Худо бузург аст. Худоро шукр, ки айнан ҳамон рӯз чек омад, ва ман тавонистам, ки онро ба бонк барам, то ки қарзҳоро пӯшонам. Аммо ба ман лозим шуд, ки ба ҳуҷраи кории идоракунандаи бонк дароям ва гӯям, ки ӯ айбро ба Худо нагузорад, зеро ҳамаи ин кори дастони ман буданд, ва ин ахмақона буд.

Дар солҳои аввали кор дар соҳаи бизнес ман аз ноиб-президенти минтақавии худ таълим гирифта будам. Вақте ки ӯ коғазҳои маро оид ба фурӯш дида мебаромад, мушоҳида кард, ки ман дар яке аз ҳуҷҷатҳо имзо нагирифтаам. Ӯ гуфт: "Ҳеҷ мушкилӣ нест, фақат онро ба рӯшонӣ бурда, аз рӯи намуна ба ҷойҳое, ки онҳо имзо накардаанд, имзо кунам. Охир, – гуфт ӯ, – онҳо толиби ин мол ҳастанд ва дар ҳамаи ҷойҳои дигар имзо кардаанд". Тақрибан пас аз як моҳ ба ман адвокати мизоҷи ман занг зада, хабар дод, ки мизоҷ маро ба суд додааст ва дар ҳаққи ман бо мақсади гирифтани пули нақд барои ба таври қалбакӣ истифода бурдани номи ӯ 100 000 доллар даъво кардааст. Маблағ то 5000 доллар кам карда шуд, зеро ноиб-президенти минтақавии ман барои ин кор ҷавобгарии муайян дошт ва аз кор озод карда шуд.

Аммо ин як маротиба барои сабақ бардоштан кифоягӣ накард! Яке аз намояндагони нави ман бояд барои суғурта имтиҳон месупорид, аммо вай барои харидани маводи таълимӣ пул надошт, аз ин рӯ ман онро барои вай нусхабардорӣ кардам. Ӯ коғазҳоро дар он ҷое, ки санҷишҳо гузаронида мешуданд, гузошта рафт, ва боз ба ман адвокат занг зад ва барои вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллиф маро ба суд дод. Дар он рӯзҳо ман роҳро ба офиси хадамоти андозсупорӣ ҳамчун панҷ ангушти худ медонистам. Ман ҳамеша бо ҳисобҳои пардохтнашудаи андоз ва ҷаримаҳо сарукор доштам. Ҳоло ман ҳамаи ин воқеаҳоро бо ҳиссиётҳои омехта ба ёд меорам. Худо маро ба масъулиятшиносӣ даъват кард, маро таълим дод. Ӯ медонист, ки рӯзе ман бо миллионҳо доллар сарукор хоҳам дошт, ва Ӯ иҷозат намедиҳад, ки ман беҷазо монам. Барои ин ба Худо ташаккур мегӯям!

Ба ман лозим шуд, то бидонам, ки Худо – пешбарандаи ман, ва Ӯ бо пешбарандагӣ танҳо дар масъалаи самаранокӣ машғул намешавад. Ҳамчунин тафтиш кардан зарур буд, ки ман то чӣ андоза принсипнок ҳастам. Ана барои чӣ ман мегӯям, ки Худо ба сардори шумо монанд аст. Сардори шумо – ин асбобе, ки Худо барои ба супориши навбатӣ тайёр кардани шумо ва мутеъ гардонидани шумо истифода мебарад. Оё шумо аз санҷиш мегузаред?

*Зеро ки на аз машриқ наҷот меояд, ва на аз мағриб, ва на аз биёбони кӯҳсор, балки Худо довар аст: якеро сарнагун мекунад, дигареро сарафроз мегардонад.*

– Забур 74: 7, 8

*Ҳар ҷазо дар замони ҳозира ба назари кас на шодӣ, балки андӯҳ менамояд; лекин оқибат ба онҳое ки ба воситаи он таълим ёфтаанд, самари осоиштаи адолатро меоварад.*

– Ибриён 12:11

*Эй ғуломон, ба оғоёни башарии худ **бо тарсу ларз** ва бо соддадилӣ, мисли он ки ба Масеҳ бошад, итоат намоед, на бо ҳозирхизматии зоҳирӣ, ҳамчун одампарастон, балки ҳамчун ғуломони Масеҳ, **ки иродаи Худоро аз таҳти дил ба ҷо меоваранд.** Ғайратмандона хизмат кунед, мисли он ки ба Масеҳ бошад, на ба одамон, зеро медонед, ки ҳар кас, хоҳ ғулом бошад, хоҳ озод, ба андозаи кори неке ки кардааст, аз Худованд мукофот хоҳад гирифт. Ва шумо, эй оғоён, бо онҳо низ ҳамин тавр рафтор кунед, ва аз таҳдид даст кашед, ва бидонед, ки бар сари шумо ҳам дар осмон Оғое ҳаст, ва Ӯ рӯйбинӣ надорад.*

– Эфсӯсиён 6:5–9

Итоат бо тарсу ларз ва бо соддадилӣ! Шумо ба сардори худ бояд маҳз ҳамин тавр муносибат кунед. Павлус мегӯяд, ки итоаткории шумо ба сардоратон иҷро кардани иродаи Худо аст. Ҳайрон шудед? Ман ҳайрон шуда будам!

Пас овози Худо ба чӣ монанд аст? Ба овози сардори шумо!

## ИН ТАФТИШ АСТ!

Ин тадқиқотро ба анҷом расонида, ман боварӣ дорам, ки шумо илҳому рӯҳбаландӣ пайдо кардед. Рӯҳулқудс – ин Шарики аҷоиб дар

ҳаёт буда, ваъда додааст, ки ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад ва танҳо намегузорад. Ба шумо нақл кардани чунин ҳақиқатҳои бебаҳо барои ман шарафи бузург буд.

– Гэри Киси

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ оиди халос шудан аз қарзҳо ва маблағгузории бехавф шумо метавонед бо ширкати ман, Forward Financial Group, бо телефони 1-(800)-815-0818 тамос гиред.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ оиди Подшоҳии Худо аз сомонаи FaithLifeNow.com истифода баред.

Маълумотҳоро оиди калисои "Ҳаёт бо имон" дар сомонаи FaithLifeChurch.org. ёфта метавонед.

БОБИ 12

# ЧӢ ТАВР ДУО КАРДА, БО РӮҲУЛҚУДС ТАЪМИД ЁФТАН МУМКИН АСТ

Ҳамаи он чизе, ки аз Худо қабул мекунем, мо бо боварӣ ба он қабул мекунем, ки Худо ба мо мегӯяд, ва гирифтани ин ато аз Худо ҳеҷ фарқе надорад. Пеш аз он ки барои гирифтан дуо кунед, порчаҳои Китоби Муқаддасро, ки дар ин китоб оварда шудаанд, ҳатман омӯзед. Боварӣ ҳосил кунед, ки ин барои шумо иродаи Худо аст, ва ба саволҳои худ ҷавоб пайдо кунед. Вақте боварӣ ҳосил мекунед, ки таъмид бо Рӯҳулқудс барои шумо пешбинӣ карда шудааст, бо ин суханон дуо кунед:

> **“Падар, имрӯз аз Ту илтимос мекунам, ки маро бо Рӯҳи пурқудрати Худ таъмид диҳӣ. Ман ҲОЛО, тибқи Каломи Ту, онро бо қобилияти дуо кардан дар Рӯҳ қабул мекунам. Ман инро ба номи Масеҳ ва ба хотири ҷалоли Ту талаб мекунам! Омин”.**

Ҳангоми дуо ҳиссиётҳо ё азсаргузарониҳои муайянро набояд интизор шуд, вале бо боварӣ ба он, ки ҳар чизи талабидаатонро пайдо мекунед, устуворона дар Каломи Худо қоим будан лозим аст. Баъд аз он ки хоҳиш кардед ва қабул намудед, Худоро ситоиш кунед ва шукргузорӣ намоед, ки Ӯ мувофиқи ваъдаи Худ шуморо бо Рӯҳулқудс таъмид кардааст.

Вақте ки шумо дуо мекунед, танҳо боварӣ ҳосил кунед, ки *чун металабед, меёбед,* на он вақте ки шумо исботи чунин гирифтанро намоён мекунед. Исботи шумо – ин Каломи Худо.

> *"Ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад шуд" (Мар. 11:24б).*

Баъд аз дуо ҳатман барои парастиши Худо вақт ҷудо кунед, то ки Рӯҳи Худо ҳангоми дуои шумо озодона Худро зоҳир кунад. Худо лабҳои шуморо маҷбуран ба кор намеандозад! Шумо бояд барои дуо бо забонҳо кушода бошед. Вақте ки одамон дуо мекунанд ё Рӯҳи Худоро эҳсос менамоянд, дар даруни худ ҷунбиш ё фишорро ҳис мекунанд.

Дуокуниро давом дода, ба Рӯҳулқудс худро супоред. Шумо садоҳо ё ҳиҷоҳои гуногунеро ҳис мекунед, ки аз рӯҳи шумо мебароянд. Шумо бо имон бояд ба ин садоҳо худро супоред. То ба андозае ки шумо ин корро ба амал меоред, ҷараён ва озодшавии Рӯҳулқудс афзоиш хоҳад ёфт.

Агар бо ягон сабабе шумо зуд бо забонҳо дуо карданро сар накунед, зиқ нашавед. Шумо аз рӯи имон гирифтаед, бинобар ин танҳо Худоро барои тадҳини Ӯ шукргузорӣ карданро давом диҳед. Ман бисёр одамонеро вохӯрдаам, ки баъд аз ҷамъомади дуо оиди таъмид ёфтан бо Рӯҳ аз калисо ба хона баргашта, дар қалби худ дар роҳ ба сӯи хона, субҳи дигар дар ҳаммомхона ё пас аз чанд рӯз ҳангоми дарав кардани алафи рӯи ҳавлиашон дар Рӯҳ дуо хонданро сар кардаанд. Аз ҳама асосиаш – бо имон қабул кунед, на аз рӯи эҳсосот.

Дуогӯиро дар Рӯҳ як қисми ҳаррӯзаи ҳаёти худ гардонед ва одати қавии дуогӯиро дар худ инкишоф диҳед. Худо бо шумо сӯҳбат хоҳад кард ва ба саволҳои шумо ҷавоб хоҳад дод! Ман боварӣ дорам, ки шумо барои дар Рӯҳ дуо кардан вақт пайдо мекунед ва аз афзалиятҳои Подшоҳии Худо, ки аллакай доред, лаззат мебаред!

# ЭЗОҲОТ

1 Ҷаред Дублин “Маҳбус-мухлиси ашаддӣ аз болои ЛМФ (Лигаи Миллии Футбол – шарҳи тарҷ.) дар бозӣ бо “Пэкерс” аз сабаби ба ҳисоб нагирифтани тӯбе, ки Дез Брайант дошта буд, ба миқдори 88 миллиард доллар даъво кард, 23 январи соли 2015, https://www.cbssports.com/nfl/news/jailed-fansuing-nfl-for-88-billion-over-dez-brayant-non-catch-vs-packers/.

2 https://www.dictionary.reference.com/brows/Edified?s=t.

3 Лин Эдвардс, “Равоншиносон изҳор мекунанд, ки тифлон неку бадро ҳатто дар шашмоҳагӣ фарқ мекунанд”, 10 майи соли 2010, https://medicalxpress.com/news/2010-05-psychologists-babies-wrong-months.html.

## Китобҳои Гэри Киси
## аз силсилаи
## “Инқилоби молиявии ту”

Қуввати ризоият

Қуввати оромӣ

Қуввати таъминот

Қуввати саховат

# ИНҶИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ
## Қуввати стратегия

Ҳаёт пур аз қарорҳои муҳим аст.

Чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст, ки кадом хонаро бояд бихаред, ба кӣ ба шавҳар бароед ё ба кадом кор дароед?

Агар шумо ба муваффақият ноил шудан хоҳед, ба шумо стратегия лозим аст. Вале агар шумо ба ҳамаи саволҳои худ ҷавоб надоред, чӣ тавр стратегияро кор карда баромадан мумкин аст?

Асрори Худо барои шумо ниҳон карда шудаанд, вале на аз шумо.

**Худо мехоҳад, ки шумо ҷавобҳоеро дошта бошед, ки ба шумо лозиманд, – маҳз аз ҳамин сабаб Ӯ ба шумо аслиҳаи махфӣ додааст!**

Дар қисми сеюми силсилаи "Инқилоби молиявии ту" Гэри Киси яке аз муҳимтарин ҷиҳатҳои муваффақияти худ ва АЗ ҲАМА МУҲИМТАРИН асрори Подшоҳии Худоро, яъне қуввати стратегияро ошкор мекунад! Ҳар касе, ки ба кучо тӯр андохтанро медонад, моҳӣ дошта метавонад. Худо ҷавобҳоеро, ки ба шумо лозиманд, дорад, аммо шумо бояд бифаҳмед, ки чӣ тавр ин ҷавобҳоро шунида ва дар ҳаёти худ истифода бурда метавонед. Ин китоб маҳз дар бораи ҳамин аст.

Дар ин саёҳати мафтункунанда ба Гэри ҳамроҳ шавед ва чӣ тавр дар ҳаёти худ амалӣ кардани қуввати стратегияро омӯзед!



ГЭРИ КИСИ – муаллиф, сухангӯ, соҳибкор, эксперти соҳаи молия ва шубон, ки ба одамон барои пирӯзӣ ёфтан дар ҳаёт, махсусан дар соҳаи имон, оила ва молиёт ёрӣ мерасонад. Гэри ва ҳамсари ӯ Дренда – таъсисдиҳандагони якчанд ширкатҳои комёб ва асосгузорони хидматгузории "Ҳаёт бо имон", ки ду барномаи телевизионӣ, "Ҳалли масъалаҳои пулӣ" ва "Дренда"-ро ба намоиш мегузорад, дар тамоми ҷаҳон анҷуманҳо доир мекунад ва имкониятҳои амалиро пешниҳод менамояд. Гэри ва Дренда Киси шубонҳои калисои "Ҳаёт бо имон" мебошанд, ки дар наздикии шаҳри Колумбус, иёлати Оҳайо, ҷойгир шудааст.

GKM GARY KEESEE MINISTRIES

garykeesee.com